Эдуард Полетаев

# Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ

Қонунҳо, меъёрҳо ва принципҳои ахлоқӣ

Жанрҳо ва сохтори мақолаҳо

Раванди кори таҳрир

Мусоҳиба: услуби касбии муошират

Таҳқиқоти рӯзноманигорӣ

Ҳушдорӣ аз қаллобию фиребҳо ва таҷовузоти ахбор

Ҳуқуқи инсон барои рӯзноманигорон: маслиҳатҳои амалӣ

Интернет ва рӯзноманигор: дӯстӣ то абад

Рӯзноманигор дар майдони ҷанг

Саволу ҷавоби мухтасар

Пажӯҳишгоҳи Бритониёгии таҳқиқи ҷанг ва сулҳ

(IWPҚ)

**Эдуард Полетаев**

**Рӯзноманигории байналхалқӣ:**
**роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ**

Алматы 2003

ББК 76.12

М 43

**Полетаев Э.Э**. (муаллиф ва мураттиб)

**М 43 Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ.** Алматы, 2003. Намояндагии Пажӯ ҳишгоҳи Бритониёгии таҳқиқи ҷанг ва сулҳ дар Қазоқистон (IWPҚ) 280 саҳ.

ISйN 9965-00-705-5

Мӯҳтавои китоб аз маводе иборат аст, ки дар машғулиятҳои амалӣ барои рӯзноманигорони Осиёи Марказӣ аз ҷониби IWPҚ мавриди истифода қарор ёфтаанд ва аз ҳисоби таҷрибаи шахсии муаллиф, рӯзноманигорони варзидаи Федератсияи Россия, Британиёи Кабир ва ИМА тавсиъа ёфта, пурра шудааст. Ҳамчунин китоб аз маслиҳатҳо ва тавсияҳои амалӣ ғанӣ аст. Ба хотири он ки баъди мутолиаи китоб хонанда шефта нагардад, ки ба ҳадди рӯзноманигори касбӣ мерасад, муаллиф аз ҳамкасбонаш хоҳиш дорад, ки таҷрибаи шахсии худашонро дар доираи таҳлил анҷом бидиҳанд. Зеро ки маъмулан, фарқияти миёни назария ва амалия возеҳу равшан аст.

Ороиш ва виростаи Хегай В.В.

ББК 76.12

С 4502020000
00(05) - 03

Полетаев Э.Э., 2003

Тамоми ҳуқуқи табъу нашр ба номи Пажӯҳишгоҳи Бритониёгии таҳқиқи ҷанг ва сулҳ (IWPҚ) маҳфуз аст. Иқтибосоварӣ дар ҳолати истинод бар IWPҚ имкон дорад.

ISйN 9965-00-705–5

**Мундариҷа**

Сарсухан ………………………………………………………………………
Боби 1. Қонунҳо, меъёрҳо ва принципҳои ахлоқӣ ……………………
Боби 2. Жанрҳо ва сохтори мақолаҳо……………………………………….
Боби 3. Раванди таҳрири мақолаҳо ………………………………………….
Боби 4. Мусоҳиба: услуби касбии муошират…………………
Боби 5. Таҳқиқоти рӯзноманигорӣ ……………………………………………..
Боби 6. Ҳушдорӣ аз қаллобию фиребҳо ва таҷовузоти ахбор……………….
Боби 7. Ҳуқуқи инсон барои рӯзноманигор: маслиҳатҳои амалӣ……………
Боби 8. Интернет ва рӯзноманигор: дӯстӣ то абад……………………………
Боби 9. Рӯзноманигор дар майдони ҷанг………………………………
Боби 10. Саволу ҷавоби мухтасар……………………………………………….

Замима ……………………………………………………………………………
Барои Хадамоти Осиёи Марказии IWPҚ чӣ тавр бояд навишт……………..
Тавсияҳо барои продюсерҳои Би-би-си
……………………………………………
«Рӯзномаҳои комёбтарин - рӯзномаҳои бадтаринанд»…………………………..
Имкониятҳои Интернет барои муаллифон аз Осиёи
Марказӣ…………………..
Рӯйхати адабиёти истифодашуда ва Интернет-истинодҳо.............................

## Сарсухан

«Рӯзноманигорон бояд иҷозати барошуфтанро дошта бошанд. Онҳо бояд  имконияти ошкоро танқид намудани ҳокимиятро тавонанд, ки дар ифшои ягон масъала кӯшиши хомӯширо ихтиёр намудааст ва барои онҳо иҷозат дода шавад, ки дар шакли иғвогарона воқеиятеро ба вуҷуд оварда, онро тағйир бидиҳанд. Боист, ки сиёсатмадорон аз рӯзноманигорон хавф баранд ва на баръакс. Агар касе касби рӯзноманигории хешро новобаста аз навъҳои васоити ахбор маҳз ба ҳамин маънӣ дарк кардааст, фаҳмиши ӯ саҳеҳ аст».

Ханс Вернер Кильц

Китобе, ки дар дасти шумост, дастури классикии таълимӣ нест. Он танҳо як кӯшишест барои ҳамъбандӣ ва дарки меъёрҳои ягонаи рӯзноманигории байналхалқӣ аз нигоҳи сокинони Осиёи Марказӣ, ки ҳам дар ҳамкорӣ бо васоити ахбори умум (ВАУ)-и маҳаллӣ ва ҳам хориҷӣ тахриба андӯ хтаанд. Ҳамчунин китоб таҷрибаҳои рӯзноманигорони хориҷиро ба қадри зиёд дар бар мегирад, ки онҳо қаблан кайҳо ва чандин борҳо гирд оварда шудаанд.

Рӯзноманигории муосири байналхалқӣ маҷозан чеҳраҳои зиёд дорад, вале дорои як майлони умумии инкишоф аст. Сараввал дар бораи онҳо сухан хоҳад рафт. Дар муқоиса бо рӯзноманигории даврони баъдишуравӣ, ки каме беш аз 10 сол аз зери назорати цензураи шуравӣ хориҷ омадааст, рӯзноманигории байналхалқӣ дар шароити рақобатҳо роҳи тӯлонӣ ва пурпечутоберо тай намуда, теъдоди бузурги воситаю усулҳои ҷалб кардани таваҷҷӯҳи толибони ахборро ғун намуд. Барпошавӣ ва инкишофи ВАУ-и зиёди хориҷӣ ҳамқадами гаравиш ба сӯи демократия ва гуногунандешӣ (плюрализм) - и сохтори давлатдорӣ ташаккул меёфт.

Маҳз барои ҳамин ҳам, тамошобин ва ё хонандаи минтақаи мо дар аксари ҳолатҳо нисбат ба ВАУ-и маҳаллӣ, ба амсоли хориҷии он эътимод ва боварии бештар дорад.

Дар мавридҳои ҷудогона ВАУ-ҳои маҳаллӣ як қоидаи оддиро фаҳмида наметавонанд: танҳо хоҳиши воқеъбин, ростгӯ ва дақиқнавис будан кофӣ нест, балки рӯзноманигор бояд битавонад, ки ба ин хосиятҳо соҳиб гардад.

Талаботи рӯзноманигории байналхалқиро бо назардошти воқеияти маҳаллӣ мавриди омӯзиш қарор дода, муаллифон аз Осиёи Марказӣ ба моҳияти эҷодиёти хеш беҳтар ва амиқтар сарфаҳм мераванд. Агар онҳо ният дошта бошанд, ки маҳорати касбии хешро барои хонандагони хориҷӣ пешкаш намоянд, ёд хоҳанд гирифт, ки чӣ гуна фаъолияти хешро бо талаботи ниҳоят сахти муҳаррирони хориҷӣ дақиқтар мувофиқ сохта, овозашонро дар ҳамаи панҷ қитъаи Замин баландтар интишор созанд.

Хонандаи хориҷӣ дарк мекунад, ки ВАУ – и касбӣ ҳодисаҳои воқеиро чунон мавриди корбаст қарор медиҳанд, то ки таваҷҷӯҳи вай нисбати онҳо

афзоиш ёбад. Зеро ки дар шароити имрӯзаи инкишофи баланди соҳаҳои мувосилот ахбор аз тариқи роҳҳои гуногун то доираи хонандагон ба осонӣ мерасад. Ҳамаи гап дар он аст, ки ин хабарро бояд чӣ тавр пешниҳод кард. Рақобат дар бозори ахбор ба ин маънӣ на миёни сарчашмаҳои хабар, балки сарчашмаҳои тафсири он мавриди таҳаққуқ қарор мегирад. Қоидаи зерини рӯзноманигории байналхалқӣ вуҷуд дорад: " Далели воқеӣ ҳатмист, тавзеҳот - озод аст". Дар ин ҷо хабар ба ҳайси далели воқеӣ ва боқӣ ҳама мисоли меъмории суханҳоянд, ки ҳадафи он посух додан ба ҳамаи саволҳои хонандагон бе маҷбуран бор кардани андешаҳои шахсии муаллифи мавод ба гардани онҳо дар назар дощта мешавад.

Мутаассифона, хусусиятхои миллии рӯзноманигории минтақаи мо аз ҷониби ҳокимиятҳо қасдан барои нигоҳ доштани шаклҳо ва усулҳои кӯҳнашудаи кори рӯзноманигорӣ корбаст мешаванд.

Инкишофи илму техника, ки аз рӯи мантиқи дохилии хоси онҳо хараён дорад, ба рӯзноманигории амалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад; дар айни замон, воқеияти сиёсии Осиёи Марказӣ барои инкишофи минбаъдаи он монеъ аст. Зери қонунхои тиҷорат муттасил қарор додани матбуот, радио, телевизион, дар ҳама ҷо ворид намудани комьёбиҳои навини технологӣ, дар рӯ ёрӯи ВАУ–и минтақа масоили мураккабтаринро ба вуҷуд овардаанд. Ин ба ном «касалиҳои болоравӣ» хеле якнавохтанд ва барои паст фуровардани онҳо омӯзиши таҷрибаи инкишофи ВАУ дар кишварҳои Ғарб кӯмак хоҳад расонд. Ин тахриба ба ҳайси як мисоле барои инкишофи муваффақиятноки рӯзноманигории Осиёи Марказӣ дар воқеияти хаҳони муосир буда метавонад. Онҳо ба тариқи зайланд: ВАУ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа ба аҳамияти бузург доро шуда, ҳам ба равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳам ба худи инсон ба таври фаъол таъсир расонда истодаанд.

**Боби 1.**

## Қонунҳо,
## меъёрҳо ва
## принсипҳои ахлоқӣ

Ҳангоми гузаронидани яке аз машғулиятҳои амалӣ дар шаҳри Шымкенти Қазоқистон донишҷӯ и Донишгоҳи байналхалқии қазоқӣ-туркии ба номи Яссавӣ ба саволи зерини хеш аз ман посух хост: «Чаро мо бояд меъёрҳои ахлоқиеро, ки дар хориҷа қобили қабуланд, биёмӯ зем, дар ҳоле, ки дар кишвари мо дар ниҳояти кор ҳама чиз ё ба хати кашидаи дохилии худи рӯзноманигор ва ба талаботи муҳаррир вобаста аст? »

Ман дар он лаҳза посух додам, ки агар рӯзноманигорони қазоқ бе фишори беруна имкони коркуниро дошта бошанд ва новобаста аз имкониятҳои ВАУ маблағи пулии хубро чун ҳаққи кор дарёфт намоянд, дар он сурат ба омӯзиши меъёрҳои аҳлоқӣ эҳтиёҳ намедоштанд. Аммо асли масъала амиқтар аст. Барои фаҳмиши моҳияти он, ба суханони муқобилони меъёрҳои ахлоқӣ таваҷҷӯҳ фармоед, ки чунин иброз доранд:

- Ҳар гуна ғояи сунъӣ ва ҳам «меъёрхои ахлоқӣ» дар шароити Осиёи Марказӣ ё умри дароз надоранд, ё ба талаботи ҳокимиятҳо ҳамроҳ мешаванд.

- Озодии суханро набояд дар чаҳорчӯба маҳдуд кард.

- Болотар аз ҳама, агар дар таҳия намудани маҷмӯи қонуни ахлоқ намояндагони ҳокимиятҳо ширкат меварзанд. Ин бемаънигӣ аст.

- ВАУ-и хориҷиро қироат намуда, гумон мебарӣ, ки дар баъзе мавридҳо дар кори онҳо низ меъёрҳои ахлоқӣ вуҷуд надоранд. Пас, дар бораи аксари ВАУ-и Осиёи Марказӣ, ки ҳокимиятро ба ҳадди иғроқ тавсиф ва муқобилони онро таҳқир мекунанд, чӣ ҷои сухан аст?

- Маҷмӯи қонунҳои ахлоқӣ қоидаҳои пучу холиянд. Дар ҳар як ҳолати мушаххас ВАУ қарорҳо қабул карда, роҳбаладашон дар ин кор ҳадс (интуиция)- и шахсии худи онҳо ва вазъияти ҷорӣ мебошанд.

- Агар рӯзноманигор ва ё соҳиби ВАУ хоҳиши иҷро кардани принсипҳои дар маҷмӯи қонунҳои ахлоқӣ воридшударо надоранд, касе онҳоро маҷбур карда наметавонад. Барои ин қонун дар бораи ҷавобгарии ҷиноӣ барои вайрон кардани ахлоқ бояд вуҷуд дошта бошад.

- Қонуни бозор ва қонуни муборизаи ВАУ барои ҷалб кардани таваҷҷӯҳи тамошобин ва ё хонанда рӯзноманигоронро водор месозанд, ки ҳамеша меъёрҳои ахлоқиро сарфи назар намоянд.

- Ба вуҷуд овардани ҳар гуна Маҷмӯъи қонунҳои ахлоқӣ танҳо як воситаест барои шӯҳратманд намудани ашхосе, ки онҳоро эҷод карда, рӯикор мебароранд.

- Рӯзноманигорони касбӣ новобаста аз Маҷмӯъи қонунҳои ахлоқӣ медонанд, ки чӣ тавр бояд кор баранд. Онҳо ба хотири дастрас намудани далелҳои воқеии тоза ҷонашонро ба хатар намегузоранд,

- Мафҳуми «меъёри ахлоқӣ» барои рӯзноманигор умуман вуҷуд надорад. Як ахлоқи умумибашарие ҳаст, ки тарзи навишт ва нишон додани воқеаро барои ӯ талқин медиҳад.

- Меъёрҳои ахлоқӣ барои рӯзноманигороне заруранд, ки дар мавзӯҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ менависанд. Аммо агар рӯзноманигор хоҳиши ба матбуоти «зард» гузаштанро пайдо намояд, боист меъёрҳоеро, ки дар ҷои кори собиқ ҳидоятгари ӯ буданд, ба сӯи фаромӯшӣ барад.

- Агар ҳокимиятҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ҳолатҳои зиёд меъёрҳои дар Қонунҳои асосии ин кишварҳо воридшударо риоя накунанд, рӯзноманигорон ҳам бо пайравӣ ба кори эшон чунин рафтор хоҳанд кард.

Сипас, андешаҳои зерини тарафдорони меъёрҳои ахлоқиро мехонем:

- Рӯзноманигорон хештанро дар ҷои қаҳрамононашон тасаввур намуда, бояд меъёрҳои ахлоқиро риоя намоянд. Масалан, хабарнигор ҳангоми раҳсипоршавӣ барои иҷрои вазифааш худ ба худ сӯҳбат мекунад: оё вай ҳам шахсан хоҳиш дошта метавонад, ки ӯро дар шакли ғайримуқаррарӣ аз тариқи телевизион нишон диҳанд ва ё дар тамоми рӯзномаҳо дар бораи ӯ ҳарф зананд?

- Дар мураттаб сохтани Маҷмӯи қонунҳои ахлоқӣ ба ғайр аз рӯзноманигорон бояд инчунин вакилони парлумон ва ҳуқуқшиносон ширкат варзанд. Оё шумо ҳолати ҷомеаеро тасаввур карда метавонед, ки дар он, масалан, кормандони политсия барояшон ин қонунҳоро худашон эҷод менамоянд?

- Ахлоқи рӯзноманигорӣ – дарк кардани масъалаест, ки суханони аз тариқи телевизион талаффузшуда ва ё дар рӯзнома дарҷшударо ҳазорон шаҳрвандон на танҳо гӯш мекунанд ва ё мехонанд. Онҳо ба ин суханон боварӣ пайдо мекунанд. Дар давоми солҳои тӯлонии даврони ҳокимияти шӯравӣ одамон ба ташвиқу тарғиб одат кардаанд ва ба ВАУ боварӣ доранд. Барои ҳамин ҳам рӯзноманигор барои ҷомеа зарари ислоҳнашаванда меорад, агар ӯ аз меъёрҳои ахлоқӣ сарфи назар намояд.

- Рӯзноманигор бояд ҳангоми раванди масъалаи тақсимоти дурӯғ ва рост, ки бар қонунҳои ахлоқ асос меёбад, қобилияти ҷилавгириии хеш, эҳсосот ва такаббурашро дошта бошад. Ин бунёди ахлоқи рӯзноманигорӣ аст. Чунин рӯзноманигорон кам мондаанд, аммо онҳоро то ба ҳол эҳтиром ва қадр мекунанд.

- «Ҳокимияти чаҳорум» айнан мисли ҳокимиятҳои дигар чунин мепиндорад, ки барои ӯ ҳама чиз раво аст. Ҳокимият – ҳамеша масъулияти олӣ аст. Пас, «ҳокимияти чаҳорум» набояд касеро паст занад, таҳдид кунад, қасос гирад ва дӯғу пӯписа ба кор барад. Ё бояд аз раҳи ахлоқ равад, зеро дарк мекунад, ки ба соҳаи ҳассостарини инсон – нафси вай сарукор дорад.

- Меъёрҳои ахлоқии рӯзноманигор бояд аз ҳама бештар инкишоф ёфта бошанд, ё бояд эҳсоси баланди масъулиятро барои натиҷаи кори иҷрошудаи хеш ҳувайдо созад.

Аз гуфтори фавқуззикр **ба хулосаҳои зерин мерасем**:

- Ахлоқи рӯзноманигорӣ на танҳо ба соҳаи одобу аҳлоқ, балки ба соҳаи касбу тахассус ҳам тааллуқ дорад. Агар тамоми рӯзноманигорон қонуни асосиашон – Қонун дар бораи ВАУ-ро риоя намоянд, эътирозу шикоят дар хусуси рафтори ғайриахлоқии онҳо камтар хоҳад шуд.

- Масъалаи ҳалталаби ҳамаи Маҷмӯи қонунҳои ахлоқи рӯзноманигорӣ чунин аст, ки онҳо қувваи қонунӣ надоранд ва барои ҳамин рӯзноманигорони зиёд аз риояи онҳо саркашӣ мекунанд.

- Дар ҳоле ки ВАУ-и зиёд тақрибан ҳар рӯз ахлоқи рӯзноманигориро вайрон мекунанд, дар бораи он муҳокима рондан хеле душвор аст.

- Машокили ахлоқии рӯзноманигорӣ имрӯзҳо аҳамияти калони ҳаётӣ доранд. Ҳатто тавсияномаҳое, ки дар тӯли замон аз санҷиш гузаштаанд, рӯзноманигорро аз машокил ва ҳатто аз тафтишоти додситонӣ халос карда наметавонанд.

**Айбу гуноҳҳои бештар маъмуле, ки ба гардани рӯзноманигорон бор мекунанд, чунинад**:

- Таҳрифи далелҳои воқеӣ.
- Дахолати густохона ба ҳаёти шахсии инсон.
- Таҳқири шараф ва эътибори шахс.
- Аз худ кардани ҳуқуқи суханофарӣ аз номи шахси дигар.
- Паҳн намудани ахборе, ки хусусияти сиррию махфӣ доранд.

**Пояи қадамҳои нодурусти рӯзноманигор хатоҳои зерини касбии ӯянд:**

- Беҳавсалагии ӯ дар боби тафтиши чандинкаратаи хабари дарёфтшуда.
- Тавзеҳоти ғайримустақими умури воқеӣ, ки барои баҳои муғризонаи кори рӯзноманигор имкон медиҳанд.
- Фаъолияти «таҳти ниқоб»-и рӯзноманигор ва ё «бо камераи пинҳоншуда» бе розигии ҳамсӯҳбати ӯ.
- Ҳангоми таҳрири мавод қайчӣ кардани гӯё ҷузъҳои «нодаркор», ки имконияти пайдошавии даъвою эътирозро ба вуҷуд меоранд.
- «Кофта баровардан»-и ифода ё иборае, ки барои рӯзноманигор мувофиқ аст.

**Таҳти мафҳуми меъёрҳои байналхалқии рӯзноманигорӣ чӣ дар назар дошта мешавад?**

- **Аввалан**, дараҷаи сифат, яъне фаҳмидан ва риоя кардани Маҷмӯъи қонунҳои ахлоқӣ ва Қонунҳо дар бораи ВАУ.
- **Сониян**, ин – ҷанбаҳои гуногуни кори рӯзноманигорон, яъне ҳар чизе, ки он умумӣ ва махсус (типӣ) аст.

Дар баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ чанд бор ва аксаран кӯшиши бенатиҷа ба харҷ рафтааст, то ки Маҷмӯъи қонунҳои ахлоқӣ таҳия гардад.

Дар айни замон, дар кишварҳои дигар Маҷмӯъи қонунҳои ахлоқӣ барои рӯзноманигорон дар раҳошавӣ аз машокили зиёд кӯмак расондаанд. Пешниҳод дорем, ки **«Маҷмӯъи қонунҳои ахлоқии рӯзноманигори касбии Россия»-**ро, ки аз ҷониби Конгресси рӯзноманигорони Россия дар соли 1994 ба тасвиб расидааст, мутолиа намоед.

1. Рӯзноманигор ҳамеша ӯҳдадор аст, ки дар доираи принципҳои ахлоқии касбие фаъолият намояд, ки дар ин Маҷмӯъи қонунҳо сабт ёфтаанд ва қабул кардан, ба тасвиб расондан ва риояи он барои аъзошавӣ ба Иттиҳоди рӯзноманигорони Россия шарти ҳатмӣ аст.
2. Рӯзноманигор қонунҳои кишварашро риоя мекунад, аммо дар масъалаи он ки ба иҷрои вазифаи касбии ӯ дахл дорад, танҳо доираи ҳуқуқи ҳамкасбонашро эътироф намуда, ҳар гуна фишор ва дахолатро аз ҷониби ҳукумат ва ё шахсу ҷониби дигар рад мекунад.
3. Рӯзноманигор танҳо он хабареро интишор медиҳад, ки ба эътимодбахшии он боварӣ дорад ва сарчашмаи он барои ӯ маълум аст. Вай тамоми кӯшишҳоро бахри он ба харҷ медиҳад, то бар асари нопуррагӣ ва ё дақиқ набудани хабар, барқасд пинҳон доштани хабаре, ки аҳамияти иҷтимоӣ дорад ва ё паҳн кардани ахбори баръало дурӯғу бофта ба касе ягон зиёну зарар нарасонад.

Рӯзноманигор ӯҳдадор аст, ки дар хабарномаҳои хеш миёни далелҳои воқеие, ки дар бораи онҳо ҳарф мезанад ва оне, ки андешаҳо, тахминҳо ва ё пешниҳодотро ташаккул медиҳад, ба таври дақиқ тафриқа гузорад ва дар айни замон, дар фаъолияти касбии хеш ӯҳдадор нест, ки бетарафиро ихтиёр намояд.

Ҳангоми иҷроиши ӯҳдадориҳои касбияш рӯзноманигор барои дарёфти ахбор аз воситаҳои ғайриқонунӣ ва ношоистаи он сарфи назар менамояд. Рӯзноманигор ҳуқуқи шахсӣ ва юридикии афродро дар бораи интишор надодани хабар ва ба саволҳо посух надодан, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ба ӯҳдадории пешкаш намудани хабар дар бандҳои қонун дахл доранд, эътироф ва эҳтиром мекунад.

Рӯзноманигор барқасдона таҳриф шудани далелҳои воқеӣ, тӯҳмат, дар ҳар гуна ҳолатҳо гирифтани ҳаққи кор барои интишор додани хабари дурӯғ ва ё махфӣ нигоҳ доштани хабари ҳақиқиро ҳамчун ҷинояти сахти касбӣ меҳисобад; умуман, рӯзноманигор барои нашри ҳар гуна мавод ва андешаҳо на бавосита ва на бевосита набояд ягон навъи мукофот ё ҳакки корро аз ашхоси миёнарав бигирад.

Агар рӯзноманигор боварӣ пайдо кунад, ки маводи дурӯғ ва ё таҳрифшударо чоп кардааст, бояд хатояшро аз тариқи ҳамон васоити табъу нашр ва ё аудиовизуалие, ки ҳангоми чопи мавод мавриди истифода қарор гирифтанд, ислоҳ кунад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ӯ бояд аз тариқи воситаи табъу нашри хеш узрхоҳӣ ба ҷо оварад.

Рӯзноманигор бо ном ва эътибори хеш барои ҳаққонияти ҳар гуна хабар ва адолати ҳар гуна муҳокимаҳое, ки бо имзо, номи истиъорӣ ва ё қалбакии ӯ, аммо бо хабардор будан ва розигии ӯ интишор меёбанд, ҷавобгар аст. Ҳуқуқи бекор кардани имзояшро, ки дар зери хабар ё муҳокимаҳои бе иҷозати ӯ ақаллан андаке таҳрифгардида гузошта шудааст, касе манъ карда наметавонад.

4. Рӯзноманигор дар нисбати сарчашмаи хабар, ки махфиёна ба даст оварда шудааст, асрори касбиашро ҳифз мекунад. Касе ӯро маҷбур карда наметавонад, ки ин сарчашмаро фош созад. Ҳуқуқи махфӣ нигоҳ доштан танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, ҳангоми пайдоиши шубҳа дар бораи он ки ин сарчашма ҳақиқатро барқасд таҳриф намудааст ва ё ҳангоме ки зикри номи ин сарчашма танҳо ягона воситае буда метавонад, ки зиёни вазнин ва ногузирро барои мардум пешгирӣ мекунад, вайрон шуда метавонад.

Рӯзноманигор ӯҳдадор аст, ки хоҳиши мусоҳибонашро дар бораи фош нашудани гуфтаҳои расмии онҳо эҳтиром намояд.

5. Рӯзноманигор хатари маҳдудкунӣ, таъқибот ва зӯровариро, ки аз фаъолияти ӯ барангехта шуда метавонанд, пурра дарк мекунад. Ӯҳдадориҳои касбиашро ба ҷо оварда, вай алайҳи экстремизм ва маҳдуд сохтани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ аз рӯи ҳама гуна аломатҳо, аз ҷумла нишонаҳои ҷинсият, нажод, забон, дин, афкори сиёсӣ ё ғайри он ва ҳамчунин бароманди иҷтимоӣ ва миллии инсон бармехезад.

Рӯзноманигор шараф ва эътибори одамонеро, ки ҳадафи таваҷҷӯҳи касбиаш қарор мегиранд, эҳтиром мекунад. Ӯ аз ҳар навъи ишораҳо ва ташреҳҳои беэътиноёна дар нисбати ноқисии хисмонӣ ва ё касалии инсон худдорӣ менамояд. Ӯ аз чопи чунин маълумот, ба истисноии ҳолатҳое, ки ин вазъи кор бевосита ба мӯ ҳтавои ахбори нашршаванда робита доранд, худдорӣ мекунад. Рӯзноманигор ӯҳдадор аст, ки бечуну чаро аз истифодаи ифодаҳои таҳқиркунанда, ки барои саломатии маънавӣ ва хисмонии одамон зарар доранд, худро дар канор гирад.

Рӯзноманигор бояд пайрави принципе бошад, тибқи он – ҳар як шахс то даме бегуноҳ аст, ки агар акси онро додситонӣ ба исбот нарасонад. Дар ахбори хеш аз номбар кардани номҳои хешу табор ва дӯ стони одамоне, ки гумонбари ягон хиноят ва ё барои содир намудани он айбдор шудаанд (ба истисноии ҳолатҳое, ки барои баёни объективии масъала ба он зарурат вуҷуд дорад), худдорӣ мекунад. Вай ҳамчунин аз номбар кардани қурбонии хиноят ва нашри маводе, ки барои муқаррар сохтани шахсияти ин қурбонӣ кӯмак мерасонанд, худдорӣ мекунад. Ин меъёрҳо инчунин бо қатъияту хиддияти махсус ҳангоме иҷропазиранд, ки агар хабари рӯзноманигор манфиати кӯ дакони ноболиғро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Танҳо ҳимояи манфиатҳои ҷомеа метавонанд таҳқиқоти рӯзноманигориро, ки мудохила ба ҳаёти шахсии инсонро дар назар дорад, ҳақ барорад. Чунин маҳдудиятҳои дахолаткунӣ, бешакк,дар нисбати одамоне, ки дар касалхонаҳо ва табобатгоҳҳои амсоли онҳо хобонда шудаанд, бояд ба субут расанд.

6. Рӯзноманигор мақоми касбии хешро бо адои вазифа дар идоракунии давлатӣ, ҳокимияти қонунбарор ва додситонӣ, инчунин дар мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои дигаре, ки майлони сиёсӣ доранд, носозгор медонад.

7. Рӯзноманигор истифодаи ному шӯҳрат ва инчунин ҳуқуқ ва имкониятҳои касбии хешро барои интишор додани ахборе нораво ва нолоиқ медонад, ки онҳо хусусияти реклама ва ё тиҷоратӣ доранд ва махсусан, ҳангоме ки агар дар бораи ин хусусият худи шакли ахбор ба таври возеҳу равшан ва якхела гувоҳӣ дода наметавонад. Худи воқеияти пайванд сохтани фаъолиятҳои рӯзноманигорӣ ва тиҷоратӣ аз нигоҳи ахлоқӣ мумкин нест. Рӯзноманигор набояд хабари махфиеро, ки ба фазли касби хеш дарёфт намудааст, барои манфиатҳои шахсӣ ё манфиатҳои одамони наздикаш мавриди истифода қарор диҳад.

8. Рӯзноманигор ҳуқуқи касбии ҳамкасбонашро эҳтирому ҳимоя ва қонунҳои рақобати бошарафонаро риоя менамояд. Рӯзноманигор аз ҳолатҳое, ки ба манфиати шахсӣ ё касбии ҳамкасбонаш дар асоси шартҳои ошкорои камтар мусоид барои анҷомдодани вазифаҳои ӯ, ки ба масоили иҷтимоӣ, моддӣ ё ахлоқӣ мутааллиқанд, розигӣ дода, зиён расонда метавонад, худро бояд дар канор гирад.

Рӯзноманигор ҳуқуқи муаллифро, ки аз ҳар гуна фаъолияти эҷодӣ бармеояд, эҳтиром карда, дигаронро низ ба ин эҳтиромӣ водор месозад. Асардуздӣ нораво аст. Агар рӯзноманигор ба ягон тарз кори ҳамкасбашро мавриди истифода қарор диҳад, ба номи муаллиф бояд истинод оварад.

9. Рӯзноманигор аз иҷрои вазифае, ки натиҷааш ба вайрон кардани принципҳои фавқуззикр оварда мерасонад, даст мекашад.

10. Рӯзноманигор дар доираи низоми додситонӣ ё амсоли он аз тамоми ҳуқуқе истифода ва дифоъ мекунад, ки дар қонуниятҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноӣ дар бораи кафолати ҳимоя аз зӯровариҳо ва таҳдидҳо аз тариқи зӯроварӣ, таҳқирҳо, зиёни моддӣ ва диффамацияҳо дар назар дошта шудаанд.

Сипас, «Қонунияти шаҳрвандии Англияро дар бораи тӯҳмат» мутолиа намоед, ки дар шакли маълумотномаи мухтасар пешниҳод шудааст, зеро ки дар нусхаи аслиаш қонуният хеле мураккаб ва муғлақ аст. Шиори асосии он: «Бояд чизеро бинависӣ, ки онро исбот карда метавонӣ ва на чизеро, ки медонӣ». Ин маводи таълимӣ танҳо ба қонуниятгузории Англия ва Уэльс бахшида шудааст. Ҳамчун рӯзноманигори амалкунанда Шумо ӯҳдадор ҳастед, ки аз қонунияти ҷории кишваратон бохабар бошед. Маводи пешниҳодшаванда барои рӯзноманигорон методикаи аниқи ба марҳилаҳо тақсимшударо дар хусуси озмоиши ташхиси (экспертиза)-и матн барои дар он кашф сохтани вуҷудияти унсурҳои эҳтимолии тӯҳмат пешкаш мекунад.

**Озмоиши ташхисӣ:**

Озмоиши ташхисии матн барои дар он кашф сохтани вуҷудияти унсурҳои тӯҳмат дар ду марҳила сурат мегирад:

**Қабл аз ҳама**, муаллиф ё муҳаррир тамоми матнро аз назар мегузаронад ва калимаю ибораҳоеро, ки ҳадафи бадномкунии афроди мушаххасро доранд, муайян месозад.

**Баъд** муаллиф ва ё муҳаррир ӯҳдадор аст, то ки ҳар як унсури дефамацияро бо ҳимояи мувофиқи додситонӣ тақвият диҳад.

Ҳар яки ин марҳилаҳоро дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Марҳилаи 1. Озмоиши ташхисии матн барои кашф сохтани унсурҳои дефамация . Шумо рӯзноманигор ва ё муҳарриред. Тасаввур кунед, ки Шумо дар даст фонусчаи кисагии сеҳрангез доред. Онро ба ҷониби матн равона мекунед ва вай ҳамаи калимаҳо ва ибораҳоеро, ки қобили бадномкунии шахсро доранд, мунаввар месозад. Барои ибтидо беҳтар аст, ки танҳо матнро аз чоп бароред ва дар зери калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои бадномкунандаи эҳтимолӣ хат кашед.**

Таърифи дефамацияҳо бо мурури вақт тағйир меёбад, аммо моҳияти ибтидоии он бетағйир боқӣ мемонад. Дефамация – ин ҷавоби мусбат аст ба саволи «Оё ифодаи додашуда аз нуқтаи назари инсони «дуруст», «солимфикр» ба обрӯ ю эътибори ин шахс зарар оварда метавонад?». Тасаввур кунед, ки мақола ба дасти чунин инсони «солимфикр» мерасад. Кадом гуфтаҳои дар он воридшуда андешаи ӯро дар нисбати шахс ва ё ашхосе, ки дар бораи онҳо дар мақола сухан рафтааст, ганда мекунад?

Дар айни замон дар назар бояд дошт, ки мақолаҳои хабарӣ, маъмулан, аз гуфтаҳое иборатанд, ки ба ин ё он дараха иззату эътибори ашхос, корхонаҳо, муассисаҳо ва ё ташкилотеро, ки дар хусуси онҳо ҳарф меравад, паст мезананд. Маҳз ба фазли чунин гуфторҳо дар аксари ҳолатҳо хабар ба маънии томаш ба хабари ҳақиқӣ табдил меёбад. Аммо дар ин марҳила мо унсурҳои матнро «аз ғалбер» намегузаронем; ҳоло фақат дар матн «сангҳои зериобии» эҳтимолиро ҷустуҷӯ дорем.

Инсони «солимфикр» - инсони муқаррарии оддӣ ва мӯътадил аст. Чунинҳо аксариятанд ва андешаи умумии ҷомеаро муайян мекунанд. Дар Англия масъалаи дефамация чунин маънӣ мегирад: «Оё ин гуфтаҳо аз нуқтаи назари «инсони дохили автобусе, ки ба Клэпхем меравад», яъне инсони ҳаёти миёнаҳол ба обрӯю эътибори ин шахс зиён намерасонад?»

Албатта, барои мардуми ғайрианглис ин нофаҳмо аст. Беҳтараш танҳо ба забони ибораи гуфташуда баҳо бояд дод: инсоне, ки дар бораи ӯ ҳарф меравад, дар кадом ҷониби тамоюл пешкаш шудааст? Агар дар тамоюли манфӣ сурат гирифта бошад, он дефамация аст.

Дар айни замон, барои он ки ибораи баёншуда ҳамчун дефамация ва ё тӯҳмат маънидод гардад, дар он, ба ҳадди ақалл, иштироки як инсони «солимфикр» ба ҳайси хонанда ва ё тамошобин ҳатмист. Таҳқир тӯҳмат

ҳисоб намеёбад, ба шарте ки агар шахси таҳқиршаванда ягона фарде бошад, ки дар бораи он мехонад ва ё мешунавад. Он чиз ҳам тӯҳмат ҳисоб намеёбад, ки ба ғайр аз Шумо, масалан, навиштаҳои дафтарчаи шахсии қайдҳои Шуморо ягон каси дигар намехонад. Аз ҷониби дигар, кифоя аст, ки ибораи гуфташуда ба чашми танҳо шахси бегона бархӯрад ва он аллакай ҳамчун тӯҳмат маънидод мешавад.

**Марҳилаи 2. Оё дефамация тӯҳмат аст?**

**Хабари паст задани шаъни инсонро дар мақола муайян сохта, барои ҳимояи додситонӣ тайёр шавед. Зарур аст, ки ҳар гуна ибораҳои таҳқиромез, ки дар марҳилаи аввал кашф шудаанд, аз нигоҳи ҳуқуқӣ тақвият ёбанд. Қонун панҷ навъи ҳимояи эҳтимолии зеринро дар назар дорад:**

**1. Ҳақиқат –** усули бештар возеҳу равшани ҳимоя аст, аммо як қоидаро бояд дар хотир дошт: Шумо ба ҳакикате чизе, ки дар бораи он менависед, боварӣ карда метавонед; бигзор ҳатто то сад фоиз ба он боварӣ доред, аммо моҳияти гап на дар ин ҷост. Оё Шумо **исбот карда** метавонед, ки он ҳақиқат аст?

**Мисол:** Соли 1940 дар маҳаллаи «Нью стейтсмен» мақолае дар атрофи овозаҳо дар бораи он ки сарвазир Ҷон Мейхер бо ошпазаш ишқварзӣ доранд, ба чоп расид. Овоза ҳамчун дефамация эътироф ёфт (марҳилаи 1), аммо рӯзнома ягон ҳимояе надошт. Рӯзнома воқеиятро баён кард, аммо аз исботи ҳаққонияти он охизӣ кашид. Хубии кор дар он буд, ки Мейхер барои ҳаллу фасли масъала бе дахолати додситонӣ розигӣ дод, вагарна ӯ тамоми махалла (дар матни асли **ҳам махалла** ва ҳ**ам рӯзнома** омадааст – **шарҳи тархумон**)-ро дар тамоми олам шарманда мекард.

**2. Шарҳу эзоҳи саҳҳеҳ**. – намуди ҳимояест, ки дар нисбати изҳор кардани андешаи шахсӣ ва на баёни воқеият мавриди истифода қарор мегирад. Барои хонанда бояд комилан равшан бошад, ки чунин гуфтаҳо ҳамчун «шарҳу эзоҳ» баён шуда, «андешаи шахсиянд». Дар ин ҳолат, далелҳое, ки асоси андеша ва ё шарҳу эзоҳро ташкил медиҳанд, бояд аслию ҳақиқӣ бошанд.

**Мисол:** Дар солҳои 80-ум дар яке аз барномаҳои ҳаҷвии радиои «БиБиСи» гуфта шуд, ки дар рӯзномаи «Ньюс оф зе уорлд» (рӯзномаи фоҳишагарой) «Ҳамаи зебоякон – суратзебанд ва ҳамаи ахбор – ғайритабиӣ» (яъне бофташуда) мебошанд. Муҳаррири рӯзнома Дерек Хеймсон «БиБиСи»-ро ба маҳкама кашид. Додситон бо таҳқиромез будани гуфтаҳо (марҳилаи 1) розӣ шуд, аммо эътироф кард, ки он хусусияти «шарҳу эзоҳи ростқавли»-ро дорад, ки бар мазмуни паст ва ҳангоматалабонаи рӯзнома асос ёфтааст.

**3. Имтиёз:** Изҳороте, ки дар парлумон ва ё додситони Британиё шунида шуд, ҳамчун ба ном «имтиёз» эътибор гирифта метавонад. Дар Англия ҳар чизе, ки дар парлумон гуфта мешавад, дорои имтиёзи мутлақ аст. Ба маънои дигар, изҳороте, ки дар парлумон баён карда шудааст,

навишта ва ба чоп дода шуда метавонад, аммо дар ин ҳолат муаллифи ин гуфтаҳоро ба додситон кашида наметавонед. Изҳорот дар дохили бинои додситон низ «имтиёз бо шартхои иловаги»-ро доро шуда метавонад. Рӯзноманигор ҳақ дорад суханҳоеро, ки дар дохили бинои додситонӣ гуфта шудаанд, такроран баён кунад, аммо ин такрор бояд ростқавлона бошад, яъне бояд на танҳо худи изҳорот, балки изҳорот ё айбдоркунии хавобӣ низ такроран баён гарданд ва ҷавобия метавонад дар шумораи ояндаи матбуот ба чоп расад. Ғайр аз ин, такрори гуфтаҳо бояд «аҳамияти замонавӣ» дошта бошад, яъне бояд равшан бошад, ки нашрияи Шумо онро ҳангоми ба даст овардани имконияти нахустин дарҳол ба чоп додааст.

**Мисол:** Соли 1980 ба фазли бо ҳам мутобиқ омадани вазъиятҳои гуногун ба политсия муяссар гардид, ки қотили машҳури одамони зиёд «Қотил аз Йоркшир» (мошини ӯ тасодуфан барои кадом сабаби ҷузъӣ боздошта мешавад) дастгир намояд. Вақте раиси политсия фаҳмид, ки бо кадом шахс сарукор дорад, конфронси матбуотӣ даъват намуд ва изҳорот дод: «Мо ӯро дастгир кардем». Рӯзномаҳои гуногун ва аз ҷумла, «Дарлингтон ивнинг деспатч» ин гуфтаро ҳамчун сарлавҳаи мақолаҳояш мавриди истифода қарор доданд. Маҳкамаи қотил худи ҳамон рӯзбаргузор гардид. Рӯзномаҳо айбдоркуниро дар бораи беэҳтиромӣ нисбат ба додситон ва тӯҳмат дар асоси он ки суханони ҳангоми конфронси матбуотӣ гуфташуда аз «имтиёз бо шартҳои иловагӣ» бархурдоранд, напазируфтанд. Додситон ба он розӣ шуд, аммо, эҳтимолан, танҳо ба хотири он ки вайронкунии қонун хусусияти оммавӣ гирифта буд. Одатан дар чунин ҳолатҳо рӯзномаҳобарои тӯҳмат ба ҷавобгар ӣ кашида мешаванд.

**«Имтиёз бо шартҳои иловагӣ».** Дар баъзе ҳолатхо ношир ӯҳдадор аст, ки ҳангоми вуҷуд доштани таваҷҷӯҳи бузурги хонандагон ба хабари муайян онро ба чоп расонад. Дар ин маврид, агар хабар хато омада бошад, додситон метавонад аз ҳимоя дар асоси «имтиёз бо шартҳои иловагӣ» истифода намояд, аммо барои он ки чунин ҳимоя ба комёбӣ муяссар гардад, на танҳо исбот кардани вуҷудияти «ӯҳдадори»-и ҷониби нашркунанда ва вуҷудияти «таваҷҷӯҳи бузург» аз ҷониби хонандагон тақозо карда мешавад. Додситон ҳамаи марҳилаҳои кори рӯзноманигорро дар иртибот бо такроран тафтиш кардани ахбор ҳамчунин усули кории рӯзноманигор бодиққат мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ба ибораи дигар, ин ҳимоя ба ҳайси рӯ пӯ шкунандаи маълумоти дурӯғ ва ё нопокии рафтори рӯзноманигор хизмат карда наметавонад. Дар Англия ин навъи ҳимояи додситонӣ ба шакли дигари ҳимоя, ки дар асоси «ҳусни таваҷҷӯҳи ҷомеъа», созмон меёбад, наздиктар аст.

**4. Марг**: Ба шахси фавтида, ақаллан барои он ки ӯ соҳибе надорад то ба додситон муроҷиат намояд, тӯҳмат кардан мумкин нест. Аммо дар ин маврид бояд назорат кард, то ки тӯҳмат ба иззати нафси ашхоси зинда нарасад. Таҳқир намудани фавтида ба иззати нафси одамон ва ташкилоте, ки ӯ бо он робита дошт, низ расида метавонад.

**5. Иштибоҳи ҳаққонӣ**. Истифода бурдан аз ин навъи ҳимояи додситонӣ на он қадар осон аст, чунон ки  дар аввал вонамуд мешавад. Аввалан, қонуният дар бораи тӯҳмат тақрибан ҳамчун «Қоидаи ҳаракати роҳгардӣ» амал менамояд – надонистани қоидаҳо шахсро аз масъулият озод карда наметавонад. Ғайр аз ин, додситон нисбат ба Шумо бо кунхковии калон муносибат мекунад – танҳо таъкид намудани он **кифоя нест**, ки Шумо барои ба даст овардани шарҳу эзоҳоти ҷониби мухолиф «ҳамаи имкониятҳоро» истифода бурдед, аммо ин кор бароятон  муяссар нагардид. Шумо маҷбур ҳастед муддати дароз исбот биёред, ки барои шубҳакунӣ ба ҳаққонияти далелҳои воқеии пешниҳодшуда асосе надоштед. Бар пояи «иштибоҳи ҳаққонӣ» созмон додани ҳимояи муваффақиятнок хеле кам муяссар мешавад. Беҳтараш ба он умед бастан лозим нест.

**Интиҳои озмоиши ташхисӣ.** Ҳамаи ин кор оддӣ аст. Агар Шумо қудрати тақвият додани гуфтори таҳқиромезро, ки дар марҳилаи аввал кашф шудааст, надошта бошед, дар марҳилаи дуюм бо кӯмаки яке аз воситаҳои ҳимояи додситонӣ чунин гуфторро аз матн бояд хориҷ кард.

**Худсафедкуние, ки онро ягон додситон қабул намекунад**. Панҷ воситаи ҳимояи дар боло зикршуда – Маҷмӯъи нуктаҳое мебошанд, ки додситони англисӣ онҳоро қабул карда метавонад. Воситаҳои дигари ҳақ баровардани дефамация вуҷуд надоранд. Новобаста аз он ки ҳамаи онҳо дорои эътибор ва маънои мантиқианд, ягон додситон онҳоро қабул нахоҳад кард. Масалан, гуфтори шартии зерин ба ҳайси худсафедкунӣ буда наметавонад:

**«Ман – шахси хориҷиям...»**

Кишвари дигар: **Шумо барои тӯҳмат ба додситони кишваре. ки дар он ҷо мақолаатон ба чоп расидааст, ба ҷавобгар ӣ кашида шуда метавонед. Масалан, бизнесмени рус Борис Березовский барои тӯҳмат як маҳаллаи амрикоиро ба додситони на Россия ва на ИМА, балки дар Лондон ба ҷавобгар ӣ кашид. Ба фазли он ки дар Лондон баъзе теъдоди на он қадар калони нусхаҳои ин махалла интишор мегарданд, ин амал имкон дорад**.

**«Ман гунаҳкор нестам. Ҳамааш айби ношир аст...»**

**Масъулияти маҳдуд ва масъулияти шахсӣ:** Корманди хамъияти масъулияташ маҳдуд метавонад барои тӯҳмат шахсан ба додситонӣ кашида шавад. «Масъулияти маҳдуд» Шуморо наҷот дода наметавонад. Барои тӯҳмат метавон якбора алайҳи нашриёт, худи рӯзноманигор ва ҳам интишордиҳандаи ин нашрия – дӯ кони фурӯ ш, магазин ва ё нтернет-провайдер даъвогар шудан мумкин аст. Ин – дар қонунияти англисҳо дар бораи маҳдудияти масъулият истиснои хеле аҷоиб ба шумор меравад.

**«Вале дар ин хусус аллакай дар рӯзномаи дигар хабар дода шудааст...»**

**Такрори хабари аллакай ба чопрасида:** Такрори тӯҳмати шахси бегона худсафедкунӣ ҳисоб намеёбад. Дар охирҳои солҳои 80-ум вакили парлумон Хеффри Арчер кори хиноиро дар бораи тӯҳмат дар муқобили рӯзномаи «Дэйли стар» ба фоидаи хеш ҳал намуд, ки он мақолаеро дар бораи он ки гӯё Арчер аз хизматҳои фоҳиша бархурдор будааст, бо баъзе тағйирот аз рӯзномаи дигар ба чоп расонд. Айни замон, рӯзномаи аввал хабарро аз худи фоҳиша гирифта буд, аммо азбаски чунин корро «Дэйли стар» ба анҷомнарасонд ва пас, аз ҳимоя низ бархурдор набуд. Дар хотир нигоҳ доред: муҳим нест, ки хабар қаблан дар куҷо ба чоп расидааст. Агар мӯ ътамад будани чунин маводро худатон мустақилона исбот карда натавонед, онро мавриди истифода қарор надиҳед

**«Аммо, охир, ин ба ҳама кас ҳамин тавр маълум аст...»**

**Овозаҳо:** Интиқол додани овозаҳо худсафедкунӣ ҳисоб намешавад. Агар додситон қароре қабул карда бошад, ки дар натиҷаи чоп шудани мақолаи Шумо ба обрӯ ю эътибори объектатон дар назди «инсони миёнаҳол» зиён расидааст, шумо кори хиноиро бохтед. Суханони тавзеҳотие монанди «Ба касе пӯ шида нест..» ё «Ба ҳама маълум аст, ки фалон машғули харидуфурӯ ши маводи мухаддир аст...» барои худсафедкунӣ кӯмак намерасонанд. Худатонро тафтиш кунед: оё Шумо онро **исбот** карда метавонед? Муҳим нест, ки одамон чӣ мегуянд...

**«Аммо худи вай чунин гуфт...»**

**Айнан такрор овардани гуфтори таҳқиромез:** Мисоли яке аз гумроҳии маъмултарин. Инсони «А» дар бораи инсони «Б» чизеро бад гуфт. Рӯзнома дар асоси он ки инсони «А» ҳақиқатан ҳамин тавр баён кард, гуфторро айнан менависад. Аммо он нишонаи худсафедкунӣ буда наметавонад. Барои додситон муҳим нест, ки то кадом дараха сухани инсони «А» саҳеҳ оварда шудааст. Барои ӯ  муҳим аст, ки оё ин суханҳо дар нисбати инсони «Б» таҳқиромезанд ё на. Маҳз барои ҳамин ифодаҳое монанди «Барои касе махфӣ нест, ки ханоби фалонӣ ба тиҷорати маводи мухаддир машғул аст» барои додситон қобили қабул буда наметавонанд.

**«Аммо вай инро комилан рад мекунад...»**

**Инкор кардани далелҳои воқеӣ:** Айнан овардани инкори далелҳои воқеӣ аз ҷониби касе аломати худсафедкунӣ шуда наметавонад, ба шарте, ки агар мувофиқи андешаи додситон гуфтаҳои додашуда ба ҳар ҳол ба обрӯ ю эътибори объекти таҳқиқ дар назди хонандаи мутавассити «миёнаҳол» зиён мерасонад. Ибораҳое монанди «Намояндагони Қаср инкор мекунанд, ки Чарльз гурбаи худро ба саг хӯронд» қобили қабул нестанд. Марҳилаи 1-уми озмоиши ташхисиро ба хотир биёред: оё дар мақола гуфтае ҷой дорад, ки ба обрӯ ю эътибори касе зиён расонда тавонад?

**«Аммо ман на дар бораи ӯ , балки дар бораи ширкаташ навишта будам...»**

**Тӯҳмати беихтиёрона ба шахси саввум:** Назорат баред, то ки гуфтаҳои Шумо дар доираи мавзӯ и таҳқиқи мақолаатон ба иззати нафси дигар – шахси комилан мушаххас нарасад. Масалан, дар Британиё мудири

мактаб метавонад дар бораи таҳқири шараф ва эътибор чун даъвогар баромад кунад (ва ба фоидаи хеш ҳал кунад), ба шарте, ки агар ҳадафи танқид мактаби ӯ  қарор гирад. Чунин андешаро метавон дар бораи мудирони корхонаҳо, раисони политсия ва ғайра гуфтан мумкин аст. Дар навбати хеш, корхона, муассиса ва ташкилот низ метавонанд дар бораи таҳқири шарафу эътиборашон дар додситон даъво бардоранд, чаро ки онҳо ҳам обрӯ  доранд.

**«Аммо ман номи ӯро зикр накардаам...»**

**Таъсир дар миқёси бузург.** Пинҳон нигоҳ доштани ном бароятон натиҷаи бад оварда метавонад.  Агар мақоларо бе зикри ном навиштаед, ки масалан, бозингари яке аз тимҳои футбол бо духтари ноболиғе алоқаи хинсӣ дошт, муқобили Шумо на як, балки ёздаҳ даъвогар – баробар бо шумораи бозигарони тими футбол баромад хоҳанд кард.

**«Аммо ман меъёрҳои ахлоқиро вайрон накардаам...»**

**Риояи меъёрҳои ахлоқӣ:** Иттиҳодияҳои зиёди рӯзноманигорон Маҷмӯъи қонунҳои меъёрҳои ахлоқии худро доранд ва дар онҳо оварда шудааст, ки ахбори дар мақолаҳо воридшуда бояд дақиқ, мӯ ътамад ва мӯ ътадилмазмун буда, андешаҳои ҳар ду тарафи дар низоъ шомилбударо дар бар гиранд ва рӯзноманигор бояд аз баёни тафсирҳои шахсиаш худдорӣ намояд ва ҳоказоҳо. Меъёрҳо - меъёрҳоянд, вале онҳо Шуморо аз ҷавобгар ӣ барои тӯҳмат наҷот дода наметавонанд.

**«Аммо ман калимаи «эҳтимолан» ва ё «гӯё»-ро истифода бурдаам...»**

**Ба чашм хок пошидан** аз тариқи истифода кардани калимаҳое монанди «эҳтимолан» ва ё «гӯё» далели худсафедкунӣ буда наметавонад.

**Хусусиятҳои дигари қонуниятҳои англисӣ дар бораи тӯҳмат:** Дар илова бар думарҳилагии озмоиши ташхисӣ дар боби дарёфт намудани унсурҳои дефамация зарур аст, ки хусусиятҳои дигари қонуниятҳои англисиро, ки масъулиятро барои тӯҳмат муайян мекунанд, дар назар гирифт.

**Таъхир кардан.** Корро ба вақти дигар нагузаронед. Дар ҳолати пайдоиши ягон мушкилӣ бояд зуд ва қатъӣ амал намуд. Масалан, агар дар Интернет маводи проблемавӣ рӯи кор биёянд, беҳтар аст, ки дар лаҳзаи пайдошавии чунин проблемаи хиддии ҳуқуқӣ ва ё дар ҳоли ҳанӯз пухта нашуданаш онро аз сайт берун кард. Амалиёти қатъии Шумо ханбаи мусбатест, ки дар оянда дар тафтишоти додситонӣ соҳиби имтиёз хоҳанд гашт. Шояд, ҳатто амалиёти Шумо дараҷаи масъулиятатонро барои тӯҳмат сабуктар мекунанд.

**Гурӯ ҳи ҳакамон.** Дар додситонҳои Англия корҳои тафтишотии шаҳрвандӣ дар бораи таҳқири шараф ва эътибори шахс одатан на аз ҷониби додситонҳо, балки гурӯ ҳи ҳакамон мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Натиҷаи кории гурӯ ҳи ҳакамонро, ки дар доираи ба ном «Хадвали қиёсии тағйирёбандаи ҳуқуқӣ» амал мекунанд, нисбат ба додситонҳо камтар пешгӯ ӣ кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, аъзои гурӯ ҳи

ҳакамон бо рӯзноманигорон ғарази шахсӣ ва ё нисбат ба онҳо ҳисси нафрат дошта метавонанд. Ва ниҳоят, ба гурӯ ҳи ҳакамон маълум аст, ки онҳо ҳар қадар товони бештарро ҳукм намоянд, матбуот ба онҳо ҳамон қадар зиёдтар ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир хоҳад кард.

**Маблағи пешгӯ инашавандаи товон.** Арзиши обрӯ ю эътиборро муайян кардан душвор аст. Маблағи умумии товон, ки аз рӯи даъво дар бораи тӯҳмат дода мешавад, хеле мухталиф аст. Натиҷаи кори тафтишотӣ доир ба тӯҳмат бо душвории зиёд дар доираи пешгӯ иҳо қарор мегирад, аммо маблағи умумии товон, маъмулан, хеле зиёд аст ва ба садҳо ҳазор ва ҳатто миллион фунт стерлинг баробар шуда метавонад. Барои муқоиса – агар Шуморо мошин зер карда, дар натиха аз як поятон маҳрум мешавед, «арзиши» пои аз дастрафтаро аз рӯи амсоли он ба осонӣ муайян карда метавонед. Ҳамчунин маблағи даромадеро, ки Шумо дар натиҷаи маъюб шудан аз даст додаед, ҳисоб кардан саҳл аст. Аммо чӣ тавр зарари ба обрӯ ю эътибор расидаро аз рӯи ҳисоби пулӣ муайян хоҳед кард?

**Хароҷот интиҳо надорад.** Агар Шумо кори тафтишотиро дар бораи тӯҳмат бохтед, ӯҳдадор мешавед, ки ба даъвогар на танҳо маблағи товони муқарраршуда, балки инчунин маҷбур ҳастед, ки хароҷоти калони додситониро низ пардозед. Умуман ин маблағҳо хеле калонанд. Аҷобате надорад, ки нашриётҳои англисӣ барои ҳамин дар масъалаи тӯҳмат хеле эҳтиёткоранд ва кӯ шиш ба харҷ медиҳанд, ки бо ҳар роҳу восита мушкилотро берун аз низоми додситонӣ ҳаллу фасл намоянд. Бисёр вақт маблағи хароҷоти додситонӣ аз маблағи товон зиёдтар аст.

**Кори ифлос.** Агар Шуморо ба маҳкама кашида бошанд, ҳимоятгари шахси даъвогар ҳақ дорад, ки дар бораатон ҳамаи чизҳои ба хаёлаш расидаро баён созад. Ӯ ба воситаи тагурӯ сохтани маводи аз нуқтаи назари Шумо – нопухта ва ё маводи кӯ ҳнаи нашриётатон кӯ шиш ба харҷ дода метавонад, ки Шуморо бадном созад. Дар навбати худ, рӯзнома бо роҳи ба даъвогар фаҳмондани масъала дар бораи он ки агар ӯ ба додситон муроҷиат намояд, дар борааш далелҳои бадномкунандаи бақувваттар ба чоп хоҳад расонд, аз масъулият раҳо ёфта метавонад.

**Мансабдорон.** Мансабдорони давлатӣ аз рӯи хосияти бераҳмию сангдилияшон фарқ мекунанд. Ба гумон аст, ки сарвазири Британиё бо рӯзнома маҳкамабозӣ мекунад, агар рӯзнома ӯро аблаҳ, аз ақл бегонашуда ва ё нобакор номад, яъне дар бораи вай андешаи шахсиашро баён карда бошад. Айбдоркунии мушаххас ва андешаҳои бофтае мисоли гунаҳкор сохтан дар ришвахӯ рӣ, амалиёти муайяни фосиқӣ ва ё тахминҳо дар бораи ҳаёти шахсӣ хусусияти бештар хатарнокро доранд.

**Ҳуқуқшиносҳо.** Агар Шумо боварӣ доред, ки ба хотири ҳамроҳатон фаъолият доштани гурӯ ҳи калони ҳуқуқшиносҳо донистани қонуният дар бораи тӯҳмат бароятон ҳатмӣ нест, Шумо яке аз ашхоси нодири худбовар хоҳед буд. Аввалан, ҳуқуқшинос бояд бароятон дар бораи масъалаҳои хосса, ки дониши махсусро тақозо доранд, маслиҳат бидиҳад, аммо вай ӯҳдадор нест, ки дар хусуси ҳар як хузъиёт низ бароятон маслиҳат диҳад. Сонияն,

ҳуқуқшиносҳо одатан ҳангоми маслиҳат додан хеле мулоҳизакоранд. Ҳуқуқшинос бароятон посухи қатъӣ ва зудамалро дода наметавонад.

ӯ танҳо ҳамчун мутахассис бароятон гуфта метавонад, ки кадом эҳтимолияти ба маҳкама кашидани Шумо вуҷуд дорад. Дар салоҳияти ҳуқуқшинос масоили хавфу хатар, аз ҷумла хавфу хатари дар муқобили Шумо пайдошавии тафтишоти додситонӣ дохиланд. ӯ , масалан, наметавонад, ки ҳаққонияти мундарихаи маводи Шуморо мавриди тафтиши дубора қарор диҳад. Дар тавсияномаҳои хеш ҳуқуқшинос қоидаҳои ростқавлии рӯзноманигориро ба назар намегирад. Ғайр аз ин, ҳуқуқшинос, махсусан дар Англия, ҳаққи кории гарон дорад. Барои ҳамин ҳам ба рӯзноманигорон маслиҳат дода мешавад, ки қонуниятҳоро аз худ карда, онҳоро хуб донанд.

**Ҳақиқат – мутлақ аст.** Ин як лаҳзаи мусбати фаъолият, ақаллан, барои рӯзноманигор ба шумор меравад. Рӯзноманигоронро дар мавридҳои зиёд бо он муттаҳам месозанд, ки онҳо аз миёни даҳ сатр сатреро интихоб намуда, дар атрофи он тамоми мақоларо созмон медиҳанд. Аммо дар ин кор ягон бадбахтие ҷой надорад. Аз рӯи қонун Шумо ҳақ надоред чунин хабарро, ки он ростгорона ва дақиқ мавриди эҷод қарор гирифтааст, ба воситаи далелҳои муқобил «ба мувозинат» оваред.

**Дар бораи таҷовузи ҳуқуқии ҳудуд.** Беш аз пеш корҳои тафтишотӣ дар бораи тӯҳмат берун аз ҳудуди қонуниятҳои ҳуқуқие мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки онҳо дар назари аввал бояд аз рӯи мантиқи ашъё сурат бигиранд. Масалан, даъво дар бораи тӯҳмати матбуотӣ на дар додситонии кишварҳое, ки он ба чоп расидааст ва ҳатто на дар кишвари ҷои кори доимии рӯзноманигори ҷавобгар , балки дар кишваре, ки ин нашрия танҳо интишор ё ба фурӯ ш меравад, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Шумораи чунин даъвоҳои «таҷовузкунандаи ҳуқуқии ҳудуд» бо тавсиа ёфтани шабакаи Интернет зиёд мешавад. Масалан, барои мақолаатон, ки дар яке аз кишварҳои хориҷӣ ба чоп расидааст, Шуморо метавонанд дар додситонии якчанд кишварҳо ба ҷавобгар ӣ кашанд.

Кори тафтишотии «Доу Ҷонс ва ширкати Инк» ба муқобили Гутник, ки аз ҷониби додситони австралиягӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, то ба имрӯзҳо яке аз мисолҳои бархастатарини тафтишоти додситонӣ ба шумор меравад. 10 декабри соли 2002 Додситони Олии Австралия қарор баровард, ки барои як мақолаи дар веб-сайти амрикоии Доу Ҷонс «Баррронс онлайн» ба нашр расида ба муқобили маркази нашриёти «Доу Ҷонс» дар ҳудуди вилояти Викторияи Австралия метавон даъво бардошт. Сарфи назар аз маводе, ки барои ҳимояи «Доу Ҷонс» аз ҷониби чунин созмонҳои машҳур, монанди маркази ахбори «Рейтер», ширкати савдои таҷҳизоти электронии «Амазон.ком» ва ғайра ба унвони додситон ирсол шуда буданд, додситони Австралия қарор баровард, ки новобаста аз макони сервер, ки дар он мақола ба чоп расида буд, таҳқири даъвогар – Ҷозеф Гутник дар ҳудуди вилояти Виктория ҷой дошт.

Воқеан чунин бармеояд, ки таҳқири даъвогар гӯё ки дар ҳама ҷо рух додааст. Дар қарори додситон омадааст: «Агар шаъну эътибори шахс дар беш аз як доираи ҳуқуқ таҳқир меёбад, ман барои мавриди баррасӣ қарор додани кори тафтишотии ӯ аз ҷониби ҳар яки ин доираҳои ҳуқуқ сабаби монеъшавиро намебинам». Қарор аз рӯи кори хиноии «Доу Ҷонс муқобили Гутник» пардаро барои теъдоди бузурги чунин даъвоҳои «таҷовузи ҳуқуқии ҳудуд» ҳам дар Австралия ва ҳам кишварҳои дигар кушода метавонад.

**Маслиҳатҳои номураккаб барои мавридҳои пайдошавии даъво ба муқобили Шумо бо айбдории тӯҳмат дар ҳудуди кишвари сеюм (яъне на кишвари худатон ва на Англия):**

1. қонуниятҳои кишвари худатонро донед;
2. қонуниятҳои англисҳоро донед;
3. ҳангоми сукут варзидан тасаввур кунед, ки қонуниятҳои «кишвари сеюм» монанди қонуниятҳои Англия сахту вазнинанд.

Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки тӯҳмат дар Интернет аз тӯҳмати муқаррарӣ фарқе надорад. Агар Шумо ягон касро таҳқир намудед ва агар додситон исбот намояд, ки ин таҳқирро ба чашмони хеш ақаллан як нафари кишвари даъвогар дидааст, Шуморо барои тӯҳмат метавонанд дар ин кишвар ба маҳкама кашанд. Агар Шумо дар Интернет кор кунед, хабаратонро дар даҳҳо кишварҳо мутолиа мекунанд ва ҳар яки онҳо барои тӯҳмат Шуморо ба ҷавобгар ӣ кашида метавонанд.

Дар давлатҳои демократии зиёд, монанди Англия, имконияти ҳимоя аз айбдоркунӣ барои тӯҳмат намудан вуҷуд дорад. Ба ибораи дигар, агар Шумо ба ҳар ҳол маводи таҳқиркунандаи шахсро ба чоп медиҳед, пешакӣ ҳимояи мӯ ътамадро барои худатон таъмин намоед.

**Хулосаҳо**: Худро дар ҷои додситонҳо тасаввур намоед. Саволи якуми ӯ – оё ҳамин гуфтаҳо ба ягон кас зарар мерасонанд? - мебошад.

Агар посух «ҳа» бошад, саволи навбатӣ – кадом навъи сафедкунии ҳуқуқӣ барои ин таҳқир вуҷуд дорад? – буда метавонад.

Умуман, агар шубҳа дошта бошед, беҳтараш маводро ба чоп надиҳед. Аммо аз ҷониби дигар, дар таърифи машҳури мақолаи хуби хабарӣ оварда шудааст: «Ин – чизест, ки онро касе дар ягон ҷо дидан намехоҳад. Боқӣ ҳама эълонҳои бозаргонӣ аст».

Нуктаи аввалро бо дуюмӣ муқоиса намуда, Шумо дарк мекунед, ки санъати рӯзноманигорӣ дар он ифода меёбад, ки бо истифода аз донишатон дар бораи қонунҳо бояд ҳадди аксари чизе ба тасвир расад, ки имконияти он вуҷуд дорад ва дар айни замон, ба ягон бадбахтӣ дучор нагардед.

**Ва умуман, тарсе надошта бошед**. Дар хотир нигоҳ доред: агар маводи Шумо мӯ ътамад бошад ва дурустии онро исбот карда метавонед, Шуморо барои тӯҳмат ба ҷавобгар ӣ кашидан ниҳоят душвор аст.

Омӯзиши **меъёрҳои ахлоқиро** давом медиҳем. Таҳлили Маҷмӯъи қонунҳои гуногуни ахлоқи рӯзноманигорӣ тафриқаҳои зиёдро нишон

медиҳад, ки онҳо пеш аз ҳама, дар масъалаи бартарии ин ё он меъёри ахлоқӣ ҷой доранд. Аммо ин фарқиятҳо на ба мундарихаи меъёрҳо, балки танҳо ба муайян кардани аҳамияти онҳо дахл доранд, (яъне **фарқиятҳо миқдорианд, на сифатӣ**).

**Мисолҳо**: Махмӯ ъаи қонунҳои ахлоқии рӯзноманигорони Босния эшонро исроркорона барои ҳазар намудан аз иғвоандозиҳо ва поймолкунии ҳуқуқ даъват мекунад.

Дар «Дастурнома барои продюсерҳо» - и БиБиСи дар маркази таҳқиқ беғаразнокӣ ва дақиқкорӣ гузошта шудааст.

«Қоидаҳои рӯзноманигори»-и Иттиҳодияи ноширон ва муҳаррирони рӯзномаҳои Япония нашриёти матбуотиро ба сӯи «Фаъолияти пайваста барои ояндаи саодатманд ва осоишта» даъват менамояд.

Махмӯ ъаи қонунҳои ахлоқии Иттиҳодияи рӯзноманигорони Қирғизистон бо суханони хеле саҳеҳ оғоз ёфтаанд: «Вазифаи рӯзноманигор – хизмат намудан барои ҳақиқат аст. Вазифаи ВАУ – ҷустуҷӯ и ҳақиқат аст».

**Якрангӣ аз рӯи моҳият:**

**Ҳамаи Махмӯ ъаҳои қонунҳои ахлоқӣ андешаи ягонаро барпо кардаанд, ки тибқи он анҷомдодани нукоти зайл мумкин нест:**

- тӯҳмати шифоҳӣ ва ё нашриявӣ (диффамация)
- асардуздӣ
- таҳрифи барқасд
- порагирӣ

**Се нуктаи асосии ҳамшафат вуҷуд доранд...**

Ҳамаи махмӯ ъаи қонунҳо зарурияти «беғаразӣ» ва «мустақилият»-и кори рӯзноманигорро махсус қайд мекунанд.

**Ба нукоти зерин аҳамияти ҳархела дода мешавад**:

- беғаразӣ дар масоили тиҷоратӣ

- беғаразӣ дар масоили сиёсат

- беғаразӣ дар муносибат бо тарафҳои «манфиатдор».

. Дар ин маврид, маъмулан, ҳамаи Маҷмӯъи қонунҳо ба ин ё он тарз таъкид намудаанд, ки рӯзноманигор бояд дар нисбати маводи хеш биниши беғаразона ва канораҳӯ иро ҳифз намояд.

. Ҷон Симпсон (муҳаррири шӯ ъбаи ахбори байналхалқии БиБиСи; аз соли 1966 дар БиБиСи кор мебарад) менависад, ки **«рӯзноманигор – бегонаи абадӣ, аутсайдер аст»**.

. Ҳадди ақалл як аломати рӯзноманигори хуб – **беғаразӣ**, ки дар ҳама ҷо эътироф шудааст, вуҷуд дорад.

. Аммо **беғаразии** 100 фоиза идеали дастнорас аст.

. Рӯзноманигор ҳамеша ба **сӯи идеали** мустақилият х**адал дорад**

. Дар ин маврид қувваҳои гуногуни хамъият ба рӯзноманигор муқобил мебароянд.

**Ҳар гуна махмӯ ъаи қонунҳои ахлоқии рӯзноманигор «дақиқӣ» ва «мӯ ътамадноки»-ро ҳидоят медиҳад.**

. Зарурати дақиқкорӣ ҳамеша бузург аст

. Аммо на ҳама чиз дар назар оддӣ менамояд: далелҳои воқеиро ба таври бояду шояд аз мизони ақл бояд гузаронд. Ин раванд аз рӯи таърифаш субъективӣ аст, аммо ҳамеша мумкин ва зарур аст, ки ба сӯи **баробарвазни**и номаълум саъй намуд.

. Аксаран ин масъалаи на танхо ахлоқ, балки ҳуқуқшиносӣ аст (масалан, масъулият барои тӯҳмат аз рӯи қонуниятҳои Британиё)

. «Дақиқкорӣ» боз маънои интиқоли дақиқи хабаре, ки аз сарчашма гирифта шудааст, яъне дақиқӣ ва томияти иқтибосҳо (агар он ҳарфан не, балки ақаллан мазмунан бошад)-ро дорад. Он моро ба сӯи масъалаи навбатӣ мебарад...

**Тақрибан дар ҳар як Махмӯ ъаи қонунҳои ахлоқӣ таваҷҷӯҳи хосса ба «боинсофӣ» ва «бовиҷдон ӣ» дода мешавад**.

. Бовиҷдон ӣ дар нисбати мусоҳибон

- **Тибқи «Дастурнома барои продюсерҳо»- и БиБиСи, мусоҳибон ҳақ доранд, аз нукоти зерин бархурдор бошанд**:

. Барномаи Шумо дар бораи чӣ хоҳад буд

. Он кадом намуди ширкатварзиро тақозо дорад

. Оё мусоҳиба мустақиман ва ё дар сабти овоз пахш мегардад

. Оё он мавриди таҳрир қарор мегирад ё не

. Ҳамчунин дар бораи он ҳарф меравад, ки сӯҳбаторо шубҳаю шакк дошта метавонад, аммо ҳаҳ надорад, ки беэҳтиромӣ ва дағалмуомилагӣ зоҳир намояд.

**Ҳангоми ҷустуҷӯ и ахбор боинсофӣ зоҳир намудан**

**Дар Махмӯ аи қонунҳои ахлоқии Федератсияи байналхалқии рӯзноманигорон оварда шудааст: «Рӯзноманигор ӯҳдадор аст, ки танҳо аз воситаҳои боинсофонаи ба даст овардани ахбор, маводи фотографӣ ва мустанад истифода барад».**

Аммо миёни воситаҳои боинсофона ва бовиҷдон она ва акси он чӣ фарқият вуҷуд дорад? Папаратсиҳоро мисол мегирем: оё усули гирд овардани ахбор аз ҷониби онҳо дуруст аст?

**«Бовиҷдон ӣ» ва «боинсофӣ» мафҳумҳоеанд, ки ба анъанаҳои фарҳангии миллӣ вобастаанд (чизе, ки барои ягон кас бовиҷдон ӣ маънӣ дорад, барои дигаре бевихдонӣ ҳисоб меёбад).**

**Новобаста аз ин мафҳуми «бовиҷдон ӣ» дар масоили зерин аз ҳудуди фарҳангӣ-миллӣ мегузарад:**

- Мо эътироф дорем, ки рӯзноманигорон дар ҷомеа таъсири муайян доранд

- Мо эътироф дорем, ки сӯистеъмол намудан аз ин таъсир аз доираи ахлоқ берун аст.

**Ҳимояи сарчашмаҳо**

**. Маҷмӯъи қонунҳои зиёд рӯзноманигорро водор месозад, ки манфиати сарчашмаҳояшонро ҳимоя намояд.**

**. Аммо на дар ҳама ҷо ҳуқуқи рӯзноманигор барои ҳимояи сарчашмаҳояш ба таври қонунӣ тақвият дода шудааст.**

**-** Маъмулан, бо қонуниятҳо тақвият бахшидани чунин ҳуқуқ нисбат бар хусусияти қоидавӣ доштани он бештар хусусияти истисноӣ маълум мегардад.

**. Созишномаи Шӯрои Аврупо доир ба ҳуқуқи инсон ин масъаларо равшан тавзеҳ намедиҳад, аммо бо қарори Кумитаи ҷонишинони вузарои Шӯрои Аврупо ба кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо тавсия дода шудааст, ки ҳуқуқи рӯзноманигоронро дар хусуси фош насохтани сарчашмаи ахборашон дар ҳолатҳое, ки бандҳои Моддаи 10 Созишномаи Аврупо мавриди истифода қарор мегиранд, эътироф намоянд.**

**. Бешак, аксари ВАУ-и хориҷӣ чунин ҳуқуқи рӯзноманигорро эътироф менамоянд, аммо ба гумон аст, ки онро ҳамчун меъёри дар сатҳи байналхалқӣ эътирофгардида ба ҳисоб гиранд.**

Инак, оё мафҳуме монанди **«Рӯзноманигории байналхалқӣ»** вуҷуд дорад?

. Оре, вуҷуд дорад

**Дар кишварҳои гуногун махмӯ ъаҳои қонунҳои мухталифи қоидаи рафтор барои рӯзноманигорон вуҷуд доранд, аммо ҳамаи онҳо халалнопазирии аломатҳои бунёдии рӯзноманигории баландсифатро эътироф мекунанд. Онҳо чунинанд**:

1. беғаразнокӣ
2. дақиқкорӣ/мӯ ътамад будан
3. бовиҷдон ӣ/ боинсофӣ

. Фарқиятҳо на дар гирд овардани идеалҳо, балки дар гузориши лаҳҳаи сухан вучуд доранд.

**Тақвиятбахшӣ ба мавод**

Дар кишварҳои ИДМ ба қонунҳо дар бораи ВАУ ва меъёрҳои ахлоқӣ барои зарурияте таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад, ки худфаъолиятии рӯзноманигоронро «дар рӯ зхои бадбахтии мардум» ба ягон васила дар доираи қоидае ворид созанд. Дар ин мавзӯ ъ махсусан ҳангоме сухани бештар гуфтаанд, ки тирамоҳи соли 2002 фохиаи Москва бо нигоҳ доштани гаравгонҳо дар Дубровка рух дод.

Бо **«Принципҳои ахлоқии рафтору муносибати касбии рӯзноманигороне, ки амалиёти террористӣ ва зиддитеррористиро ташреҳ медиҳанд»** шинос шавед.

Лоиҳа аз ҷониби Шӯрои федеративии Иттиҳоди рӯзноманигорони Россия барои мавриди муҳокима (тасҳеҳ ва илова) қарор гирифтан пешниҳод шуда, 30 октябри соли 2001 ба тасвиб расидааст.

Ҳангоми гирд овардани ахбор рӯзноманигор, қабл аз ҳама, **бояд дар бораи ҳаёти гаравгонҳо ва қурбоншавандаҳои эҳтимолӣ андеша намояд. Барои чӣ ӯ дар ин кор ӯҳдадор аст, дар зер оварда мешавад:**

- ба иҷрои ягон амале, ки воқеан ва мустақиман метавонад ҳаёти гаравгонон ва қурбоншавандагони эҳтимолиро ба хатар гузошта тавонад, даст назанад;

- аз тамоси бевосита бо террористон, ки агар он барои ҳаёти гаравгонон ва қурбоншавандагони эҳтимолӣ хатари бештар вогузорад ва ё ҳаёти худи рӯзноманигорро низ таҳти хатар қарор диҳад, худдорӣ намояд;

- нисбат ба иштирокчиёни ҳодиса, хусусан нисбат ба кӯ дакон, занон, кӯ ҳансолон ва инчунин гурезаҳо ҳамчун сарчашмаҳои хабар меҳрубонии хосса зоҳир намояд; аз маълум намудани хешу ақрабо ва дӯ стони гаравгонҳо ва қурбоншавандагони эҳтимолӣ бе иҷозати онҳо худдорӣ кунад;

- дар ёд бояд дошт, ки наҷот додани махрӯ ҳон ва зарардидагон, инчунин озод кардани гаравгонҳо дар нисбати ҳуқуқи бархурдор будани ҷомеа аз ахбор имтиёзи бештар пайдо мекунад;

- гирд овардан, мавриди таҳлил ва муқоиса карор додани ахбор аз тамоми сарчашмаҳои имкондошта дар ҳамбастагӣ бо мувофиқат намудани амалиёти хеш бо мақомоти ҳифзи қонун дар ҳолате зарурият надорад, ки агар дар натиҷаи амалиёти рӯзноманигор ҳаёти гаравгонҳо ва қурбоншавандагони эҳтимолӣ воқеан ва мустақиман таҳти хатар қарор гирад;

- миёни террористҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши миёнаравро бозӣ накунад;

- ба террористҳо, гаравгонҳо, гурезаҳо ва дигар ашхоси дар низоъ воқеъбуда барои ба даст овардани тасвирҳои видео ё фотографӣ кӯшиши ба анҷомрасондани ягон амалиётро пешниҳод накунад;

- ҳангоми амалиёти террористӣ бо террористҳо мусоҳиба анҷомнадиҳад;

- хабари тайёр шудани амалиёти теерористӣ ва ё таҳдидоти дигари террористон, ки барои ӯ маълум мегарданд, беистиҳола бояд мавриди иттилоъи умум қарор гиранд.

Рӯзноманигор бояд ҳангоми пешкаш намудани мавод дар бораи амалиёти террористӣ ва амалиёти зиддитеррористӣ хеле эҳтиёткор ва мулоимрафтор бошад. Аз ҳамин нигох, вай ӯҳдадор аст:

- бо дарки он ки амалиёти терроризм бо ягон далелу бурҳон ҳех гоҳ ҳақ баровარда намешавад, ӯ кӯ шиш намояд, ки ба ифодакунандаи андеша ва барномаҳои фаъолияти террористҳо мубаддал наёбад;

- розигӣ надодан барои интиқоли мустақими мусоҳиба бо террористҳо, аз ҷумла ба сабаби он ки баргузор намудани чунин мусоҳиба аз ҷониби террористҳо барои интиқол додани ишоратҳои рамзии махфӣ барои ҳампешагони онҳо, ки дар минтақаи берун аз амалиёти террористӣ қарор гирифтаанд, мавриди истифода қарор ёбад;

- бояд бар он саъй кард, ки навиштаҳои рӯзноманигор дар бораи талаботҳои террористон аз дабдабаҳо ва ташвиқу тарғиби терроризм озод бошанд; минҷумла, хуб мебуд, ки агар ин талаботҳо аз ҷониби

рӯзноманигор бо ибораҳои дигар навишта шуда, тавзеҳоти ҳуқуқии ба он мувофиқро дошта бошад;

- бояд бар он саъй кард, ки дар маҳкама миёни ҳуқуқи хонандагони ВАУ ба донистани ҳақиқати амалиёти террористӣ ва ҳуқуқи ашхоси ба терроризм айбдоршаванда баробарвазнӣ нигоҳ дошта шавад;

- ба ахбор дар бораи амалиёти террористӣ маълумоти дақиқро дар хусуси сабабҳои махфии ҳодиса бояд заммима кард; омилҳое монанди нажод, эътиқоди динӣ, миллат ё мартабаи ишғолкардаи террористҳо ва қурбоншудаи кори онҳо танҳо дар мавриде хабар дода мешаванд, ки агар дорои аҳамияти бузург бошанд; дар ин ҳолат бояд дар назар дошт, ки ҷомеаи хаҳонӣ робитаи терроризмро бо ягон дин, нажод ё миллати мушаххас рад мекунад, дар ҳоле ки бесабрӣ, поймолкунии ҳуқуқ, нобаробарӣ, хаҳолат, қашшоқӣ ва худро аз дигарон дур гирифтан заминаи босамари терроризми байналхалқиро ташаккул медиҳанд;

- далели воқеиеро бояд ба назар гирифт, ки ба мақсади аз байн бурдани терроризм ҷомеаи хаҳонӣ ба инкишофи глобалӣ ва ҳаматарафа эҳтиёх дорад, ки он бар риоя намудани ҳуқуқи инсон, эҳтироми тарафайн, гуфтугӯи байнифарҳангӣ ва паст фуровардани ҳадди камбизоатӣ бар пояи адолат, баробарӣ ва ҳамфикрӣ бунёдпазир аст;

- монтажи маводи фото ва видео, ки тасаввуроти ВАУ-ро дар бораи ҳодисаҳои воқеӣ таҳриф мекунад, роҳ дода нашавад;

- ҳангоми намоиш додани сангдилӣ ва зӯроварии террористҳо ба хотири эҳтироми эҳсосоти ахлоқӣ ва динии ҳаводорони ВАУ ва пеш аз ҳама, адои иззату ҳурмат дар нисбати азобу машаққатҳои қурбоншудаҳои терроризм ва эҳсосоти наздикони онҳо барои мураккаб насохтани тасвири ношоистаи ҳодисаҳо аз ҳангоматалабии номуносиб ва натурализм худдорӣ карда шавад;

- ҳангоми ҳаллу фасли масъала дар бораи ба чоп додани хотираҳои террористҳо, хатареро ба назар бояд гирифт, ки чунин маводи нашршуда метавонад барои ҳақҳ баровардан, қаҳрамон сохтан, романтикунонӣ ва ё баръакс, фачу бемаза ва паст фуровардани хатари терроризм мусоидат мекунанд;

- ҳуқуқи ҷомеаро дар бораи хабардор будани онҳо аз тамоми ҷанбаҳои барои вай муҳимми терроризм ва мубориза бар зидди он дифоъ намояд ва он бар пояе бояд сурат гирад, ки манъи табъу нашри ахбори берун аз доираи қонун ва барои ҷомеаи демократӣ зарурнадошта қобили қабул нест.

Ҳангоми иҷрои кор дар минтақаи амалиёти зиддитеррористӣ рӯзноманигор бояд **барои ҳифзи бехатарии хеш чораҳои заруриро андешад. Сабабҳои он дар нукоти зерин оварда мешаванд**:

- роҳбари амалиёти зиддитеррористиро дар бораи нияти хеш, ки ба тасвири ҳодиса робита дорад, хабардор мекунад, ба шарте, ки он ба муқаррар гардидани назорат аз болои фаъолият ва маводи нашри

рӯзноманигор ва, пас, ба қатъ гардидани вазифаи ӯ таҳдиди воқеӣ ва бевосита ба вуҷуд наоварад;

- бояд ҳамроҳи худ шаҳодатномаи рӯзноманигории нашрия ва ё ҳуххати дигарро дошт, ки муайянкунандаи шахсияти ӯ янд ва дар мавриди пурсиши нахустин дар минтақаи амалиёти зиддитеррористӣ онро нишон бидиҳад;

- саъй варзад, ки ҳангоми тирпаррониҳои дутарафа худро дар паноҳ нигоҳ дорад; дар минтақае, ки барои террористҳо намоён аст, сайругашт накунад, зеро ки ҳатто дар нишонгираки хеш снайпер ҳам метавонад рӯзноманигорро аз иштирокчии амалиёти зиддитеррористӣ фарқ накунад ва ё баръакс, намояндаи ВАУ-ро таҳти мушоҳидаи барқасд қарор гирад;

- ба даст яроқ нагирад ва либоси низомиеро напӯ шад, ки иштирокчиёни амалиёти зиддитеррористӣ доранд, ба истисноии ҳолате, ки агар фаъолияти террористон воқеан ва бевосита ба амнияти рӯзноманигор таҳдид намояд; дар ин ҳолат рӯзноманигор ҳақ дорад, ки тақдирашро мустақилона ҳал кунад – ё мушоҳиди бетараф мемонад ва ё ба даст яроқ гирифта, дар набард ворид мешавад;

- дар ҳолати ба гарав афтиданаш бояд дарров дар бораи мансубияти касбиаш изҳор диҳад, маблағи харидро ваъда накунад, кӯ шиш варзад, ки ба идораи рӯзнома пленкаҳо ва сабти видеоро, ки ҳангоми кор ба навор гирифтааст, интиқол диҳад, то ки маълумот дар бораи ба гарав гирифтани рӯзноманигор ҳарчӣ зудтар ба идораи рӯзнома ва органҳои ҳифзи қонун расида тавонад.

Дар ҳаҷми пурра бо **«Изҳороти байналхалқӣ дар бораи принципҳои рафтори рӯзноманигорон»**, ки Конгресси федератсияи байналхалқии рӯзноманигорон онро соли 1954 (иловаҳо соли 1986 ворид шуданд) қабул намудааст, шинос шавед.

Ин изҳороти байналхалқӣ ба сифати намунаи рафтори касбии рӯзноманигороне, ки ба гирд овардан, мавриди коркард қарор додан, интишор ва тафсир додани ахбор ва маълумот ба мақсади тасвир додани ҳодисаҳо машғуланд, эълон мегардад.

1. Эҳтироми ҳақиқат ва ҳуқуқи ҷомеа барои фаҳмидани ҳақиқат вазифаи аввалини рӯзноманигор аст.
2. Тибқи ин вазифа рӯзноманигор дар ҳамаи давраҳо ӯҳдадор аст, ки принципҳои озодии гирд овардан ва чопи объективии ахбор, ҳамчунин ҳуқуқи беғаразонаи шарҳу эзоҳ ва танқидро ҳимоя намояд.
3. Ҳодисаҳоро тавзеҳ дода, рӯзноманигор ӯҳдадор аст, ки танҳо ба далелҳои воқеие, ки аз ҷониби шахсан худаш муқаррар шудаанд, истинод варзад. Рӯзноманигор набояд хабари муҳимро пинҳон нигоҳ дорад ва ё ҳуххатҳои қалбакӣ созад.

4. Рӯзноманигор ӯҳдадор аст, ки танҳо усулҳои арзандаю сазовори дарёфт намудани хабарҳо, маводи фотографӣ ва ҳуххатҳоро мавриди истифода қарор диҳад.

5. Рӯзноманигор ӯҳдадор аст, ҳамаи имкониятҳояшро барои ислоҳ ва ё рад намудани маълумоте, ки ба ҳақиқат рост намеояд, ба кор барад.

6. Рӯзноманигор ӯҳдадор аст, ки сарчашмаи маълумотро, ки ба таври махфӣ ба даст овардааст, сирри касбӣ ҳисоб намояд.

7. Рӯзноманигор ӯҳдадор аст, хатари маҳдудкунии ҳуқуқро, ки дар нисбати ягон шахс дар натиҷаи фаъолияти воситаи ахбори умум ба миён омадааст, ба назар гирад. Ӯ бояд тамоми имкониятро истифода барад, то ки ҳатто ҳавасмандии беихтиёронаи маҳдудияти ҳуқуқро, минҷумла аз рӯи нишонаҳои нажод, хинс, майлони муомилоти хинсӣ, дин, эътиқодоти сиёсӣ ва амсоли он ва инчунин баромади иҷтимоӣ роҳ надиҳад.

8. Рӯзноманигор ӯҳдадор аст халалпазирии ахлоқи касбии зеринро нораво ҳисобад:

- асардуздӣ;
- шарҳу эзоҳи нодурусти барқасдона;
- суханҳои бофта, тӯҳмат, диффамация, гунаҳкоркуниҳои бардурӯғ;
- ришвагирӣ дар шаклҳои гуногун ба сифати ҳаққи кории чоп ва ё махфӣ нигоҳ доштани маълумот.

**Танҳо касеро ҳамчун рӯзноманигор эътироф мекунанд, ки вай дар фаъолияти хеш принципҳои дар боло ишорашударо дастури корӣ намуда бошад.**

**Қонунҳои кишвари хешро риоя намуда, дар масоили касбӣ рӯзноманигор танҳо доираи ҳуқуқи ҳамкасбонашро эътироф намуда, ҳар гуна дахолатро аз ҷониби ҳукумат ва ашхоси дигар истисно мекунад.**

**Машқҳо.**

1. Машқи «Назаре аз ҷониби дигар»

Кӯ чаҳо ва ҷойҳои хамъиятии шаҳратонро мушоҳида намуда, ду-се чизеро дарёбед, ки барои шахси хориҷӣ ва ё инсоне, ки ба ин шаҳр бори аввал омадааст, метавонанд ғайриоддӣ ва ё беназир намудор гарданд. Ин машқ санҷиш ест барои муайян намудани қобилияти мушоҳидакорӣ ва қудрати назар андӯ хтан ба шароити муқаррарӣ «аз ҷониби дигар».

2. Машқи **«Муайянкунандаи қимати тавсифии мустақилият»**. Муайянкунандаи қимати тавсифиро мавриди омӯзиш қарор диҳед ва фикр кунед, ки кадом қувваҳо дар ҷомеаи Шумо кӯ шиш доранд, ки ба кори рӯзноманигор таъсир ва шаклҳои гуногуни фишор оваранд.

Конформизми пурра
Мустақилияти пурра

--------------------------- ҳукумати марказӣ
--------------------------- ҳокимиятҳои маҳаллӣ
-- ------------------------- сохторҳои тиҷоратӣ
--------------------------- меъёрҳо ва анъанаҳои дар ҷомеа қабулшуда
---------------------------- дини расмӣ
----------------------------- рағбат ва талаботи хонанда
----------------------------- муҳаррирон

------------------------------- рӯзноманигор

**Боби 2**

## Жанр ва сохтори мақолаҳо

Рӯзноманигорӣ монанди илмҳои дигар қонунҳои хешро дорад ва барои таснифи маводе, ки мавриди омӯзиш қарор мегирад, талош дорад. Аз ин рӯ , назариётчиёни рӯзноманигорӣ ба таҳқиқи маводи рӯзноманигорӣ дар доираи ба жанрҳо муттаҳидкунии онҳо машғуланд. Теъдоди зиёди жанрҳои рӯзноманигорӣ ва хусусиятҳою фарқиятҳои онҳо вуҷуд доранд. Жанрҳо аз ҳам аз хиҳати тарзи ифодаи адабӣ, услуби иншо, устухонбандии адабӣ ва ҳатто аз рӯи миқдори сатрҳо низ фарқ мекунанд.

**Воситаҳои гуногуни тасвир намудани воқеият тавлидкунандаи жанрҳои гуногунанд.**

**Жанр – ин восита ва шакли ба вуҷуд овардани асари чопии рӯзноманигор аст.**

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин вазъияте ташаккул ёфтааст, ки хонанда одатан ҳар гуна маводеро, ки дар нашрияҳои ВАУ ба чоп мерасанд, мақола ё хабарнома меномад. Аммо рӯзноманигорони касбӣ бояд дар чизҳои нашршуда аломати ин ё он жанрро ба таври дақиқ муайян созанд ва ба ҳех вахҳ, масалан, очеркро репортаж нахонанд.

### Таснифи жанрҳо дар рӯзноманигории баъди даврони шӯравӣ

Жанрҳоро шартан ба 3 гурӯ ҳ тақсим намудан мумкин аст:

1. **Хабарӣ:**

**Воқеанома –** далели воқеии бе тафсилот. Маълумотномаҳои на он қадар бузург, ки сарлавҳа надоранд. Одатан дар шакли интихобӣ ба чоп мерасанд.

**Иттилоънома** - далели воқеии бе тафсилот, ки ба унвони доираи муайяни хонандагон мувохеҳ шудааст (иттилоънома дар бораи марг, хабар дар бораи барҳам хӯ рдани корхона ва ғ.).

**Маълумот (қайдҳо, хабар, маълумоти хабарӣ, «сатрҳои мутаҳаррик», маълумотномаи таърихӣ, муқоиса, тавсифи қаҳрамонон**)- баёни охилона ва мазмуни замонавидоштаи моҳияти далели воқеӣ бо назардошти баъзе тафсилот аст. Дар ҳолатҳои зиёд дар шакли интихобӣ ба чоп мерасад. Сарлавҳа дорад ва зерсарлавҳа низ қобили қабул

аст. Баёни мухтасари воқеияти қаблан рухдода, ҳодисаҳо ва зуҳуротро дар бар гирифта метавонад.

**Лавҳа** – хамъбандии далелҳои воқеӣ ва тасвири вазъият. Сухангӯ ии образноки рӯзноманигор дар бораи тасаввуроти хеш.

**Мусоҳибаи хабарӣ –** баёни далелҳои воқеӣ аз номи шахсе, ки бо ӯ сӯҳбат ороста шудааст. Гуфтугӯи рӯзноманигор бо ҳамсӯҳбаташ ҳадафи тасвири мухтасари далелҳои воқеӣ, воқеиятҳо ва зуҳуротро дорад.

**Ҳисоботи хабарӣ (умумӣ, мавзӯ ъгӣ, бо тавзеҳот)** – иншои пайдарпаи далелҳои воқеии асосӣ ё дар шакли солнома, ё тасвири бархе аз муҳимтари онҳо аст. Баён намудани нуқтаи назари хеш ва ё иқтибос овардан аз гуфтори ашхоси ба он робитадошта мумкин аст.

**Хулосаи хабарҳо** – далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо, зуҳуроти асоситарини ҳаёт дар давоми марҳилаи муайян (маълумотнома, хулосаҳои хамъбастӣ).

**Муросилоти хабарӣ –** тасвири далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳурот аз ҳисоби ҳахм, баёни мазмун ва миқёси тавсиф ва ба хузъиёт тақсимшавии онҳо.

**Гузориш (ҳодисавӣ, мавзӯ ъгӣ, саҳнавӣ) –** тасвири далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳурот аз тариқи мушоҳидаи бевоситаи рӯзноманигор ва ё шахси ба он вобасташуда, ки «дар макони ҳодиса» ҳозир аст. Гузориш унсурҳои якчанд жанрро дар бар мегирад. Дар ҳолатҳои бисёр суратҳои фотографӣ ҳамроҳ карда мешаванд. Ҷой доштани эҳсос ва ҳиссиёти субъективӣ мумкин аст. Нутқи айнан нақлшуда ва гуфтугӯҳои мухтасари тарафайн истифода бурда мешаванд.

**Тавзеҳоти хабарӣ**. Шарҳу эзоҳи далелҳои воқеӣ ва ё гирд овардани далелҳои воқеӣ аз ҷониби шахси босалоҳият ва ё муносибати муаллиф ба масъалаи додашуда ва ё ба андешаи ягон кас.

**Раъйпурсӣ** - нашр намудани андешаи гурӯ ҳӣ доир ба як ё якчанд проблемаҳо ва масъалаҳои аҳамияти замонавӣ дошта.

**Саволу хавоб («воситаи тамоси мустақим»)** – посухи мутахассис ё ҳайати таҳририя ба саволҳои хонандагон.

**«Пинг-понг»** - радду бадали суханҳо.

**Маслиҳат** – жанри доираи амалиёташ маҳдуд аст. Маслиҳати мутахассис дар масоили ҳаёти ҳаррӯ за («маслиҳатҳо барои соҳибони бӯ стонсароҳо», «ба кӯмаки дӯ стдорони мошинҳо» ва ғ.)

**Пресс-релиз** – ба маъраз гузоштани далелҳои воқеӣ, объектҳо, субъектҳо ва ҳодисаҳое, ки барои ба чоп расидани жанрҳои гуногун ҳамчун яке аз сарчашмаҳо хизмат мерасонанд.

**Некролог** – нақл дар бораи марҳилахои умри шахси фавтида бо ҳамроҳии суханони видоъ ва тасаллибахш.

**2. Таҳлилӣ**

**Ҳисоботи таҳлилӣ** – муқоисаи фаъоли далелҳои воқеӣ, ҷустуҷӯ и ҷойҳои заиф, муқаррар сохтани рӯ ҳияи мазмун, тавзеҳот, резюме.

**Муросилоти таҳлилӣ** – тасвири охилона ва мушаххаси далелҳои воқеӣ, хулосаҳои думболаи онҳо. Муросилот аз унсурҳои якчанд жанрҳо иборат аст. Масоили он аз тариқи усули дедуксия (дар алоҳидагӣ, аз хузъ ба сӯи кулл) мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**Мақола (ташвиқотӣ, проблемавӣ, хулосавӣ, танқидӣ)** Масоили он аз тариқи усули индуксия (бо роҳи ба хузъиёт тақсим намудан, аз кулл ба сӯи хузъ) мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Мақола ҳамчун таҳлили амиқи чизи тасвиршаванда, хулосабандии далелҳои воқеӣ, ифтитоҳи қонуниятҳо дар инкишофи зуҳурот, таҳқиқоти чандинтарафаи робитаҳои сабабӣ ва натихавии он тавсиф меёбад.

**Мусоҳибаи таҳлилӣ («дар ҷустуҷӯ и ҳақиқат») –** гуфтугӯи байни рӯзноманигор ва ҳамсӯҳбати ӯ , ки дар натиҷаи он саволҳо тавре гузошта мешаванд то посуххои хавобгӯ ҳарчи бештар моҳияти мавзӯ ъи интихобшударо равшан созанд.

**Сӯҳбат** – гуфтугӯи миёни рӯзноманигор ва ҳамсӯҳбат, ки дар он рӯзноманигор ба ҳайси як мутахассиси ин ё он соҳа баромад мекунад.

**Мизи мудаввар**- равиши мулоқот, ки дар он якчанд нафар – мутахассисони ин ё он соҳа, ки ҳаллу фасли як ё якчанд машокил онҳоро муттаҳид сохтааст, ширкат меварзанд.

**Тавзеҳоти таҳлилӣ –** ба хуз тавзеҳ додани далелҳои воқеӣ аз ҷониби шахси босалоҳият, он барои расман баён намудани андешаҳо дар нисбати ҳодисаҳо, далелҳои воқеӣ ва зуҳурот мавриди истифода қарор мегиранд.

**Саволнома –** муайян сохтани андешаи гурӯ ҳӣ доир ба ин ё он масъала, хамъбаст намудани натихаҳо, баҳогузорӣ ва резюме.

**Мониторинг** – ба қайд гирифтани нишондодҳои инкишофи зуҳурот, ҳодисаҳо ва далелҳои воқеӣ. Тавзеҳоти муаллиф ва ё ашхоси босалоҳият иҷозат дода мешавад.

**Рейтинг** – тақсими далелҳои воқеӣ, зуҳурот, ҳодисаҳо, нишондодҳо аз рӯи ин ё он хусусиятҳо («даҳ нафар (чизи) беҳтарин», «рейтинги сиёсатмадорони машҳур» ва ғ.).

**Тақриз** – андешаҳо перомуни далелҳои воқеӣ, зуҳурот, ҳодисаҳо (бештар дар бораи асарҳои бадеӣ ва санъат).

**Тавсиянома** – жанри доираи истифодааш маҳдуд аст. Ба хуз маслиҳатҳо дар тавсияномаҳо посуххо ба саволҳои «чӣ?», «чӣ тавр?», «чаро?», «чаро махз ҳамин тавр?» дода мешаванд.

**Пешгӯ ӣ** – пешгӯ ӣ намудани далелҳои воқеӣ, зуҳурот, ҳодисаҳо ва раванди инкишофи онҳо.

**Намунаи андеша -** пешбиние, ки бар омӯзиши пурраи далелҳои воқеӣ, зуҳурот, ҳодисаҳо ҳамроҳи тақвият додани онҳо бо далелҳою бурҳонҳои мавхуда ва ё иловагӣ асос гирифтааст.

**Тахриба -** («ба пӯ сти хеш санхидан»)- шаклсозии вазъият ба воситаи омӯзиши масъала аз ботини хеш (рӯзноманигор камбағал (бой) шуд ва ғ.).

**Нома (номаи кушода) –** муроҷиати бевоситаи муаллиф ба унвони инсони мушаххас (одатан ба унвони шахси дар мансаби баланд

қарордошта), ки он ҳадаф ё таваҷҷӯҳи ӯро ба проблема ҷалб месозад ва ё изҳор кардани аксуламалашро ба ин ё он далелҳои воқеӣ, зуҳурот ва ҳодисаҳо дар назар дорад.

**Омурзиш («фиғони қалб») –** дар шакли классикии он – нашр ё интихоб намудани нома аз байни номаҳои дигари хонандагон. Хиҳати фарққунандаи он дараҷаи баланди ҳассосият ва фошгӯ ӣ аст.

2. **Адабӣ-публитсистӣ:**

**Очерк (сужетӣ, тавсифӣ)** – далелҳои воқеӣ ба дараҷаи дувум фароварда мешаванд. На далели воқеӣ, балки дарк ва тавзеҳи он муҳимтар аст. Типикунонӣ ва тавзеҳи образноки он қобили қабул аст. Таассурот ва андешаи рӯзноманигор, ки аз далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳурот тавлид ёфтаанд, муҳим аст. Очерк унсурҳои якчанд жанрҳоро дар бар мегирад.

**Фельетон** – аз нигоҳи аҳамияти замон танқид намудани далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва шахсиятҳо ба воситаи усулҳои махсуси баён (образнокӣ, ҳахв, ришханд ва ғ.)

**Ҳахвия** - танқиди аҳамияти замонавидошта, фошсозии далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳуроти иҷтимоӣ-сиёсӣ. Он аз эҳсосот ва тавсифҳо бой аст.

**Тақлиди ҳахвӣ -** тақлидкорӣ ба далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо, зуҳурот ва шахсиятҳо, ки ҳусни таваҷҷӯҳро аз тариқи хандаҳои хонанда барои барзиёд нишон додани камбудиҳо ва ба мақсади танқиди объекти тақлид ҷалб мекунад.

**Тавзеҳоти ҳахвӣ –** тавзеҳоти далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳурот, ки бар танқид ва ҳачв кардани камбудиҳои онҳо (бемантиқӣ, номуттасилӣ, ҷоҳилӣ ва ғ.) асос мегиранд.

**Таърихи ҳаётӣ –** тасвири адабии муфассали далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳурот ва шахсиятҳо. Тақсимбандии персонажҳо ба «хубҳо» ва «бадҳо» имкон дорад.

**Ривоят –** асари бофта. Тахайюлоти рӯзноманигор одатан бар далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳурот ва шахсиятҳо ва ё шартан воқеӣ асос мегиранд.

**Катибаҳои лавҳи мақбара (эпитафия) –** асарест, ки далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳурот ва шахсиятҳоеро, ки дар роҳи ҳаёти марҳум бо ӯ воҳӯ рдаанд, инъикос мекунад. Он аз эҳсосот лабрез аст.

**Латифа (базлагӯ ӣ) –** асари зарофатгӯ ӣ ва ё ҳахвӣ, ки бар таърихи бофта ё воқеӣ асос меёбад.

**Шӯ хӣ –** асари бофтаи ҳахвӣ ё масхараомез

**Фиреббозӣ («фиреби безарар») –** асари бофтае, ки ба ин ё он далелҳои воқеӣ, ҳодисаҳо ва зуҳурот ва шахсиятҳо ва ё рӯ зе (масалан, фиреббозии хонандагон дар рӯ зи 1 апрель) бахшида мешавад.

**Бозӣ («ҳавасмандкунӣ») –** усули ҷалб сохтани таваҷҷӯҳи хонанда ба нашрия аз тариқи хавасманд кадани шаҳди ғалаба дар ин ё он бозӣ (озмун, викторина ва ғ.) бо тақдим намудани мукофотҳо.

Воқеан, тақсимбандии қатъӣ аз рӯи жанрҳо дар рӯзноманигории баъди даврони шӯравӣ танҳо дар назария вуҷуд дорад. Ба жанрҳо хосияти омехташавии муштарак мансуб аст ва дар амалия ҳудуди байни онҳо дар аксари ҳолатҳо барҳам мехӯ ранд.

**Дар рӯзноманигории байналхалқӣ бештар чор жанри зерин интишор ёфтаанд:**

1. **Ахбор (қайдҳо);**
2. **Мақолаи хабарӣ бо унсурҳои таҳлил;**
3. **Очерки мавзӯ ӣ**
4. **Тавзеҳот (андеша).**

**Шумо пурсида метавонед: оё бо равиши шартҳое, ки дар амалияи байналхалқӣ қабул шудаанд, зарурати пайгирӣ вуҷуд дорад?**

Рӯзноманигории ҳар як кишвар шароити фарҳангӣ ва меъёрҳои забонии худро дорост.

Ҳамин тавр, дар баъзе фарҳангҳо ва забонҳо дар охири мавод ҷо додани хабари аз ҳама муҳиммро ба мисли як аҷобати ногаҳонӣ қобили қабул меҳисобанд, то ки хонандаро ба василаи он ба «таҳрик» оваранд. Дар ВАУ Амрикои Лотинӣ одатан дар аввали мавод аз ҷониби рӯзноманигор «шасти моҳидорие» партофта мешавад, ки ҳисси кунхковии хонандагонро то ба охир бедор карда тавонад.

**Мисоли №1**. Сохтори «операҳои ҳубобшакл»- ро ба хотир биёред.

Дар фарҳангҳои дигар, баръакс, қисмати муҳимтарини хабар дар ибтидои мавод ҷо дода мешавад. (Мисоли №2, ниг. поёнтар).

**Дар соҳаи байналхалқӣ қоидаҳои умумӣ амал менамоянд, то ки хабари дар шакли матн омада барои намояндагони кишварҳо ва фарҳангҳои гуногун осонтар мавриди дарк қарор гиранд.**

**Ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки шумо на барои ҳамсояи девордармиёни худ менависед. Маводи Шуморо дар ягон ҷои Африқои Ханубӣ, Португалия, Таиланд, Бразилия ва ё дар вилояти Небраска мутолиа хоҳанд кард.**

**Жанрҳо ва сохтори мақолаҳо дар рӯзноманигории байналхалқӣ дар муқоиса бо амсоли даврони шӯ равиаш хеле сахту мураккабтаранд.**

Баъзе аз жанрҳои одатии мо дар ВАУ-и нуфузашон бузург ҷойгузин шуда наметавонанд. Чизе дар он ҷо ба таври дигар қабул карда мешавад. Масалан, фаҳмиши жанри «фельетон» дар Ғарб факат маънои мақолаи таҳлилиро дорад.

Дар иртибот бо ин, оё ба ин васила шартҳои як фарҳанг ба гардани тамоми олам бор карда намешавад?

Ба ҳадде ин даъво ҳаққ аст. Он меъёрҳо ва шартҳое, ки имрӯз«байналхалқӣ» ном гирифтаанд, аз як анъана – англисӣ-саксонӣ ва ё англисӣ-амрикоӣ гирифта шудаанд.

Аммо эътироф намудани онҳо ба ҳайси меъёри байналхалқӣ натиҷаи «империализми фарҳангӣ» ҳисоб намеёбад. **Чаро?**

**Аввалан**, дар олам забони бештар паҳншуда забони англисӣ аст ва худи ҳамин воқеият аллакай талаботи муайяни на танҳо мавзӯ ӣ, балки сирф забониро ба миён мегузорад.

**Сонияи**, баъзе ҷанбаҳои рӯзноманигории байналхалқӣ (дар аввали мақола ҷо додани ахбори бештар аҳамиятдошта ва ғ.) дар навбати аввал, вуҷудияти хешро вобастаи омили воқеӣ-мисоли зерин медонанд.

**Мисоли №2**. Хонандаи табиии аксари нашриёҳои байналхалқӣ («Иқтисодчӣ», «Таймс» ва ғ.) одамони машғули бизнес ва дигар намояндагони ҷомеаи байналхалқиянд, ки маъмулан, ҳар рӯзба мутолиа намудани миқдори зиёди маводи табъу нашр зарурат доранд. Онҳо барои хондани мақолаи пурра вақт надоранд – одатан чанд сатри авваларо аз назар мегузаронанду халос.

**Эзоҳ**: ягон кас дар хусуси он ки кадом услуб беҳтар аст ва кадомаш бад, ҳарфе намезанад. Сухан дар бораи он меравад, ки оё хонандаи байналхалқӣ ба чӣ одат кардааст.

**Он чизе, ки хонандагон ба унвони маводи нашри байналхалқӣ дар муқоиса бо намунаҳои маҳаллӣ, минтақавии онҳо талаботҳои дигарро пешниҳод мекунанд – танҳо як воқеияти олами имрӯ за аст**.

Аммо дар боби истифода аз услуби рӯзноманигории байналхалқӣ дар нашриёҳои маҳаллӣ Шумо озодии фаъолият доред ва худатон қазоват мекунед, ки кадом чизро боқӣ монда, кадоми дигарро сарфи назар кардан лозим аст.

Талабот ва хусусияти жанрҳои асосии рӯзноманигории байналхалқиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

**1. Ахбор (қайдҳо):**

**-** нақли асар пурра дар асоси далелхои воқеӣ сурат мегирад;

**-** аз тафсилот ғанӣ аст**;**

- шавқу рағбат\андешаи шахсиро инъикос намекунад;

- мавод аҳамияти замонавӣ дошта, ба зудӣ кӯ ҳна мешавад; вай бояд наву тоза бошад;

**Аз нигоҳи назариявӣ**, иншои мустақими ахбор бояд ягон мураккабӣ надошта бошад. **Аз нигоҳи амалӣ**, он тамоман оддӣ нест, зеро ки:

- имконияти вуҷуд доштани далелҳои аз ҳад зиёд ҷой дорад (кадом чизро бояд боқӣ монд ва аз кадомашро сарфи назар кард?);

- ба низом даровардани далелҳои воқеӣ дар ибтидо ба ҳар кас муяссар намегардад.

**2. Мақолаи хабарӣ бо унсурҳои таҳлил:**

- аз ҳадди далелҳои воқеии хушку холӣ болотар аст;

- ҳодисаҳоро шарҳ дода, онҳоро дар доираи мавзӯ и муайян ворид мекунад;

- мавод як самте дорад, аммо бар далелҳои воқеӣ асос мегирад;
- он бояд хабарӣ ва мӯътадил бошад.

**Айният (объективӣ) ва мӯътадилияти он** аз ҳама бештар заруранд, зеро ки:

- андешаи шахсӣ вуҷуд надошта бошад;
- танҳо далелҳои воқеӣ хабар дода мешаванд;
- ҳатман ишора ба сарчашмаи хабари воқеӣ ҷой дошта бошад;
- таҳлил бояд бар ҳамин хабари воқеӣ асос ёфта бошад;
- агар дар мақола аз сарчашмае, ки ифодакунандаи як нуқтаи назар аст, иқтибос омада бошад, ҳатман вуҷудияти сарчашмаи дигар зарур аст, ки он нуқтаи назари муқобилро ифода намояд.

**Вақт аҳамияти хосса дорад:** аллакай дар абзаци 1-ум ё 2-юм нишон додан даркор аст, ки **маҳз кай** ҳодисаи тасвиршаванда рух додаст.

**Талаботи асосӣ:**

- нақли ҳодиса аз номи шахси сеюм бурда мешавд;
- ҷумлаҳо ва абзатсҳои кӯтоҳ;
- дар ҳолатҳои зиёд – як ҷумла барои як абзатс;
- ҳадди аксар 25 калима (20 барои воридсухан) дар як ҷумла;
- дар мақолаҳои мавзӯӣ ҷумлаҳо дарозтар шуда метавонанд;
- як абзатс – як фикр;
- бе догматизм (хондани он осонтар аст);
- аз «деворҳои матн» (хусусан ҳангоми таҳияи мавод барои воридсозӣ дар Интернет) бояд парҳез кард;
- таърихи рӯзҳои мушаххас (на «дар ҳафтаи гузашта», балки «15 июль»);
- нақшаи «аҳроми чаппагардоншуда»- далелҳои воқеии муҳимтар – дар боло ва камаҳамияттар – дар поён.

**Сохтори мақола**

Дар зер нақшаи тахминии мақолаи хабарӣ бо унсурҳои таҳлил оварда мешавад. Бешубҳа, он хеле содда шудааст, аммо рӯзноманигорони зиёд онро ба ҳайси дастурнома бо камоли майл мавриди истифода қарор мегиранд. Нақша андешаи рӯзноманигорро дар доираи як сохтор ворид месозад, аммо он тамоман догма набуда, бештар ба қолабе шабоҳат дорад, ки имкони ба тартиб овардани маводро таъмин мекунад.

Сарлавҳа: Худро бо сарлавҳа хаставу монда накунед. Онро, яқинан, муҳаррир пайдо мекунад.

Мухтасари мақола: дар ҳудуди 10-15 калима мухтасари мақоларо баён созед, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст, кай, дар куҷо ва барои чӣ он аҳамияти замонавӣ дорад.

Абзатси 1: Тасвири ҳодиса, ашхоси дар он амалкунанда, дар куҷо ва кай рух додани вай. Он танҳо чун «шасти моҳидорӣ» аст ва тафсилот надорад.

Абзатси 2: Тавзеҳ диҳед, ки барои чӣ ҳодиса аҳамияти замонавӣ дорад, ба кадом оқибатҳо оварда метавонанд ва дар вазъияти ҷории кишвар чӣ гуна таъсир хоҳад расонд.

Абзатсҳои 4 ва 5: Маълумотномаи таърихӣ. Ҳикоят кунед (ҳар қадар кӯ тоҳтар мумкин бошад), ки ҳодисаи рухдода натиҷаи кадом ҳодисаҳои асосии пешина аст.

Давомаш: Се-чор фасли ҳар кадоми он аз ду-се абзатс бо тадрихан зиёд овардани далелу бурҳонҳо иборат аст.

Дар ҳар як фасл имкони зерин вуҷуд дорад:

- тавсиф намудани доираи ҳодисаҳое, ки бар ҳодисаи ҷорӣ муқаддамтаранд (аз рӯи тартиби солноманависӣ)

ва ё

- овардани якчанд тавзеҳот (иқтибосҳо), ки ҳамдигарро ба эътидол меоваранд

ва ё

- ягон масъала ва ё мавзӯъеро, ки ба ҳодисаи рухдода муносибат дорад, мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Абзатси хулосавӣ: Мақоларо бо зикри аҳамияти замонавӣ доштани ҳодисаи рухдода ба анҷомрасонед. Дар тафаккури хонанда образи хотирнишинеро боқӣ монед. Дар ин абзатс ҳех гоҳ хабари нав ворид насозед.

Дар бораи дарозӣ…

Дарозии ҷумла: На беш аз 25 калима.

Дарозии абзатс: Як-ду ҷумла дар абзатсҳои аввалӣ (1-ум ва 2-юм), ки баёни мухтасари ҳодисаҳоро медиҳанд. Абзатсҳои минбаъдаро аз се-чор ҷумла сохтан мумкин аст.

Дарозии мақола: 700-900 калима.

**3. Очерки мавзӯӣ**:

- мундарихаи амиқ;

- вуҷуд доштани сужет;
- нақли ҷолиб ва пурраи образҳо;
- аз рӯи ҳахм калонтар аст (1500-2000 калима);

Очерк хонандаро ба ҷое мерасонад, ки ҳодисаҳои тасвиршаванда рух медиҳанд; хонанда гӯё ки воқеаро бо чашми рӯзноманигор мебинад. Барои ҳамин унсури асосии очерки мавзӯ ӣ **сарсухани** он аст.

Сарсухани очерки мавзӯ ӣ ҳадафҳои зеринро дорад:
- табъи дилро хуш мекунад;
- образро ба вуҷуд меорад ва тахайюлотро бедор мекунад;
- дарҳол хонандаро ба ҷои ҳодиса интиқол медиҳад.

**4. Тавзеҳот (андеша):**
- ба қаҳру ғазаб роҳ надиҳад;
- на ҳар чизеро нависед, ки дар бораи он фикр мекунед;
- эҳсосотро пахш намоед.

Маводе, ки андешаро ифода мекунад, дар шакли идеалӣ чунин бошад:
- чизеро хабар диҳад, ки муҳим бошад;
- асоснок бошад ва бо далелҳо хуб тақвият ёфта бошад;
- ба танқиди «шахси огоҳ» сабру тоқат дошта бошад;
- хуб навишта шуда бошад;
- аз дохили матн бояд овози ниҳонии рӯзноманигор ба гӯш расад, ки услуби хоссаи хешро дорад;
- дар асоси он баёни далелҳои воқеии санхидашуда, таҳлил ва баҳогузории бодиққатона ҷой дошта бошад;
- танҳо ба як мавзӯ ъ бахшида шудааст;
- назари тозаеро дар усули рафтори воқеӣ ва бигзор баҳсноку якмаром набуда пешкаш намояд;
- фикрро бедор карда, хонандаро маҷбур созад, ки ба мавзӯ и баҳси мақола тахдиди назар кунад;
- ба ҷои «қисса кардан» «нишон додан» беҳтар аст;
- мисолҳо оварда шуда, «таърихе»-ро ҳикоя кунад ва ба хонанда андешаи хушку холиро пешкаш нанамояд;
- ба тасвири мавзӯ и баҳс мутамарказ шавад, на ба таҷрибаи шахсии муаллиф;
- думболагири як тарзи ҳикоя бошад (як «овоз»-ро интихоб намуда, ба он пайравӣ намояд).

**Ғайр аз ин**, вобаста ба мавзӯ и баҳси мавод тавзеҳот (андеша) метавонанд расмӣ ё ғайрирасмӣ бошанд.

**Унсурҳои мақолаи хабарӣ-таҳлилӣ**

**Сарлавҳа**

Сарфи назар аз он ки муаллифони бисёрии ВАУ-и байналхалқӣ рӯзноманигоронро бо эҷод намудани сарлавҳаҳо заҳмат намедиҳанд ва дар аксари ҳолатҳо онро худашон эҷод мекунанд, донистан ва тавонистани навишти сарлавҳа барои рӯзноманигор аз талаботи зарурӣ аст. Охир, **сарлавҳа – паёми бозаргонии матни Шумост. Дар мавриди зиёд хонанда қазоват мекунад, ки оё барои хондани чунин мавод вақташро сарф кунад ё на.**

**Таваҷҷӯҳ: сарлавҳаҳои фачу бемаза**

ВАУ-и зиёди Осиёи Марказӣ нақши сарлавҳаро ба сифати «ҳавасангези фачу бемаза» муҳим мешуморанд.

Дар натиха ин ВАУ-ҳо аз мазмуни матн ифодаҳои фитнаангезро бардошта, дағалона калимаҳои сермаънoро истифода мебаранд ва аз тафсилоти низоъҳо лаззат мебаранд ва ғ.

Оре, фитнаю найранге, ки дар сарлавҳа ворид шудааст, таваҷҷӯҳро ҷалб мекунад ва «рейтинг»-и мақолаи мушаххасро боло мебардорад, аммо дар айни замон (талаботи ахлоқии ин касбро ба хотир биёред) роҳ додан **мумкин нест, ки он то ҳадди фиреб, маълумоти дурӯғ ва тамоили нодуруст паст фуроварда шавад,** дар акси ҳол ҳам рӯзноманигор ва ҳам ВАУ оҳиста-оҳиста эҳтиром ва боварии хонандагонашонро аз даст хоҳанд дод.

Дар тафаккури рӯзноманигоре, ки хонандагонашро эҳтиром мекунад ва хусусан, рӯзноманигоре, ки дар мавзӯҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ менависад, «матбуоти қалбакӣ» ба хуз кароҳату танаффур чизеро тавлид намесозанд.

Изофа бар он, хонандаи байналхалқӣ ва хусусан оне, ки умуман чашми дидани «матбуоти қалбаки»-ро надорад, моҳияти найрангбозиҳои ба зӯ рӣ бар ӯ  боршударо дарк карда наметавонад. Ҳангоми мутолиаи нашрияҳои баобрӯ  чашмони вай ба он одат кардаанд, ки **сарлавҳа бояд фитран бо матн пайванд бошад**. Ғайр аз ин, **сарлавҳа бояд хонандаро ба худ ҷалб намояд ва дар айни замон ахбори дурӯғро барояш пешкаш накунад**. Ҳамчунин он бояд барои ифодаи дақиқ ва сермаънии мазмуни аслии маводи чоп хизмат ба ҷо оварад.

Рӯзноманигорони зиёд аввал сарлавҳа эҷод мекунанд ва танҳо баъди он маводи чопро мавриди корбаст қарор медиҳанд.

**Се навъи асосии сарлавҳа вуҷуд дорад**:

1. Сарлавҳае, ки мавзӯ ъро инъикос менамояд
2. Сарлавҳае, ки ғояро инъикос мекунад
3. Сарлавҳае, ки ғояро ба воситаи образи рӯзноманигорӣ инъикос мекунад

**Сарсухан (лид, абзатси аввал)**

Сарсухан – абзатси аввал аст, ки мақоларо ифтитоҳ мебахшад**.**

**Ҳадафи он:**

**- таваҷҷӯҳи хонандаро дарҳол ба даст овардан.**

**- ҳама чизро даррав бо як ҷумлаи кӯ тоҳ баён сохтан**

**Ду намуди нисбатан маъмули сарсухан инҳоанд:**

1. **Сарсухан тақризӣ.** Он ба мақолаҳои хабарӣ хос аст; муқарризи далелҳои воқеии асосии мақола аст, миқдори аксари ахборро дар бар мегирад. **Мисол**. Дар шаҳри Будва барои суръати баланди мошин ва ба ҳокимиятдорон муқобилият нишон додан рӯзноманигори 45 сола дастгир ва ҳабс карда шудааст, ӯ кӯ шиш намудааст, ки бо суръати ниҳоят баланди мошин аз дасти полиция гурезад.

2. **Сарсухани ҳахвӣ.** Ба очеркҳои мавзӯ ӣ хос аст; он як тарзи ҳикоят ва ё тавсифи ҳаррангаеро дар бар мегирад, ки ҳадафи бедор кардани ҳаваси хонанда ва баланд бардоштани арзиши мақоларо дорад. **Мисол**. *Лазарь* Петрисори шонздаҳсола – писарбачаи наврасест, ки ваҷоҳати мӯ йсафедонаи пажмурда ва маъюс дорад. Дар Бухарест ӯ шабу рӯ зи тамом дар яке аз корхонаҳои таъмири мошинҳо арақи хабин мерезад.

Дар рӯзноманигории байналхалқӣ инчунин шаклҳои гуногуни срсухан вуҷуд доранд: **ягона, пуршиддат (драматикӣ), иқтибосӣ, тобишӣ, таъхирнок, таҳлилӣ, саволӣ, гуногунрангӣ, оморӣ, тархеъӣ ва ғ.**

**Чи тавр навъи мувофиқи сарсуханро бояд интихоб кард?**

Пеш аз ҳама, **чанд намудро аз санҷиш гузаронед. сипас намуди мувофиқомадаро интихоб намоед.**

Сарсуханро интихоб намуда, барои худатон саволҳои зеринро тайёр кунед:

- оё ҳодисае, ки дар бораи он Шумо навиштанӣ ҳастед, оддӣ ва ё мураккаб аст?
- чӣ муҳимтар аст – одамон ё ҳодисаҳо?
- хабари Шумо то кадом дараха наву тоза аст?
- он барои хонандагон чӣ дода метавонад; шояд вай аллакай дар ин бора аз сарчашмаҳои дигар иттилоъ гирифтааст?

**Қисми асосӣ**

**Талаботи муҳимтарин**:

1. Тамоми маводи мақола бояд воҳиди ягонаи мавзӯ иро ифода намояд.
2. Ҳар як абзатси оянда бояд давоми мантиқии абзатси собиқ бошад, то ки хонанда аз дунболи ҳикоя рафта тавонад.
3. Бояд аз такрор, иқтибосҳои дароз, ахбори на он кадар муҳим канораҳӯ ӣ кард.
4. Сохтори умумии мақола набояд ҳатман якраҳа бошад (масалан, заммимаҳои тақризиро метавон мавриди истифода қарор дод).
5. Мақола аз рӯи пинципи солноманависӣ ва ё мавзӯ ъгӣ сохта шуда метавонад.
6. Ҳангоми пайдоиши шубҳа беҳтараш аз принципи солноманависӣ истифода намуд: вақт дар аксари ҳолатҳо беҳтарин ҳаракатдиҳандаи тариқи ҳикоя аст.

7. Аксарияти маводи мақола аз рӯи меъёрҳои рӯзноманигории байналхалқӣ аз номи шахси сеюм навишта мешаванд. «Ман»- и муаллиф дар ин мавод маълум нест. Аз номи шахси якум танҳо сарлавҳаҳо ва гузоришҳо аз ҷои ҳодисаҳое, ки рӯзноманигор дар он ҷойҳо ҳозир буд, навишта мешаванд.

Ҳангоми қисматбандии мавод чанд саволи зеринро бароятон матраҳ созед:

- Оё маводи Шуморо дар шакли нақша кашидан мумкин аст?
- Оё дар мавод мавзӯ и асосӣ вуҷуд дорад, ки аз он дурӣ хустан номатлуб аст.
- Оё иқтибосҳо барои пайдарпаии баёни фикр кӯмак расонда метавонанд, оё онҳо чун як васлкунандаи фикр буда метавонанд?
- Чӣ тавр баъзе унсурҳои маводи мақоларо, ки дар доираи мавзӯ ъ намеғунханд, партофтан мумкин аст?

**Хулоса**

Талаботи муҳим:

1. Хулоса ҳамчун ҷой барои ворид сохтани хабари нав нест.
2. Ба хонанда ёдовар шудан даркор аст, ки аҳамияти чизи нақлшуда аз чӣ иборат аст.
3. Ба хонанда имкон диҳед, ки ба итмом расидани мақоларо дарк намояд.
4. Дар хотираи хонанда фикри муҳимтаринро боқӣ гузоред
5. Ин имконияти охирини Шумост барои пайдо намудани таассуроте, ки дар хотираи хонанда дергоҳ боқӣ монда метавонад.

**Машқҳо барои навиштани сарсухан дар мақолаҳои хабарӣ-таҳлилӣ**
**Тавсияномаҳо**

Дар ҳар як машқ маводи аввалӣ дода мешаванд. Вазифаи Шумо – дар асоси ин мавод навиштани сарсухани босифат барои мақолаи хабарӣ-таҳлилӣ. Чизи муҳимме, ки бояд дар хотир дошт, он аст, ки сарсухани мақолаи хабарӣ-таҳлилӣ аз ду қисм иборат аст:

1. **хабар**
2. **аҳамияти он**

Ҳангоми навиштани сарсухани хабарӣ-таҳлилӣ инчунин барои дарёфти ҳадафҳои зерин саъй бояд кард:

- **«ба нишон расондан»**: ба унсури бештар муҳимми «хабари»-и мақола мутаваххеҳ бошед ва ба хонанда нишон додани хиҳатҳои муҳимтарини онро аз ёд набаоред. Дар бораи тафсилоти нисбатан аҳамияти камдоштаи он дар поёнтари матн нақл хоҳем кард.

- **кӯ тоҳбаёнӣ**: дар ҳудуди 10-15 калима қисса кунед, ки чӣ ҳодиса, дар куҷо, кай рух дод ва барои чӣ он муҳим аст. Тамоми мақолаи хешро дар як ҷумлаи мухтасар ғунҷонед.

- **возеҳбаёнкунӣ**: Хонандаи Шумо бояд дарҳол фаҳмад, ки мақола дар бораи чист ва хоҳиши мутолиаи онро пайдо кунад.

- **таҳти тасарруф қарор додани таваҷҷӯҳ:** Вазифаи Шумо – филфавр ҷалб сохтани таваҷҷӯҳи хонанда аст. Ин ягона имконияти Шумо барои маҷбур кардани мутолиаи мақола аз ҷониби ӯ мебошад.

Ба таваҷҷӯҳи Шумо шаш навъи машқҳо пешкаш мешаванд, ки аз рӯи тартиби зиёдшавии сатҳи мураккабиашон сохта шудаанд. Дар мақолаҳои аввал ҳодисаҳо, ширкаткунандагон, макон, замон ва тарзи амалиёт ва ҳамчунин сабабҳои рух додани онҳо хеле равшан баён шудаанд. Лаҳзаҳои аз нигоҳи Шумо бештар муҳимро худо намуда, дар асоси онҳо сарсуханро тартиб диҳед.

Дар машқҳои минбаъда танҳо абзатси дароз, ки аз ахбор саршор аст, дода мешавад. Ба моҳияти ҳодисаҳо баҳо диҳед, ашхоси ширкаткунанда, замон, макон, тарзи амалиёт ва сабабҳоро муайян намуда, сипас чизи асосиро интихоб намоед.

Таҳлили ҳар як сарсухан бояд аз посуххо ба саволҳои зерин иборат бошад:

- оё дар ҳар ду таркиботаш – «хабар ва аҳамияти он вуҷуд доранд?

- оё сарсухан мазмуни асосии мақоларо дода метавонад? Оё сарсухан нукоти афзалиятнокеро, ки худи муаллиф дар мақола овардааст, нишон дода метавонад? Оё сарсухани дигаре имкон дорад, ки ҳусни таваҷҷӯҳро ба ханбаи дигари ҳодиса равон карда тавонад?

- оё сарсуханро ихтисор кардан мумкин аст? Кадом калимаҳо ва ифодаҳоро партофта ва ё муттаҳид кардан лозим аст?

- оё сарсухан ба таври кофӣ равшану возеҳ навишта шудааст?

- оё онро хонандагон дар Бразилия, Япония ва ё вилояти Техас фаҳмида метавонанд?

- оё он таваҷҷӯҳи хонандагони байналхалқиро ба худ ҷалб карда метавонад?

**Машқи 1.**

**Кӣ:** Мудири телевизиони давлатии Арманистон Тигран Нагдалян

**Чӣ:** Кушта шуд

**Кай:** 28 декабрь (ҳафтаи гузашта)

**Дар куҷо**: Ереван (Арманистон)

**Барои чӣ**: сабабҳоро муайян мекунанд. Маълум аст, ки Нагдалян – роҳбари ҳамаи телевизион дар Арманистон ва тарафдори президенти имрӯза Роберт Кочерян ба ҳисоб рафта, 19 феврал ба интихобот равон буд. Худи Кочарян ва пайравони ӯ ақида доранд, ки дар куштор мухолифинаш даст доранд.

**Чӣ тавр**: ҳангоми баромадан аз хонаи волидайн, ба сараш тир хӯ рда, ҳалок шуд. Баъди чанд соат дар касалхона вафот кард.

**Саволҳо барои андеша**:

**А**. «Хабар дар чӣ ифода меёбад ва аҳамияти он дар чист?

**Б.** Аз байни ҳамаи унсурҳо – «кӣ», «чӣ», «кай», «дар куҷо», «барои чӣ» ва «чӣ тавр» кадоми он дар ҳамин ҳолат муҳимтар ба шумор меравад?

**Машқи 2:**

**Кӣ:** роҳбари Ҳизби демократӣ (ҳизби нисбатан обрӯ манди мухолиф) Сали Бериша.

**Чӣ:** Бериша бо қарори якҷониба ҳизбашро аз созишномаи ҳамкорӣ бо ҳизби ҳукмрони Сотсиалистӣ, ки онро дар вақташ Демократҳо дар зери фишори Иттиҳоди Аврупо имзо намуда буданд, берун сохт. Сотсиалистҳо ва Демократҳо аз рӯи шартҳои созишнома ӯҳдадор буданд, ки ихтилофоти назарашонро дар давоми вақти муайян фаромӯш намуда, бо кӯ шишҳои якҷоя ислоҳоти институтҳои давлатиро мегузаронанд, ба ришвахӯ рӣ ва бизнеси моводи мухаддира хотима диҳанд ва анҷомдодани интихоботи озоди демократиро таъмин мекунанд, яъне ҳамаи шартҳои гузоштаи Иттиҳоди Аврупоро, ки бе иҷрои онҳо давом додани гуфтугузорҳо дар бораи воридшавӣ ба Иттиҳоди Аврупо ғайриимкон буд, ба иҷро расонанд.

**Кай:** 4 январь (ҳафтаи гузашта)

**Дар куҷо:** Албания

**Барои чӣ:** Ҳизби ӯ  интихоботи парлумонро дар округи Элбасан бой дод. Бериша бар зидди натихаҳои овоздиҳӣ баромада, изҳор дошт, ки як рӯзпеш аз интихобот дар ин округ навори видеоии номзади сотсиалистҳоро дар ҳангоми ба дусад оила тақсим кардани кӯмаки ғизоӣ дар шакли сабт ёфтааст. Бериша изҳор дошт, ки бо чунин далели воқеӣ сотсиалистҳо бандҳои созишномаро дар бораи ҳамкорӣ, ки яке аз принсипҳои асосиии он гузаронидани «интихоботи бовиҷдон она ва озод» буд, поймол намуд. Дар як замон Бериша метавонист ҳадафҳои тактикии хешро низ рӯикор оварад. Дар ҳоли ҳозир ӯ  бо дигар намояндагони мухолифин, аз ҷумла, бо нафарони зиёди ҳамкорони собиқаш дар ҳизб, ки дар вақташ сафҳои онро тарк карда, ҳаракати хешро ташкил дода буданд, маслиҳатҳо мегузаронад. Вазифаи ӯ  – барпо намудани як ваҳдати қавӣ  дар давраи пеш аз интихобот ба ҳокимияти маҳаллӣ мебошад, ки дар моҳи октябри соли ҷорӣ таъин шуда буд.

**Чӣ тавр:** Бериша бо изҳороти сахту шадиди расмӣ баромад кард.

**Саволҳо барои андеша:**

А. Қадамҳои пешгузоштаи Бериша як қатор оқибатҳо дорад, аммо кадоме аз онҳо муҳимтар аст? Кадоми онҳо аз назари хонандаи албанӣ ва кадомаш дар назари хонандагони байналхалқӣ муҳимтаранд?

**Машқи 3:**

**Кӣ:** гурӯ ҳи сокинони маҳаллии вилояти Суғди Тохикистон ва сокинони вилояти Баткени Қирғизистон, ки шумораашон тақрибан ба 200 нафар мерасад.

**Чи:** Шаҳрвандони Тохикистон нуқтаҳои назоратии сарҳадбонони қирғизро нобуд карданд. Дар хавоб сокинони деҳаҳои наздисарҳадии Қирғизистон ҳам ба ҳудуди Тохикистон зада даромада, нуқтаи назоратиии ба наздикӣ сохташудаи гумрукро вайрон карданд.

**Кай:** 3-юми январь (ҳафтаи гузашта)

**Дар кучо:** Ҳудуди сарҳадии қирғизу тохик, ки ба масофаи 900 км тӯ л мекашад. Ҳудуди сарҳадӣ асосан аз миёни маҳаллаи душворгузари кӯ ҳӣ мегузарад. Баъзе ҷойҳои ҳосилхез ва обёришавандаи ҳудуди наздисарҳадӣ ҳанӯз дар давраи шӯравӣ сабаби низоъи Тохикистону Қирғизистон буд. Дар ҳудуди Қирғизистон ҳамчунин масканҳои тохикӣ вуҷуд доранд, ки онҳо аз «замини калон»-и ин кишвар худоянд, вале аҳолии 40-ҳазорнафараи онҳо бо ҳудуди асосии Тохикистон робитаҳои зич доранд.

**Барои чӣ.** Ба кӣ дахл доштани ин минтақаҳои наздисарҳадӣи баҳсталаб аст. Дар давоми даҳсолаҳои гузаштаи наздик дар ин ҷо чанд маротиба чунин бархӯ рдҳо рух дода буданд. Нуқтаҳои назоратӣ ғайриқонунӣ гузошта шудаанд. Тахмин меравад, ки ҳокимиятҳои маҳаллӣ онҳоро бе розигии ҳокимияти марказӣ барпо намудаанд. Ин баҳор бояд гуфтушунидҳо дар бораи муқаррар сохтани ҳудуд аз нав баргузор мешаванд. Дар Қирғизистон андешае роих аст, ки Тохикистон ба минтақаҳои баҳснок барои он ҳусни таваҷҷӯҳи зиёд дорад, ки аз вилоятҳои ханубӣ ва марказии он ба ноҳияҳои нисбатан бойтари шимоли ин кишвар, ки дар наздикии ҳудуди Қирғизистон қарор гирифтаанд, муҳохирати фаъоли аҳолии он сурат гирад.

**Чӣ тавр:** баромадҳо аз ҷониби сокинони маҳаллӣ созмон дода шудааст.

**Савол барои андеша:**

А: Ҳангоми навиштани сарсухан чӣ тавр байни ду ҷониби дар низоъ воридшуда мувозинатро бояд нигоҳ дошт?

**Машқи 4:**

**Маводи аввалӣ:** Се моҳ қабл дар Афғонистон ислоҳоти пулӣ анҷомпазируфт. Давлат аз пули афғонӣ се рақами нольро «бурид», ки дар натиҷаи 23 соли ҷанг ва низоъҳои байниҳамдигарӣ ҳосил шуда буд. Дар лаҳзаи ивазшавии қурби пулӣ таносуби афғонии кӯ ҳна бо доллар ба 46 ҳазор барои як доллар баробар буд. Ҳадафи ин қарор аз он иборат буд, ки иқтисоди вайроншудаи кишвар таҳти назорати давлат қарор гирад. То вақти табдили пул ба иқтисоди кишвар пулҳои афғонии қалбакисохт зарари сахт мерасонданд, ки дар Россия чоп шуда, тоннаҳо ба воситаи сарҳад ба он ҷо гузаронида мешуданд. Ғайр аз ин, дар шимоли Афғонистон воҳидҳои пулие бо номи «дустум»- аз рӯи номи қумандони бонуфуз Абдул Рашид Дустум дар гардиш буданд. Ва инак, дар моҳи январи соли 2003 дар

гардиш аз сари нав афғониҳои қалбакӣ – аз ҳисоби пулҳои нав пайдо шуданд. Аз рӯи нақли саррофи бозори мубодилаи пулҳо – «Шаҳзода» дар дасти мардум аллакай миқдори зиёди пулҳои қалбакӣ ва асосан, пулҳои 500 ва 1000 афғониҳои нав (ки мувофиқан бо 50 ва 100 доллари ШМА баробаранд) дар гардишанд. Бисьёриҳо ақида доранд, ки пулҳои қалбакии навро дар Покистон чоп мекунанд ва дар Кобул бошад, бе он ҳам рӯ ҳияи зиддипокистонӣ дар сатҳи боло қарор дорад. Маълум нест, ки оё ин проблема дар манотиқи деҳот вуҷуд дорад ё на. Ба ҳар ҳол, сокинони минтақаҳои он бояд дар бораи пулҳои қалбакӣ иттилоъ дошта бошанд ва онҳоро аз пулҳои аслӣ фарқ карда тавонанд. Оқибатҳои эҳтимолии иқтисодӣ – ҳам пулҳои қалбакӣ ва ҳам сарфиёти калони молӣ барои гузаронидани ислоҳоти пулӣ изтироби бештарро ба вуҷуд меоранд. Дар миёни саволҳое, ки иқтисоддонҳоро ба ташвиш овардаанд, аз ҷумла саволҳои зерин ҷой доранд: оё барои ислоҳоти пулӣ маблағи кофӣ сарф шудааст? Оё ин маблағ беҳуда сарф нагардидааст? Оё барои ворид сохтани воситаҳои нави ҳимояи асъори миллӣ аз сохтани пулҳои қалбакӣ маблағҳои иловагӣ заруранд? Оё аҳолие, ки дар натиҷаи ҷанг хонахароб ва бадхашм шудаанд, як ислоҳоти дигари пулиро бардошт карда метавонад?

**Саволҳо барои андеша:**

А. Оё Шумо ҳамаи унсурҳои ҳодиса – «кӣ», «чӣ», «дар куҷо», «кай», «барои чӣ» ва «чӣ тавр»- ро муайян ва аз миёни онҳо муҳимтаринашонро ҷудо карда метавонед?

Б. «Хабар»-и мақола ва аҳамияти мундарихаи он аз чӣ иборатанд?

В. Аҳамияти хабар (ва мазмуни мақола) барои хонандаи маҳаллӣ – афғонӣ ва барои хонандаи байналхалқӣ дар чӣ ифода меёбад?

**Машқи 5:**

**Маводи сарчашмавӣ:** Милисаи Грузия дар хонаҳои гурӯ ҳи аҳолии миллаташон чечен дар Тбилиси амалиёти тафтиш гузаронд. 7 декабри соли 2002 кормандони яроқноки милиса ба хонаҳои шахсии даҳҳо оилаҳои чеченҳо дар навоҳии гуногуни пойтахти Грузия зада даромаданд. Баъди чанд соат Вазорати умури дохилаи Грузия изҳорот пахш намуд, ки тафтишот ва ҳабскуниҳо як бахши амалиёти зиддитеррористиянд, ки мушаххасан бар зидди миллати чечен равона карда нашудаанд. Чуноне ки президенти Грузия эълом дошт, ҳабскуниҳо бар асари ба даст овардани ахбор дар бораи он ки «иддае аз гурӯ ҳҳои мохарохӯ ёна дар Тбилиси амали террористиро дар миқёси васеъ тайёр карданиянд», ба вуқӯ ъ пайваст. Аз рӯи гуфтаи мудири хадамоти ҷосусии кишвар Автандил Иоселиани, хадамоти махсуси ӯ вазифа гирифтаанд, ки кӯ шишҳои нооором сохтани вазъиятро аз ҷониби шаҳрвандони хориҷие, ки дар Грузия сокинанд, пешгирӣ намоянд. ӯ ҳамчунин изҳор дошт, ки чунин таҳдидот то кунун ҷой доранд. То рӯ зҳои охир Грузия бо ҳукумати худоихоҳони Чечня муносибатҳои дӯ стонаро тарафдорӣ менамуд. Аз ибтидои соли 1999 ҳангоми аз ҷониби Россия гузаронидани амалиёти дуюми ҳарбӣ дар Чечня

Грузия 4 ҳазор нафар гурезагонро қабул намуда, аз паноҳ хустани ҷангхӯёни Чечня дар ҳудуди хеш чашм пӯшид. Баъди амалиёти террористӣ дар Москва ҳукумати Грузия фаъолияти бошишгоҳи асосии президенти ҳукумати худоихоҳони Чечня Аслан Масхадовро дар Тбилиси қатъ намуд. Зери фишори Москва Грузия ба Россия аз 13 нафар 8 ҷангхӯ и чечениро интиқол дод, ки аз ҷониби сарҳадбонони грузин дар моҳи август ҳангоми гузаштан аз ҳудуди Грузияю Россия дастгир шуда буданд. Панҷ нафар ҷангхӯ ён дар моҳи октябрь ва ду ҳафта қабл Грузия дар бораи ба дасти русҳо супоридани се нафари дигари онҳо низ эълом дошт. Баъди ин ҷангхӯёни чечен ба Грузия таҳдиди қасосгирӣ намуданд. 6 декабрь – як рӯзпеш аз гузаронидани амалиёти милисаҳо, ба унвони ҳайати таҳририяи рӯзномаи «24 соат» аз номи қумандон Доку Умаров номае расид ва дар он ӯ таҳдид дошт, ки дар ҳолати минбаъд ба дасти Россия интиқол ёфтани ҷангхӯёни чечен, Грузия ба хазои сахт дучор хоҳад омад. 9 декабрь президенти Грузия Эдуард Шеварднадзе изҳорот пахш намуд, ки дар он қисман гуфта шудааст: «Таҳдидҳо ба унвони Грузия барои мо як ҳодисаи тамоман ногаҳонӣ аст. Ин кишвар барои ҷангхӯёни Чечня нисбат ба дигарон хизмати бештаре кардааст ва он сарфи назар аз он ки чеченҳо дар Абхазия муқобили қувваҳои ҳарбии Грузия ҷангидаанд, сурат гирифт».

**Саволҳо барои андеша:**

А. Худи мавзӯъ дар бораи муносибатҳои мураккаб дар доираи ҷонибҳои сетарафаи Россия-Грузия-Чечня на он қадар нав нест. Аз ин мақола кадом чизҳои навро дарёфт карда метавонем ва аҳамияти ин «ахбор» дар чист? Оё дар он тағйироти чашмрас вуҷуд доранд?

Б. Оё Шумо тамоми унсурҳои тасвиршавандаи ҳодисаҳо - «кӣ», «чӣ», «кай», «барои чӣ» ва «чӣ тавр»-ро муайян ва муҳимтарини онҳоро ҷудо карда метавонед?

В. Аҳамияти ин мақола барои хонандагон дар Грузияю Россия дар муқоиса бо аҳамияти он барои хонандагони байналхалқӣ чӣ гуна фарқият дорад?

**Машқи 6.**

**Маводи сарчашмавӣ:** 4 январи соли 2003 дар шаҳри Печа (Печ)- и Косово куштор аз рӯи дархости пешакӣ рух дод. Аз тирезаи мошини раванда аз ҷониби ашхоси номаълум Тоҳир Земач, писараш Энис ва хиянаш Ҳасан бар асари тирпарронӣ ба ҳалокат расиданд. Тафтишот давом дорад. Як нафар шоҳиди эҳтимолӣ бозпурсӣ шудааст, аммо гумони ғолиб аст, ки ин кор барои муқаррар сохтани шахсияти қотил кӯмаке нахоҳад расонд. Тоҳир Земачи 53 сола – полковники собиқи артиши Югославия ва сарвари халқиятҳои Албания дар маҳкамаи додситонӣ аз болои панҷ нафар ҷангхӯёни АНК (Артиши наҷотбахши Косово) – аъзои ба ном «Гурӯҳи Дукагчини» ба ҳайси шоҳиди гунаҳкоркунанда баромад мекард. Артиши наҷотбахши Косово (АНК) – гурӯҳи бо яроқ мусаллаҳшудаест, ки барои ҷудо намудани Косово аз Югославия дар охирҳои солҳои 90-ум мубориза

мебурд. 17 декабрь «Гурӯ ҳи Дукагчини» ва дар зимни онҳо, бародари қумандони ҳарбии собиқи АНК Довуд Харадинач ва сарвари «Иттиҳод барои ояндаи Косово» (ИОК) ба мӯ ҳлатҳои гуногуни ҳабс – аз се то понздаҳ сол ҳукм шуданд. Додситон онҳоро барои рабудан ва баъд қатли чор нафар аъзои гурӯ ҳи ҳарбии рақобаткунандаи ба ном «Қувваҳои ҳарбии Хумҳурии Косово (КХЧК)» дар моҳи июни соли 1999 муттаҳам сохт. Дар давоми низоъи мусаллаҳонаи солҳои 1998-1999 Земач дар «Қувваҳои ҳарбӣ» шахси дуюм ҳисоб меёфт, ки он аз ҷониби сарвазири гуреза дар хориҷи кишвар Бучар Букоши таъсис ёфта буд. Тобистони соли 1998 Земач аз ҳудуди Косово берун баромад. Баъзеҳо таъкид кардаанд, ки ба ин кор ӯро таҳдидот аз ҷониби пойгоҳи низомии АНК водор сохтанд. Аз рӯи маълумоти дигар, ӯ ҳангоми ҳухуми сербиён худихтиёрона ба мақсади наҷот додани аҳолӣ аз хазоҳо ба роҳ баромада буд. Баъди ин муносибати Харандинача ва Земача тағйир ёфтанд: аввалӣ дурӣ хустани дуввумиро аз ҳамкорҳо ҳамчун хиёнат ном бурд. Аз ибтидои бозгашти хеш ба Протекторати Косово дар соли2001 Земач нияти хешро дар бораи ба ӯ ҳда гирифтани сарварии Ҳайати дифоъгарии Косово (ХДК) – органи фавқулоддаи шаҳрвандӣ, ки бо ташаббуси ҷомеаи байналхалқӣ барпо шуда, дар ҳайаташ аксаран аъзои собиқи АНК-ро гирд оварда буд, пинҳон намекард. Ӯ ҳамчунин дар бораи нақшаҳои хеш ҳарф мезад, ки ба вазифаҳои Ҳайати дифоъгарии Косово таъин намудани пайравонаш аз КХЧК мутааллиқ буд. Корманди Донишкадаи таҳқиқоти илми (ДТИ)-и технологияҳои сиёсии ҒSIP дар вақташ бо ташаббусе баромад намуд, ки аз рӯи он мебоист роҳбарияти КХЧК ба органи махсус – Шӯрои олии амнияти миллӣ супурда мешуд. Дар доираи сиёсии косовии Албания пешбинӣ менамуданд, ки яке аз вазифаҳои асосиро дар ин органи нав маҳз Земач ишғол хоҳад кард. Куштори Земачро ҳамаи ҳизбҳои сиёсии Косово маҳкум намуданд. Худи Харадинач ва қумандони собиқи АНК ва ҳоло – сарвари Ҳизби демократии Косово Ҳошим Тхачи изҳор доштанд, ки ҳодисаи рухдода ба обрӯ ю эътибори байналхалқии Косово зарари ҷиддӣ ворид сохт. Баъзе мушоҳидон куштори Земачро бо сухангӯ ии ӯ , ки анқариб дар додситонӣ баён намуда буд, марбут медонистанд. Ҳамчунин тахмине вуҷуд дорад, ки тибқи он гӯё Земач дар бораи фаъолияти ҷангхӯ ёни собиқи АНК маълумоти зиёд дошт ва дар оқибат метавонист ба ҳайси як шоҳид аз рӯи кори хиноии зидди инсон дар додситонии байналхалқии Гаага баромад намояд.

**Саволҳо барои андеша:**

А. Ин мақола «муқаддима»-и зиёд дорад, аммо ба ҳар ҳол барои муайян сотани он кӯ шиш намоед, ки мақола қабл аз ҳама бо кадом хиҳаташ таваҷҷӯҳи хонандагони байналхалқиро ба худ ҷалб мекунад? Ба кадом васила чунин мақолаи омехтаи сиёсатшударо мухтасар кардан мумкин аст, ки дар доираи як воридсухани кӯ тоҳе, ки аҳамияти ҳодисаи рухдодаро дақиқу равшан инъикос намояд, дохил шуда тавонад?

**Машқҳо аз рӯи сохтори мавод**

**Машқи 1. Маводи сарчашмавӣ:** мақолаи махсус мухтасаршуда. Нусхаи аслиаш дар веб-сайти IWPҚ ба табъ расидааст.

**Болоравии фоҳишагарии мардона дар Қазоқистон**

Ербол Жумагулов, махсус барои IWPҚ.

Сабабҳое, ки хавонписарон (ҳисоби миёнаи фоҳишмардони қазоқӣ аз 18 то 26 сол аст)-ро ба ин тарзи дарёфти пул овардаанд, хеле гуногунанд.

«Дар ин амал ягон таасуберо намебинам» - мегӯ яд Асия М.-и 42-сола, ҳамсари корманди яке аз сафоратҳои Қазоқистон. «Албатта, шавҳари ман дар бораи робитаҳоям бо фоҳишмардон чизеро намедонад. Илова бар ҳамаи ин, ман бо онҳо ҳамзист нестам, ин хавонмардҳоро танҳо барои як, ё аз ҳама бисёртар – барои ду шаб даъват мекунам», - мегӯ яд ӯ .

«Фоҳишмардон ҳамеша амал менамуданд ва дар давраи шӯравӣ бошад, теъдоди онҳо дар муқоиса бо имрӯзҳо на он қадар зиёд буд ва дар доираи таърифу намоиши умумӣ қарор надошт» - тасдиқ намуд соҳибкор аз Алмато Максим Маляров. Ба саволи он ки оё ӯ  хавфе пайдо намекунад, ки ҳамсараш низ дар набудани шавҳараш аз хидмати ин тоифа истифода хоҳад кард, Максим Маляров посух дод, ки ба ҳамсараш боварӣ дорад. «Ва ё ҳатто агар чунин ҳодиса рух диҳад ҳам – дар хотима гуфт ӯ  – ба гумон аст, ки ман онро чизи ниҳоят фавқулодда қабул намоям. Мардон ҳамчун чизи муқаррарӣ фоҳишазанонро мавриди истифода қарор медиҳанд, пас занонро низ дар ин кор маҳкум кардан, ба ақидаи ман, нодуруст мебуд. Аммо дар боби он ки оё ман ҳамсарамро бахшида метавонам, масъала ранги дигарро мегирад.

Чунин далели воқеиро қайд кардан ҷоиз аст, ки сохтори фаъолияти фоҳишагарии мардон бо амсоли занонаи он хеле монанд аст. Аз рӯи гуфтаи фоҳишмардон монанди дигар ҷойҳо, ҳимоякунандаи онҳо вуҷуд доранд, онҳо ҳам ба мақомоти ҳифзи қонун пора медиҳанд ва ғ.

«Ман ба ин кор ба хотири он машғулам, ки барои зиндагиам ягон маблағи пулие дарёфт кунам. Ғайр аз ин, ҳаққи таълимро дар Донишгоҳ аз ҳисоби худам месупорам. Мизоҷони ман, асосан, занони баобрӯи сарватманди аз 30 то 50 солаанд» - эътироф намуд Олег Р.- и 24 сола, ки дар ин соҳа аллакай беш аз панҷ сол фаъолият дорад. «Ман на ба он гурӯ ҳи фоҳишмардоне, ки дар зери парастории занон як вақти муайян ҳаёт ба сар мебаранд, балки ба онҳое, ки барои як вақти муайн даъват мешаванд, мансубам. Он метавонад вобаста ба хоҳиш ва маблағи пардохти мизоҷон як соат ё се шабонарӯзбошад».

«Ман ҳам шояд аз хидмати онҳо баҳрабардорӣ мекунам», - мегӯ яд толибаи синфи 11, сокини Алмато Юлия Богданова.

Боиси қайд аст, ки ҳоло ёфтани фоҳишмардон кори душвор нест. Бароятон мутолиаи ҳар гуна рӯзномаи ё рекламавӣ ва ё ғайри он дар саҳифаи «Кор меҳӯ ям» кофист, ки рақамхои зарурии телефонро дарёбед. Ягона чизе, ки муҳаррирони ВАУ-и Қазоқистон анҷомдоданд, аз он иборат

аст, ки баъзе эълонномаҳоро ҳамчун «масҳи бадан барои хонумони сарватманд» «ниқобпӯ ш» кардаанд ва ё бо эзоҳномаи хушкухолие мисли «муносибати маҳрамона истисно аст» зери қайд гирифтаанд. Дар нисбати эълонҳои занона низ чунин вазъ қарор дорад.

«Оё ман онҳоро маҳкум мекунам? Албатта, не. Агар сидқан ҳарф занам, ҳангоми бекор буданам, худам ҳам дар бораи чунин тарзи дарёфти маблағи пулӣ андеша мекардам» - гуфт дар сӯҳбат бо хабарнигори IWPҚ сартароши алмаатоӣ Геннадий Искаков. Ҷомеашиноси қазоқистонӣ Валерия Зверева ақида дорад, ки фоҳишагарии мардона барои ҷомеаи мутамаддин аз зуҳуроти муқаррарист. «Аз рӯи маълумоти ғайрирасмӣ – хабар медиҳад ӯ , - танҳо дар худи Алмато тақрибан 4 ҳазор фоҳишмардон амал мекунанд ва аз ин рӯ , дар хусуси он ки ҷомеае, ки чунин миқдори фоҳишмардонро «мехӯронад» ва гӯё дар ҳолати садамот қарор дорад, сухан иброз доштан камоли бефаросатӣ аст». Умуман бошад, аз рӯи гуфтаи ӯ , дар Қазоқистон теъдоди тахминии мардони фоҳиш то ба 30 ҳазор нафар мерасад.

**Саволҳо барои андеша:**

А. Дар ин мақолаи махсус кӯ тоҳшудаи хабарӣ-таҳлилӣ абзатсҳои зиёд нигоҳ дошта шудаанд, аммо ба ҳар ҳол, барои муайн сохтани он кӯ шиш намоед, ки дар мақола кадом унсурҳо намерасанд.

**Машқи 2.**

**Маводи сарчашмавӣ:** мақолае, ки дар он абзатсҳо қасдан махлут шудаанд. Нусхаи аслии мақола дар веб-сайти IWPҚ ворид шудааст.

**Проблемаҳо дар атрофи фавтидаҳои қазоқистонӣ**

Марги инсон дар Қазоқистон бизнеси хуб аст ва дар мавридҳои зиёд вазъиятҳои ханҷолӣ барпо мекунад.

Ербол Жумагулов, Эдуард Полетаев аз Алмато. Махсус барои IWPҚ.

Танҳо дар давраи соҳибшавӣ ба мустақилияти хеш аз соли 1991 то 2001 Қазоқистон бештар аз ду миллион шаҳрвандонашро аз даст дод. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти омор 17 миллион аҳолии кишвар дар соли 1991 то 14, 9 миллион кам шуд. Ва ин на танҳо ба кӯ чиши калони муҳохирон марбут аст. Ҷой доштани маҳз сатҳи баланди фавт ин проблемаро дорои аҳамияти баланди замонавӣ гардондааст.

Марги танҳо як нафар дар Қазоқистон механизми махфӣ ва мураккаберо ба ҳаракат меоварад, ки ҳазорҳо ашхоси дахлдор аз ҳисоби вай манфиат мебардоранд. Он ба ханҷолҳои бешумор оварда мерасонад, ки бадбахтии оилавӣ ва шахсиро амиқтар ва аз нигоҳи иҷтимоӣ - онҳоро боз ҳам тезутунд мекунад.

20 июли соли 2001 корманди яке аз шӯ ъбаҳои хадамоти дафну кафни шаҳри Алмато Игорь А. дар назди даромадгоҳи касалхонаи марказии шаҳрӣ аз ҷониби хешу табори Қодир С. -и 73 сола ва дучори бемории вазнин лату кӯ б гардид. Сабабаш дар он ифода меёфт, ки коркуни ин шӯ ъба аз мушкилоти оила бохабар шуда, ба наздашон омад ва хизматашро

барои хешу табори шахси ҳанӯз намурда пешниҳод намуд. Чунин далели воқеӣ танҳо пардаи асрори проблемаеро мекушояд, ки дар Қазоқистон дар бораи он ба таври васеъ ошкорона ҳарф намезананд ва танҳо баъзе далелҳои воқеии алоҳида ба чоп мерасанду халос.

Қимати бузургие, ки ин масъаларо тавсиф медиҳад, хеле гуногун аст ва таркиботи бисьёр дорад. Якчанд гурӯ ҳҳои иҷтимоӣ вуҷуд доранд, ки аз сӯистеъмол кардани мақоми хеш фоида мебинанд ва махфиёна дар асоси омили марги одамон маблағи пулии бо меъёри қазоқистонӣ хеле баландро соҳиб мегарданд. Яке аз гурӯ ҳҳое, ки аз ҳисоби он бештар бой мешаванд, роҳбарон ва коркунони шӯ ъбаи хадамоти кафну дафн мебошанд.

«Дар кишвар то кунун ягон аробаи махсуси тобуткашӣ вуҷуд надорад, - мегӯ яд мудири шӯ ъбаи хадамоти дафну кафн Николай И. ва хасадҳои одамонро маҷбурем, вобаста ба он ки оё маблағи пулии мизоҷон барои кадом хизматҳо кифоят мекунад - дар автобусҳои мусофиркаш ба воситаи бардоштани ҷойҳои нишасти қатори пеш ва ё дар болои мошини боркаш ҳамлу накл мекунем».

Кормандони бисёри шӯ ъбаҳои хадамоти кафну дафн, ки теъдодашон бо суръати баланд меафзояд, тақрибан дар ҳамаи касалхонаҳо, шӯ ъбаҳои «ёрии таъхилӣ», дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мурдахонаҳо одамони махсусашонро доранд. Хабари таъхилиро ба даст оварда, онҳо имконият пайдо мекунанд, ки ба хешу табори фавтида хизматашонро пешниҳод намоянд ва чӣ тавре ки аллакай медонем, он то ба вазъиятҳои ханҷолу низоъ оварда мерасонад. Дар мусобиқа барои ба даст овардани фоида, онҳо аз истифодаи воситаю усулҳои гуногун ор надоранд. Тибқи хабари яке аз ҳафтаномаи калонтарини қазоқистонӣ, «аробаҳое», ки дар интиқоли фавтидагон корбаст шудаанд, дар як вақт барои кашондани нон ва маводи дигари ғизоӣ низ мавриди истифода қарор мегиранд.

Гурӯ ҳи дигар – намояндагони бевиҳдони тибби қазоқистониянд. Яке аз усулҳои сарватманд шудани эшон аз муқаррар сохтани сабаби марги шаҳрвандони қазоқистонӣ иборат аст. «Мусулмонони бисёр, ки бар зидди харроҳӣ кардани фавтида мебароянд, ба воситаи порадиҳии миқдоран зиёд кӯ шиш мекунанд, ки патологоанатомҳо даст ба хасади мурдаҳо назананд – хабар медиҳад корманди мурдахонаи шаҳрии Алмато Виктория П., - ва ман итминон надорам, ки биёрии духтурон аз маблағи пулӣ даст мекашанд, зеро ки дилкашолӣ ба пул бузург, аммо моҳонаи онҳо хеле кам аст».

Ҳамаи ин далелҳои воқеӣ нафақахӯронро бештар ба андешае водор месозанд, ки онҳо бояд худашон дар бораи дафну кафнашон ғамхориӣ зоҳир намоянд, зеро хавф доранд, ки фарзандон ва хешу таборони онҳо на ҳамеша имконияти ташкил кардани ин корро пайдо мекунанд. Ба ақидаи мумайизон (экспертхо), дафнҳои фавтидагон бо тамоми қоидаҳои динӣ ва маросимӣ на барои ҳамаи мардуми оддӣ муяссар мегарданд.

«Хароҷоти давлатӣ барои шахси фавтида тақрибан 35 доллари ШМА-ро ташкил медиҳад, аммо ҳангоми риоя намудани ҳамаи расму одатҳои маросими дафн ин маблағ барои чизе намерасад» - ба хабарнигори IWPҚ

чунин баён кард Светлана Гладкова, ки аз давраи гузаштаи наздик бева мондааст.

Дар ВАУ-и Қазоқистон ҳодисаҳои қаблан харид кардани тобутҳо, салибҳо ва дигар рамзҳои маросими дафн нишон дода мешаванд «Ман намедонам, ки оё фарзандони ман маблағе меёбанд, ки маро гӯ р кунанд. Барои ҳамин, ман дар тӯли  ду сол 100$ ШМА-ро хамъ овардам, то ки маросими дафнам «инсонвор» гузарад» - нақл мекунад нафақахӯ ри алмаатоӣ Елизавета Дорофеева.

Боз як гурӯ ҳи дигар. ки аз ҳисоби марг бой мешавад, роҳбарони қабристонҳои мунитсипалӣ мебошанд. Дар байни бисёрии қабристонҳои Қазоқистон (крематорияҳо – хонаҳои мурдасӯ зӣ ва турбатҷоҳо дар кишвар вуҷуд надоранд) қабристони калонтарин «барои камбағалон» - қабристони Бурундайс дар наздикии Алмато шӯҳрати бештар дорад. Ҳамин тавр, яке аз гӯ ристонҳои мӯ ътабари кишвар қабристони мусулмонон дар Кенсой, ки дар он ҷо қисмати зиёди баргузидагони миллати қазоқ дафн шудаанд ва ҳамчунин қабристони шаҳрии Алмато ба ҳисоб мераванд.

**Саволҳо барои андеша:**

А. Тибқи нақшаи тахминии мақолаи хабарӣ бо унсурҳои таҳлил кӯ шиш намоед, ки абзатсҳои бо ҳам омехташударо аз рӯи тартиби дуруст ҷо ба ҷо гузоред.

Б. Баъзе далелҳои воқеӣ ва рақамҳо аллакай кӯ ҳна шудаанд. Андеша намоед, ки оё чунин мавзӯ ъ барои хонандагони байналхалқӣ муҳим ва аҷоиб аст?

## Боби 3.

## Раванди
## кори таҳрир

**Меъёри баҳогузорӣ ба кори рӯзноманигор**

Ҳар гуна рӯзноманигоре, ки бо мавод сару кор дорад, ба он умед мебандад, ки асари вай ба чоп расида, ҳам аз ҷониби ҳамкасбон (қабл аз ҳама муҳаррир) ва ҳам хонандагон баҳои сазовор хоҳад гирифт.

Дар ВАУ Осиёи Марказӣ одатан маводи рӯзноманигорӣ аз «таҳрири сабуконае» (таҳриру иловаҳои ночизи муҳаррир) мегузаранд. Барои ҳамин, чунин вазъ рух медиҳад, ки аксари маводи чунин ВАУ-ро хонандагон танҳо як бор зери назар гузаронда, ҳамон лаҳза фаромӯш мекунанд.

Маводи рӯзноманигорӣ монанди модда ва ё чизе, ки аз ҷониби инсон офарида шудааст, босифат ва бесифат буда метавонад. Барои ҳамин, барои он ки асари Шумо ба ҳукми сахт дучор наояд, бароятон зарур аст, ки таҳлили матнҳояторо ёд гиред.

Барои ин, пеш аз ҳама, ҳусни таваҷҷӯҳро ба нукоти зерин ҷалб кардан зарур аст:

1. Робитаи байниҳамдигарии мазмун (чизе, ки гуфта шудааст) ва шакл (чӣ тавр гуфта шудааст).

2. Навоварии вазъияти тавсифшуда, саҳеҳ ва объективӣ будани тасвир

3. Миқёс ва аҳамияти проблема, боваринок будани ғояҳо.

4. Таъхилӣ будани мавод

5. Жанри мавод, сужет, бандубаст, образҳо, шева ва услуби он.

Бешубҳа, нашри маводи хуби ормонӣ ба ҷое мебарад, ки хонандагон маводро ором ва бодиққат мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, бозгашт ба он рӯ  меоваранд, такроран мехонанд ва барои шиносҳояшон аз он иқтибос меоваранд. Беҳуда нест, ки дар Осиёи Марказӣ ВАУ-и маҳаллӣ (бештар дар Қазокистон ва Қирғизистон)  маводи бисёри ВАУ-и байналхалқиро бо майли том нусхабардорӣ карда, иқтибосҳо меоранд.

**Таҳрири қатъӣ**

Аксари ВАУ-и байналхалқӣ ба таври қатъӣ таҳрир карда мешаванд. Аммо на барои он ки  онҳо муҳарриронро муаллифони касбӣ мешуморанд, балки барои он ки **таҳрири қатъӣ сифати мақоларо беҳтар мекунад**.

Баъзе муаллифон бо он дар хиҷолат мемонанд, ки баъди таҳрир то кадом дараха мақолаи эшон аз рӯи меъёрҳои байналхалқӣ тағйир меёбанд. Аммо ин аз ҷониби муаллиф набояд ҳамчун таҳқир қабул гардад. Кори муҳаррир низ таҳти таҳрир қарор мегирад, дахлнопазирӣ дар ин мавррид ҷо надорад. Сухан на дар бораи мусобиқаи касбӣ, балки дар бораи дастгирии касбии ҳамдигар меравад.

**Таҳрири қатъӣ ба кадом натихаҳо мерасонад:**

1. Талаботи муҳаррир муаллифро маҷбур месозад, ки аз кори хеш дифоъ намояд ва ба он бештар аз нигоҳи танқид муносибат намояд.

2. Аксаран муҳаррир хабари иловагиро тақозо мекунад то ки мавод ба хонандаи хориҷӣ барои дарк намудани воқеияти маҳаллӣ кӯмак расонад.

Умуман, аксари ВАУ-ҳои бонуфузи байналхалқӣ як ҳадаф доранд: **ҳар як мавод бояд ба ҳадди аксар хуб бароянд.**

**Таҳрир барои Интернет**

Хусусияти Интернет дар он ифода меёбад, ки ҳар як шахс метавонад маводи хешро дар низоми on-line ворид созад, пас барои он ки дар миёни онҳо намоён бошед, таҳрироти ба он мувофиқ зарурат дорад. Дар Интернет хабар зиёд аст (ҳар рӯз7, 5 миллион саҳифа), аммо 95% он хабари беманфиат аст. Баъзе маводи нашршуда умуман аз таҳрир намегузаранд (муаллиф онҳоро дар Интернет мустақилона дарх мекунад). Барои ин, **шарти асосӣ барои ҳифз намудани шумораи хонандагон – сифати кор аст.**

**Таҳрир барои Интернет сифати маводро бо роҳҳои зерин беҳтар (возеҳ ва хонданбоб будан) мекунад:**

1. Таровиш додан
2. Тафтиш намудани ҳаққонияти хабар
3. Барҳам додани норасогиҳо

**Таҳрире, ки барои маводи нашр дар Интернет хос аст, аз таҳрирот барои нашрияҳои матбуот каме фарқ дорад. Бо чӣ?**

1. Бо абзатсҳои нисбатан кӯ тоҳтар
2. Бо вуҷудияти истинодҳо ба мақолаҳо ва сарчашмаҳои дигар

**Таваҷҷӯҳ кунед**: Матн дар экрани монитор нисбат ба коғаз 25% сусттар хонда мешавад, барои таваҷҷӯҳи хонандаро ба он мутамарказ сохтан зарур аст, зеро ки дар Интернет як бор зер намудани мушаки компьютер кифоя аст, ки ба сайти дигар интиқол ёбед.

**Супориши муҳаррир**

Супориши муҳаррир – созишномаест байни муаллиф ва муҳаррир, ки раванди таҳрир ва нашрро дар бар гирифта, ба шакли умум мақолаеро, ки дар болои он муҳаррир корро оғоз мекунад, инъикос менамояд.

Одатан супориши муҳаррир ба шакли хаттӣ қабл аз он ки муаллиф ба иҷрои кораш оғоз мекунад, тартиб дода мешавад,.

**Супориши муҳаррир бояд**:

1. Ба ҳадди аксар мушаххас бошад.
2. Мавзӯ и маводро дар бар гирад.
3. Аз жанр иборат бошад
4. Ҳахм дошта бошад
5. Мӯ ҳлати супурдани он муайян бошад.

**Супориши хаттии муҳаррир нукоти зеринро дар бар гирифта метавонад:**

- тавсияҳо доир ба стратегияи сохтани мавод;
- сарсухан;
- маълумот дар бораи маводи рӯ зҳои охир нашршуда доир ба мавзӯҳои монанди он;
- мувофиқатномаҳои хабарии байналхалқӣ ва минтақавӣ (доир ба мавзӯ ъ).

**Супориши муҳаррир барои чӣ даркор аст?**

1. Он ба муҳаррирон имкон медиҳад, ки дархостҳоро ба нақша гирад ва аз бесомониҳо эмин бошад.

2. Имконияти пайдошавии низоъҳо ва ноумедшавиҳоро ба ҳадди камӣ расонад.

3. Имконияти ҳамкориро дар анҷомдодани маводи мақола ва ба назар гирифтани хоҳишҳои тарафайни ҳам муаллиф ва ҳам муҳаррир таъмин мекунад.

4. Мӯ ҳлатҳои охирини супурдани мақоларо ба хотири аз даст надодани аҳамияти замонавии он тасмим мегирад. Ғайр аз ин, мақолаи Шумо метавонад, ки як қисми нақшаи умумии маводҳои нашрия бошад.

**Таҷрибаи муҳаррирӣ дар IWPҚ**

Мақолаҳои барои IWPҚ навишташуда аз таҳрири чандзинавӣ мегузаранд ва он ба чанд забон ва дар якчанд идораи рӯзнома вуҷуд дорад.

Ду намуди асосии матн вучуд дорад: ба забони аслӣ ва ба забони англисӣ.

**Марҳилаҳои асосии таҳрир:**

- намунаи аввал ба забони аслӣ.
- намунаи аввал ба забони англисӣ (баъди тархума)
- таҳрири аввал
- таҳрири дуюм
- намуди ниҳоӣ (тасдиқшуда ва ислоҳшуда)

**Намунаи маводи нашр**

Шартҳои маводи нашр ба забони аслӣ бо муҳаррири маҳаллӣ ва ҳамоҳангсозии лоиҳа мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар ин марҳила зарурати нусхабардорӣ, такроран гирд овардани ахбор ва таҳрири зиёд мумкин аст. Раванди корбаст ба забони аслӣ ҳангоме анҷоммепазирад, ки мақола ба супориши муҳаррир ва талаботи асосии IWPҚ ба навишти мақолао мутобиқ бошанд.

Сипас намунаи ниҳоии тархумаро ба забони англисӣ ба унвони муҳаррири роҳбарикунандаи кор мефиристанд, ки вай ба мавод баҳои мувофиқи онро мемонад: то кадом дараха мавод аҳамияти замонавӣ ва чӣ қадар рағбатовар, касбинавишта ва мавзуният дорад. Тафтиш мешавад, ки оё мавод машокиле монанди тӯҳмат, тарғибу ташвиқи нажодпарастӣ, тазодҳо бо далелҳои воқеӣ, вуҷуд надоштани далелҳои муҳимми воқеӣ ва ғайраро дар бар нагирифтааст? Мақола ба муҳаррири маҳаллӣ барои идомаи кор аз болои он бозгардонда шуда метавонад.

**Таҳрири аввал**

Агар мавод барои чоп мувофиқ бошад, онро ба унвони муҳаррир барои таҳрири аввал мефиристанд. Ин таҳрири асосӣ ба забони англисӣ аст – маҳз дар ҳамин марҳила мавод ба баъзе тағйироти ночиз дучор меояд. Сохтори асосии он муайян мешавад: сарсухан ва қисмҳои асосӣ; вуҷудияти ҳамаи далелҳои воқеии асосӣ, иқтибосҳои ба тавозун дароваранда ва ғайра мавриди тафтиш қарор мегиранд; ҳангоми зарурат ба муҳаррири маҳаллӣ супурда мешавад, ки маводи норасидароо таъмин намояд; номи сарлавҳа, зерсарлавҳа ва истинодҳои иқтибосӣ аниқ карда мешаванд; тарҷумаи ҳоли мухтасари муаллиф нишон дода мешавад. Дар ин марҳила мақола асосан барои чоп тайёр аст.

**Таҳрири дуюм**

Матн аз ҷониби муҳаррири дуюм ба забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ӯ матнро пурра мутолиа мекунад, дар ҳолати зарурӣ ҷумлаҳоро ихтисор намуда, хатоҳои имловӣ, қоидаи забонӣ, китобатӣ ва услубиро ислоҳ мекунад. Тағйироти нисбатан бузург дар матн бо розигии муҳаррири аввал ё муҳаррири роҳбари кор ворид мешаванд.

**Таҳрири ниҳоӣ**

Муҳаррири роҳбар намунаи ниҳоиро аз назари хеш мегузаронад. Сипас мавод барои муҳокима ва маслиҳатҳо бо муаллиф ба унвони муҳаррири маҳаллӣ ирсол мешавад. Матни он аз сари нав ба муҳаррири роҳбар бозгашт меояд ва ниҳоят, мақоларо барои тасҳеҳ фиристода, чоп мекунанд.

Намунаи ниҳоии мақола ба забони аслии он, вобаста ба худи мақола, бо яке аз усулҳои зерин сурат хоҳад гирифт;

1. Таҳрири ниҳоии мақола ба забони англисӣ аз забони аслӣ тархума мешавад.
2. Дар асоси намунаи ниҳоӣ ба забони англисӣ ва намунаи аввалии мақола намунаи ниҳоии маводи нашр ба забони аслӣ таҳия мегардад.
3. Тағйироти асосӣ, ки ба далелҳои воқеӣ, афзалият, мувозинати далелҳо, иқтибосот ва дигар тағйироти муҳим дахл доранд, ворид мешаванд.
4. Тағйироте, ки ба мақола ҳангоми ташаккул додан ва ё ба қолаб даровардани унсурҳои алоҳидаи мақола ворид шудаанд, ҳатмӣ нестанд.

**Мисоли № 1. Намунаи варақа барои супоришномаи муҳаррир**

**I W P Қ**

Institғtӯ foқ Waқ and Pӯ acӯ Қӯ poқting
33 Islington High Stқӯ ӯ t, London N1 9LH
http://www.iwpқ.nӯ t

**Супориши муҳаррир**

Супориши муҳаррир – созишномаест байни муҳаррир ва муаллиф дар бораи мақолаи ба нақша гирифташаванда, ки то оғози кор аз болои маводи он ба имзо мерасад.

---

**Муаллиф**: Ербол Жумагулов **Таърихи дархост**: 21.05.2003
**Почтаи электронии муаллиф:** zhғmagғlov@қамӣlӯ қ.қғ
**Рақамхои телефони муаллиф:** +7 300 374 4442
**Муҳаррир:** Эдуард Полетаев
**Мавзӯ и мақола:** Барҳам додани низоми тафтиши паспортҳо дар Москва
**Моҳияти мақола:** (what’s thӯ stoқy?): Барҳам додани низоми тафтиши паспортҳо муносибати байни мусофирони Осиёи Марказӣ ва милисаи Москваро беҳтар накард.
**Жанр (**дар зери яке аз онҳо хат кашед**):** қайднома/мукотибот/тавзеҳот
**Шакли баён (**дар зери яке аз онҳо хат кашед**):** ба шакли солнома/мавзӯъгӣ/дигар (муайян намоед)
**Хахм (шумораи тахминии калимаҳо**): 900
**Мӯ ҳлати супоридан**: 26.05.2003

**Эзоҳ**: Бисёр муҳим аст, ки агар бо муаллиф аз тариқи почтаи электронӣ ва арқоми телефонии фавқуззикр тамос имкон дошта бошад, зеро ки ҳангоми супоридани маводи нашр муҳаррирони IWPҚ ҳамеша дар атрофи мақолаи супоридашуда ба пурсиши тавзеҳот ниёз доранд.

**Сарчашмаҳои эҳтимолӣ – Муаллиф бо одамони зерин мусоҳиб мешавад ва ё аз онҳо тавзеҳот мегирад (марҳамат, нишон диҳед, ки**

**онҳо кадом сарчашмаҳоянд: расмӣ (ра), мухолиф (мх), мустақил (мқ), байналхалқӣ (ба) ва ё хамъиятӣ (ха):**

1. Ашхоси баромадашон аз Осиёи Марказӣ, ки дар Москва мехонанд ё кор мекунанд (намед.)
2. Корманди милисаи Москва (ра.)
3. Корманди шаҳрдории Москва (ра.)
4. Эксперт-ҷомеашинос (ра.)
5. Намояндаи ташкилоти байналхалқӣ (ба.)

**Тавсияҳои иловагии муҳаррир**: Бояд нуктаи назарҳои гуногунро ба қалам дода, мувозинати онҳо таъмин гардад.

**Мисоли 2. Намунаи варақа барои хулосаи муҳаррири IWPҚ**

**IWPҚ: Хулосаи муҳаррир**

**Номи муаллиф:** Ербол Жумагулов
**Номи мақола (ё мавзӯ ъ):** Наврасони истеъмолгарони маводи мухаддири қазоқистонӣ маводи дар фурӯ ши озод бударо истифода мебаранд.

**Рӯ зи таҳрир:** 25.09.2002

**Рӯ зи нашр:** 31.09.2002 Агар мақола кабул нашавад, дар ин ҷо қайд кунед.

**Мақола ба кадом забон навишта шудааст**: Русӣ

**Муҳаррири аввал**: Эдуард Полетаев

**Миқдори калимаҳо то вақти таҳрир** : 1334 **Миқдори калимаҳо баъди таҳрир:** 1211

**Вақти сарфшуда барои таҳрир**: 25 дақ.

**Мувофиқати мақолаи навишташуда бо ғояи аввалии он:** ҳа

**Агар мувофиқат набошад, барои чӣ?** Ғоя мувофиқат мекунад, аммо сабаби пайдоиши хабар иваз шудааст.

**Мақола дар мӯ ҳлаташ супурда шудааст**
**(агар хавоб «ҳа», бошад, онро дар ин ҷо қайд кунед)** ҳа

**Жанри мақола**: иҷтимоӣ, хабарӣ бо унсурҳои таҳлил

Баҳогузорӣ аз рӯи нишондиҳандаи мартаба аз 1 (холи паст) то 10 (холи баланд)

**Истифодаи сарчашмаҳо: 7**

**Сохтор**: 8
Ба шакли умум ҳифз шудааст

**Возеҳияти баёни фикр**: 9
Мақола саршори хабарҳост, хонданаш сабук аст

**Мазмуни матн**: **7** **Оё мақола сазовор буданашро нишон дода метавонад? Мавзӯ ъ то кадом дараха мукаммал пешкаш шудааст (аз нигоҳи таърихӣ)?**

**Ғояи асосӣ пурра фаҳмо нест: ошкор фурӯ хтани маводи мухаддир чӣ натиха дорад – фохиа аз истеъмоли дору ва ё растанихои худрӯ й**

**Объективият**: 8

Муаллиф андешаи волидон ва ашхоси дигари марбути онро зикр нанамудааст – онҳо ба ин масъала чӣ гуна муносибат доранд?

**Миқдори умумии холҳо**: 39

**Машқҳо**
**Машқи 1:**
**Маводи сарчашмавӣ:** мақолае, ки дар он талабот ва меъёрҳои рӯзноманигории байналхалқӣ риоя нашудаанд, аммо вай метавонист, ки дар ҳамон шакл дар ВАУ-и маҳаллӣ ба чоп расад.
**Ислоҳоти забон: ҳуруфи номатлуби лотинӣ**
Дар ӯ збекистон раванди гузариш аз ҳуруфи кириллӣ ба лотинӣ, ки соли 1993 оғоз ёфта буд, давом дорад. Ислоҳоти забон ҷомеаро ба гурӯ ҳе, ки ин ислоҳотро пуштибонӣ мекунанд ва онҳое, ки ин ислоҳотро рад мекунанд, худо намуд.

Ислоҳот аллакай беасос будани хешро исбот намуд ва ба як таваққуфе дар таълими мактабӣ овард. Агар давлат аз ислоҳоте, ки бар асари ғурурҳои сиёсӣ соли 1993 сар шуда буд, даст накашад, мардуми ӯ збекистон ба таҳдидоти ба даҳсолаҳо қафоравӣ рӯ ба рӯ хоҳад гашт, зеро ки чанд насли халки ӯ збек ба сабаби дар пиронсолагӣ аз имконияти омӯ хтани он бархурдор набудан, аз саводи хат маҳрум хоҳанд гашт. Се ислоҳоти забонӣ, ки дар садаи бистум дар ӯ збекистон гузаронида шуда буданд, беасар нагузашт. Барои ҳамин, назар андохтан ба масъалаи мазкур аз нуқтаи назари таърихи он аҷоиб аст.

Ду ислоҳоти забонӣ дар солҳои 1929 ва 1940 ба фарҳанги ӯ збекӣ зарба расонданд. На фақат ӯ збекҳо, балки халқҳои тамоми Туркистон ба зарари маънавии дубора мувохеҳ гардиданд. Дар давоми дувоздаҳ сол ду бор алифбо тағйир ёфт: арабиро ба лотинӣ ва онро ба кириллӣ иваз карданд. Боигариҳое, ки халқҳо дар давоми ҳазосолаҳо гирд оварда буданд, ба нобудӣ рафтанд ва дар ҷои холии бесаводии мо навиштани таърихамон аз сари нав оғоз ёфт. Алифбои арабӣ, ки дар давоми дувоздаҳ аср дар хизмати мардуми мо буд, ҳамчун душман эълон гардид.

Бо душманони алифбои нав бераҳмона муносибат менамуданд, ба қатори душманони ашаддии социализм бошад, номҳои намояндагони зиёии маҳаллӣ бо бадномкуниҳо ба ҳайси пантуркист, панисломӣ ва хадид ворид мегаштанд. Дар солҳои 30-юм дар Осиёи Марказӣ бераҳмона нобуд кардани китобҳо ва дастхатҳое, ки ба алифбои арабӣ навишта шуда буданд, шурӯ ъ гардид. Одамоне, ки барои ҳифз намудани ин осорҳои қадима кӯ шиш меварзиданд, таҳти зӯ рию тааддӣ қарор мегирифтанд. Аммо бисёриҳо таваккалан ин хавоҳироти қадимаро аз тариқи пинҳон намудани онҳо дар миёни хонаҳои кӯ ҳнаи валангоршуда, ҷойҳои махфӣ ва қабрҳои вайроншуда нигоҳ доштанд.

Алфавити лотинӣ, ки ба таври сунъӣ дар соли 1929 ҷорӣ шуда буд, ба фарҳанги қадимаи мардуми туркзабон мувофиқат пайдо карда натавонист. Аллакай баъд аз қабул шудани алифбои нав норасоиҳои он бо тамоми равшанӣ рӯи об баромаданд. Маълум шуд, ки дар алифбои лотиниасос аз саросемагӣ нисбат ба миқдори зарурии он шумораи бештари овозҳои садонокро ворид намуданд, ки онҳо ҳех «намехостанд» ба забонҳои зинда мувофиқат пайдо кунанд. Алифбои нав бо даҳ овози садонок дар имлои забон бенизомии гӯшношунидро ба вуҷуд овард ва муҳимтар – омӯзиши забони ӯ збекиро мушкил гардонд. Ба қароре омаданд, ки алифборо ихтисор кунанд. Ихтисор карданд. Гунохро барои бесомонӣ бар гардани миллатгароён партофтанд. Аммо бо шаш овози садонок алифбои мурда хоҳиши ҳамзистӣ надошт. Миллатгароёнро бошад, дар ин вақтҳо дар маҳбасҳо нигоҳ медоштанд ва дигар касе набуд, ки гуноҳро ба болои гарданаш бор кунанд ва пас, ташвиқу тарғиби ғояи қаробати фарҳанги миллӣ бо фарҳанги русро шурӯ ъ намуданд.

Дар охирҳои солҳои сиюм бо луқмапартоии ҳизби коммунистӣ нашрияҳои гуногуни минтақаро мақолаҳо ва номаҳои меҳнаткашон дар

бораи илтимосҳо барои гузариш ба алифбои кириллӣ зер карданд. Талаботи халқҳоро дарҳол қонеъ гардонданд. Халқҳои минтақа бо радшавии алифбои лотинӣ, ки барои омӯхтани он вақти кофӣ нарасид, нафаси озод кашиданд. Барои ифода намудани овозҳои махсуси забони ӯзбекӣ аломатҳои иловагиро бо пайвасти думчаҳои сунъӣ ворид сохтанд. Дар минтақаҳои дигар низ чунин ҳодиса рух дод.

Ҳар вақте ки гузариш аз як алифбо ба дигари он анҷоммепазируфт, одамонро дар бораи номувофиқатии алифбои кӯҳна ва афзалияти алифбои нав бовар кунонданӣ мешуданд. Дар солҳои бистум дар бораи нороҳатии алифбои арабӣ, дар солҳои сиюм – алифбои лотинӣ сухан мекарданд ва акнун бошад, дар бораи нороҳатии алифбои кириллӣ ҳарф мегӯем.

Дар солҳои аввали мустақилият дар ӯзбекистон аз сари нав дар хусуси афзалияти алифбои лотинӣ овоз баланд карданд. Маълум гардид, ки ин алфавити дар солҳои сиюм бегона муайяншуда имрӯзҳо нисбат бар забонҳои дигар хусусиятҳои забони ӯзбекиро нағзтар ифода менамояд. Ҳар вақте ки сиёсатмадорон дар боби далелҳои забоншиносӣ ҳарф мезананд, мӯътақид будан мумкин аст, ки воқеан, дар «зери коса нимкосае» ҳаст, ки дар бораи он бо овози баланд ҳарф намезананд. Чунин мазмуни махфии сиёсӣ вуҷуд дошт:

- зарур буд, ки ҳақиқатан дур будани хеш аз Россия ва ҳама чизи русӣ, номумкин будани пайвастшавӣ бо он дар оянда таъкид шавад;

- барои Ғарб самти ҳаракати хешро, ки ба сӯи вестеркунонии ҷомеаи ӯзбекӣ, мувохеҳ аст, нишон диҳанд;

- ба дастгирии бештари Туркия, ки дигар хоҳиши иштирокро дар тақсим намудани фазои геополитикии минтақа надошт, муваффақ гардад;

- нақши таъсирбахшии исломро дар Хумҳурие, ки имконияти гузариш ба алифбои арабӣ буд, паст намояд.

Дар ҳамин вазъияти дар ҳаво муаллақ мондани ғояи пантуркизм, дар рӯҳияи лаззатбарӣ аз мустақилият ва дар ҳавои русофобия 2 сентябри соли 1993 бархилофи моддаи нӯҳуми сарқонуни хумҳурӣ Қонун «Дар бораи ворид сохтани алифбои ӯзбекӣ, ки бар ҳуруфи лотинӣ асос мегирад», ба тасвиб расид. Ба моддаи Сарқонун менигарем. Дар он гуфта мешавад, ки «масоили бештар муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва давлатӣ ба муҳокимаи мардум баровarда, ба овоздиҳии умумӣ (референдум) гузошта мешавад». Аммо чунин бармеояд, ки тағйири алифбо ба масоили ҳаёти иҷтимоӣ ва давлатӣ дахл надорад, зеро ки муҳокимаҳо сирф хусусияти рамзӣ доштанд ва ҳангоми онҳо намояндагони қисмати пешқадами зиёиёни ӯзбек бо тамоми қувва кӯшиш намуданд то ба нафъи болонишиноне, ки масъалаи мазкурро аллакай барвақт ба фоидаи алифбои лотинӣ ҳал карда буданд, ин корро анҷомдиҳанд. Зинаи мартабаи арзиш дар ҷомеа ҳар тавре бошад ҳам, дар он ҳамеша одамоне пайдо мешаванд, ки барои онҳо низоми розигӣ додан ягона меъёри муайян сохтани моҳияти ҳаёташон аст. Розидиҳандагон ба ивазшавии алифбо овоз доданд.

Акнун дар хусуси эҷоди сабабҳои ивазкунии алифбо. Вай, чуноне ки қаблан мутаззакир шудем, сирф дар доираи хоҳиши кӯмакрасонӣ ба халқи ӯ збек барои даст кашидан аз  нороҳатиҳое, ки алифбои кириллӣ ба вуҷуд оварда буд, сурат гирифт. Муҳокимаҳо ба маънои томаш вуҷуд надоштанд, балки монанди амали гузариш аз алифбои лотинӣ ба кириллӣ танҳо ташвиқу тарғиби масъалаи аллакай ҳалшуда вуҷуд дошт. Дар сарсухани Қонун нишон дода шудааст, ки ин кор ба Сарқонун асос ёфта, таҷрибаи мусбати (?) гузариши алифбои ӯ збекиро ба лотинӣ дар солҳои 1929-1940 ва ҳамчунин хоҳиши намояндагони васеи ҷомеа ба назар мегирад. Аз нигоҳи таърих чунин шаклёбии ифода хеле шинос аст.

Дар ин сарсухан ва ҳамчунин моддаҳои Қонун ягон калимаи асосноку рост  вуҷуд надоранд, зеро ки ягон нафаре аз амалдорони мақомоти ҳокимият ва муассисаҳои илмӣ таҷрибаи фармофармоёнаи дигар намудани алифбои ӯ збекиро ба лотинӣ дар солҳои 30-юм мавриди омӯзиш қарор надодааст. Вагарна тамоми ханбахои манфии он ивазкунии таърихӣ, ки пеш аз ҳама ба кӯшиши пинҳон намудани овозҳои садоноки зиёдатӣ иртибот дошт, рӯи об мебаромаданд.

Алифбои нав аз амсоли пештарааш, ки соли 1940 манъ шуда буд, комилан фарқ дорад.  Чӣ тавре ки мутахассисони мустақил қайд мекунанд, он боз ҳам нопурратар ва барои забони ӯ збекӣ нороҳаттар аст. Барои ҳамин, тасодуфӣ нест, ки алифбои дар соли 1993 қабулшуда дар соли 1995 ба таври махфӣ ислоҳ шуда, ба меъёрҳои забони ӯ збекӣ мутобиқ карда шуд, аммо бо вуҷуди ҳамаи ин, вай ҳамчун як чизи сохтаю қалбакӣ боқӣ хоҳад монд.

Дар масъалаи азхуд намудани алифбои нав мактаббачаҳо ба душворихо бархӯ рди бештар доранд, зеро ки қисми барномаи таълимиро бо истифодаи китобҳои дарсӣ бо ҳуруфи лотинӣ ва қисми дигарро аз рӯи китобҳое, ки бо ҳуруфи кириллӣ ба чоп мерасанд, аз худ менамоянд. Дар солҳои охир рағбати бачагон ба дарс якбора коҳиш ёфт, зеро дарсомӯ зӣ хеле душвор гардидааст ва ба қавли худи бачагон, ба сабаби вуҷуд доштани алифбоҳои гуногун дар майнаи сар бенизомӣ ҳукмфармо аст.

Ман муқобили ҳуруфи кириллӣ ва ё лотинӣ нестам, ман муқобили онам, ки қарорҳои сиёсии миқёси давлатӣ, ки ба манфиати мардум дахл дорад, бояд дар раъйпурсии умумӣ аз ҷониби худи мардум ба тасвиб расанд.

Раванди гузариш аз як алифбо ба алифбои дигар чунин оқибатҳои манфӣ  дорад:

- давлат садҳо миллион долларҳо хароҷот хоҳад кард, ки дар натиха, бар иловаи камбизоатии мо, қарзҳо то ба солҳои тӯлонӣ кашол меёбад;

- дастовардҳои фарҳангии солҳои охир дар паси пардаи таърих хоҳанд монд;

- омӯзиши забони ӯ збекӣ барои сокинони ғайритаҳҷоӣ душвор гашта, он ҳамчунин 2,5 миллион ӯ збеконро, ки берун аз ҳудуди кишвар истиқомат доранд, дар бар нахоҳад гирифт;

- равандҳои худоихоҳиро бештар менамояд;

- насли калонтари халқи ӯзбек аз сари нав бесавод мемонанд;

- тарҷумаи осори маънавии гузаштагон ба забони ӯзбекии муосир ба чанд даҳсолаҳо қафо партофта мешавад;

- сатҳи фарҳангии халқ ба қадри зиёд паст мефарояд;

- кандашавӣ на танҳо аз Россия, балки аз халқҳои туркзабон анҷоммепазирад.

Ман рӯҳияи рӯҳафтодагӣ зоҳир намекунам, аммо агар ӯзбекистон ислоҳоти забонро нодуруст эътироф накунад ва аз он даст накашад, баъди 15-20 сол ӯзбекҳо аз тамаддун канда хоҳанд гашт, зеро ки насли наврас аллакай ба забони русӣ ҳарф нахоҳад зад ва вақт барояшон имкон намедиҳад, ки дар миқёси давлати забони англисиро азхуд намоянд.

Дар хумҳурӣ дар давоми солҳои охир амалиёти ҷоҳилонаи тоза намудани китобхонаҳо аз адабиёти таълимӣ-омӯзгорӣ, илмӣ ва адабӣ, ки дар даврони шӯравӣ ба табъ расида буданд, оғоз ёфт, ки гӯё «ба меъёри давлатӣ ва идеологияи миллӣ мувофиқ намеоянд».

То 1 сентябри соли 2000 гузариши нопурраи хати ӯзбекӣ ба алифбои нав ба нақша гирифта шуда буд, аммо он барои якчанд сабабҳо амалӣ нагашт. Акнун давлат мӯҳлати нав – 2005-ро муқаррар намуд. Барои муайян кардани он ки то ин мӯҳлат низ ислоҳот амалӣ нахоҳад гашт, фолбини хуб будан даркор нест. Халқи ӯзбек ба дарахае қашшоқ гаштааст, ки маблағи ислоҳотеро, ки ӯро то ба ҳолати бесаводии пурра мерасонад, пардохта наметавонад.

Забони халқ – қалби ӯст ва он ки барояш аз ҷониби Худо ато шудааст, ки бо он озод гуфтугӯ кунад ва аз ҷониби ягон ҳокимияте барояш дода нашудааст. Дахолат кардан ба забони гуфтугӯ мисоли амалиёти мураккаби харроҳӣ, ки бе иҷозати ӯ ба иҷро мерасад, бо хиноят бар зидди худи ӯ баробар аст.

**Саволҳо барои андеша:**

А. Муайян кунед, ки ин мақола ба ягон жанри рӯзноманигории байналхалқӣ тааллуқ дорад ё не ва барои чӣ?

Б. Муайян кунед, ки сохтори ин мақола тибқи талаботи меъёрҳои байналхалқӣ бояд чӣ гуна бошад?

В. Аломатҳоеро муайян кунед, ки аз рӯи онҳо дар ин шакл хонандагони байналхалқӣ ҳангоми хониши мақола ба душворӣ рӯ ба рӯ хоҳанд омад?

**Боби 4.**

## Мусоҳиба: малакаи касбии муоширот

**Усулҳои асосии гирдоварии ахбор ба қисматҳои зерин худо мешаванд:**

1. **Анъанавӣ:** мушоҳида, тахриба, мусоҳиба.
2. **Ғайрианъанавӣ:** усули пешбинӣ ва тарҷумаиҳолӣ

Сипас рӯзноманигор маълумоти ба дастомадаро таҳлил ва шарҳу эзоҳ медиҳад.

**Усули бештар маъмули гирд овардани маълумот дар рӯзноманигории байналхалқӣ мусоҳиба аст.**

Мафҳуми «интервью» («мусоҳиба») аз забони англисӣ маънои «сӯҳбат»-ро дорад.

Ҳарчанд гумон меравад, ки ин усул барои рӯзноманигорони Осиёи Марказӣ ҳам муқаррарӣ аст, зарур аст, ки услубҳои технологии муайян риоя карда шаванд, то ки муносиботи байнишахсӣ ба таври муносиб бунёд гарданд.

Барои рӯзноманигор донистани талаботи асосие, ки нисбати сӯҳбаткунанда мавриди истифода қарор мегиранд, зарур аст:

1. Сӯҳбаткунанда бояд забони одамонеро, ки аз ягон хабар воқифанд, ёфта тавонад.
2. Сӯҳбаткунанда бояд барои гузаронидани мусоҳиба бо тайёрии пухта омада бошад.

**Донистани хусусиятҳои психологии мулоқот монанди дараҷаи салоҳият ва тайёрӣ ба сӯҳбат зарур аст. Зеро ки ҳахм ва сифати ахбори аз ҷониби ӯ ба даст овардашаванда бештар аз он вобаста аст, ки вай то кадом дараха ҳамсӯҳбатро ба гап медарорад, бо саволҳояш диққати ӯро ҷалб мекунад ва ба сӯҳбат ворид месозад.**

**Тайёр кардани саволҳо барои мусоҳиба:**

**Аввалан, муайян созед, ки бо кӣ ҳамсӯҳбат хоҳед шуд.**

**Шояд, аксуламали нахустинатон яке аз беҳтаринҳо нахоҳад буд.**

- пеш аз зангзанӣ бо телефон андеша кунед
- рӯзноманигорони зиёд беихтиёр ба назди одамони маъруф мераванд
- аммо барои андеша намудан ҳар бор саъй намоед: дар бораи он ки ин дафъа чӣ рух медиҳад, кӣ бештар хабардор аст
- ба овозҳои нав, маҳаллӣ муроҷиат кунед

**Сарчашмаҳои беҳтарин сарчашмаҳои *ибтидоии* маълумотҳоеанд (бевосита аз манбаи якум), ки зикр намудани номи хешро қобили қабул меҳисобанд. Онҳо чунинанд:**

- ширкаткунандагони ҳодисаҳо
- қурбониёни ҳодисаҳо
- шоҳидони ҳодисаҳо
- бо ҳар гуна одамон сухан карда метавонед, аммо ҳатмӣ нест, ки ҳамаашон «эксперт» бошанд.
- ба дӯ ғу пӯ писа ё гӯ л задан дода нашавед, аз маҳрумиятҳои иҷтимоӣ қимати хешро баландтар гузоред ва ба фишорҳо ва омилҳои дигари дар зер овардашуда низ дода нашавед:

- синну сол
- мартаба\ обрӯ ю эътибори сиёсӣ
- хинси муқобил

**Сарчашмаҳои дуввумдараха**

. дар аксари ҳолатҳо беҳтар он аст, ки нисбат ба он ки аз ягон ВАУ иқтибос биёред, хабарро худатон ба даст оваред

. ин нуқтаи заифи мақолаатон мебошад

. асосан, ин одати «танбалии» рӯзноманигорӣ аст

**Комёбӣ ё нокомии кори Шумо ба сифати тайёрӣ, омӯзиши мавзӯ ъ, пухта будани нақшаи фаъолият, эҷодкорӣ ҳангоми тайёр намудани саволҳо иртибот дорад.**

**Инҳо муҳимтаранд:**

1. Махсусан саволҳое, ки ошкоро барои ҳамсӯҳбати оянда аз рӯи ягон сабабе ноқулаянд, бояд амиқтар мавриди андеша қарор гирифта, барои онҳо шакли нисбатан боназокати саволҳоро ҷустуҷӯ кард.

2 Ҳангоми тайёр намудани саволҳо бояд дар бораи мувофиқати онҳо бо аҳамияти сӯҳбат андеша намуд.

**Мавриди истифодаи фаъол қарор гирифтани хиҳози сабти овоз дар мавридҳои зерин тавсия дода мешавад**:

1. Агар ба устувории психологии ҳамсӯҳбататон боварӣ дошта дошед.
2. Агар сӯҳбати проблемавӣ, мураккаб барпо гардад.
3. Агар сӯҳбат тӯлонӣ давом ёбад

Хуб мешуд, ки агар онро худатон сабт мекардед. Ҳангоми истифодаи дафтарчаи қайдҳо фазои сӯҳбати нисбатан боваринок ва камтар ваҳмовар ба вуҷуд меояд.

**Сабти дутарафа** (ҳам механикӣ ва ҳам дастӣ) **барои раванди раҳнамоии сӯҳбат муҳим аст.** Одамон, махсусан. ҳангоми сӯҳбати боваринок суханони хешро бодиққат андеша мекунанд, аз мизони ақл мегузаронанд ва дар ҷое, ки дар лентаи магнитофон «сукут сабт шудааст», рӯзноманигор бояд дар дафтарчаи қайдаш мушоҳидаи хешро аз ҳолати ҳамсӯҳбат (ба ҳаяҷон омадан, хунсардӣ, бесабрии ӯ ) ба қайд гирад.

**Кадом чизҳо бояд, пеш аз ҳама, дар дафтарчаи қайд сабт гарданд:**

1. Чизҳои муҳимтарин аз суханони ҳамсӯҳбат
2. Хусусиятҳои овозии ҳамсӯҳбат
3. Порчаҳои муҳимтарини ҳолатҳои сӯҳбат (масалан, хоҳиши хавоб надодан), аксуламали ҳамсӯҳбат (лаҳзаҳои ғазаб, шодӣ ва ғ.)
4. Ғояҳо ва масоили наве, ки ҳангоми сӯҳбат ба вуқӯ ъ меоянд
5. Саҳвҳои тасодуфан дарёфташуда

**Раҳнамоӣ намудани сӯҳбат**

Рӯзноманигор - роҳнамои сӯҳбат дар дафтарчааш ҳатман қайдҳои заруриеро, ки барои идора намудани сӯҳбат дар махрои матлуби ӯ имкон медиҳанд, дошта бошад.

Раҳнамоӣ намудани сӯҳбат – ин «буридан» ва ба махро бозгардонидани мавзӯ и сӯҳбат, аниқ кардани ягон масъала дар рафти сӯҳбат, шаклҳои гуногуни «луқмапартоӣ», аз сари нав лаҷоми ташаббусеро, ки агар рӯзноманигор аз даст дода ва ё худихтиёрию муваққатан гузашт карда бошад, ба даст гирифтан мебошад.

**Буриши сухан**

Сухани ҳамсӯҳбатро дағалона ва ба тезӣ буридан мумкин нест. Буридани сухан бояд базӯ р ошкорона ва бо тағйир додани хараёни сӯҳбат анҷомпазирад.

Буридани сухан ҳамсӯҳбатро водор месозад, ки ба махрои мавзӯ и даркорӣ бозгардад ва барои худдорӣ намудан аз гуфторҳо дар бораи «ягон чизе» кӯмак мерасонад.

**Луқмапартоиҳои бавосита**

Бояд боадабона тартиб дода шаванд. Чанд усули он маълуманд:

1. «Созишкорона» (рӯзноманигор ифодаи суханеро, ки ҳамсӯҳбат шурӯ ъ карда буд, ба итмом мерасонад).

2. «Шубҳа» («Наход ҳақиқатан ҳамин тавр бошад, ки Шумо фармудед?»)

3. «Аксуламали эҳсосӣ» («Ин ниҳоят ахиб!»).

4. «Луқмапартоӣ - сужет» («Ҳа, барои ман ҳам ин чиз фаҳмост, ман ҳам онро аз сар гузаронда будам»).

**Луқмапартоиҳои бавосита ҳамсӯҳбатро барои кушоиши афкор, тақвият додани онҳо бо мисолҳо бармеангезад.**

**Пешгӯ ӣ намудани машокили эҳтимолӣ**

**Кӯ шиш намоед, ки қабл аз шурӯ ъ намудани ҳар гуна мусоҳиба эҳтимоли рух додани машокили гуногунро пешбинӣ намоед.**

**Барои чӣ  ҳамсӯҳбати Шумо ҳамаи инро бароятон нақл мекунад?**

. далелу бурҳони ӯ  аз чӣ иборат аст?

 - мусоҳиби Шумо ба ин мавзӯ ъ чӣ муносибате дорад?

 - дар бораи он ки ӯ  ҳарф мезанад, аз куҷо медонад?

. шояд маълумот дуруст набошад?

. шояд дар ин бора шахси дигар маълумоти бештар дошта бошад?

**Барои чӣ маҳз ҳамин одам?**

. шояд барои он ки бо ин одам мусоҳиб шудан барои ман осонтар бошад?

. оё шахси дигаре вуҷуд надорад, ки мартабаи баландтар дорад, бештар медонад, хубтар воқиф бошад ва дар ивази ӯ  бо кадом шахс бояд ман сӯҳбат намоям?

- оё ба ин шахс одамони дигар бовар мекунанд?

**Оё ман хавф дошта метавонам, ки ин сарчашмаи хабарро аз даст медиҳам?**

... ва оё ин чиз ба он таъсир мерасонад, ки ман маълумоти зиёдро ифшо мекунам?

. Оё ман маълумоти ба даст омадаро барои дарёфти маълумоти иловагӣ аз сарчашмаҳои дигар мавриди истифода қарор дода метавонам?

**Муносибатҳои ман бо ин инсон чӣ гунаанд?**

. оё ман нисбати  ҳамсӯҳбатам аз ҳад зиёд дӯ стона ва ё душманона муносибат надорам?

. шояд аз ҳамкорам хоҳиш намоям, ки ин корро ба ҷои ман анҷомдиҳад?

**Оё ман барои ин инсон танҳо ҳамчун як мунодиям?**

. Кӣ киро даъват намудааст? Агар Шуморо ба сӯҳбат даъват карда бошанд, андеша намоед...

. Оё баъди ин ман дар дохили мавод ахбореро, ки аз ин шахс ва аз сарчашмаҳои дигар гирифтам, бо ҳам дар мувофиқат оварда метавонам?

**Оё ҳамсӯҳбат рост мегӯяд?**

**Истифодаи сарчашмаҳо барои ба даст овардани далелҳои воқеӣ**

**Ҳеҷ гоҳ фарзияи «ҳама медонанд, ки...»-ро истифода набаред.**

. доираи хонандагони Шумо – байналхалқӣ аст ва вай ҳамаи он чизеро, ки дар кишваратон рух медиҳад, фаҳмида наметавонад.

. ҳар гуна далоили воқеӣ боист бо сарчашмаи иловагии ахбор тақвият ёбад

**«Қоидаи тиллоӣ»: барои тасдиқ намудани ҳар гуна ахбор боист аз ду сарчашмаи аз ҳам новобаста истифода кард.**

**«Аз ҳам новобаста будан» маънои зеринро дорад:**

1. Сарчашмаи А хабарашро аз сарчашмаи В нагирифтааст.
2. Сарчашмаҳои А ва В хабарро аз дасти ҳамон як сарчашмаи С нагирифтаанд

. боварӣ ҳосил намоед, ки ҳар дуи онҳо – сарчашмаи аввалиянд

. чизеро далели воқеӣ ҳисоб накунед, агар он аз тариқи ду сарчашмаи новобастаи ҳамдигар тасдиқ нагардидааст.

**Қоидаи «ду сарчашма»**

**Мисоли 1.**

**Вазъият:** *Исёне бардошта шуд ва намояндаи вазорати умури дохилӣ ба Шумо хабар медиҳад, ки кормандони полис аз ҷониби исёнгарони деҳаи Бугл таҳти ҳамлаи оташ қарор гирифтанд, ки бар асари он як нафар полис захоҳати вазнин бардошт. Полисе аз деҳаи Бугл ин хабарро тасдиқ намудааст.*

**Оё ин далели воқеӣ аст? Биёед якҷоя андеша мекунем!**

**Проблема:** Мувофиқ омадани он ки ду нафар намояндаи ҷонибҳои ба ҳам муқобил ҳамон як чизро тасдиқ менамоянд, каме шубҳанок аст. Мо аз куҷо induced дониста метавонем, ки ин хабарро маҳз ҳамин корманди полис ба ВУД пешкаш намуд? Мо аз куҷо медонем, ки корманди полис шояд ин вазъиятро чунон ба нақша даровардааст, ки ҳадафи он бемамониат пахш намудани муқовиматро дошта бошад?

**Чӣ бояд кард?**

. ба Бугл сафар кунед ва бо шоҳидони ҳодиса сӯҳбат кунед.

. бо ашхоси боваринокатон дар Бугл тамос бигиред ва ба шоҳидони ҳодиса муроҷиат намоед.

. ба беморхонаҳои маҳаллӣ телефон кунед ва муайян созед, ки оё ба онҳо касе аз кормандони полис бо шикояти захм бардоштанаш муроҷиат нанамудааст (ба ин васила муайян кардан мумкин аст, ки оё тирпароронӣ ҷой дошт ва ё на)?

. аломатҳои он – тирҳо, осори хунро дар ҷои содиршавии хиноят ҷустуҷӯ кунед.

. Бо ширкаткунандагони исён вохӯ рӣ ташкил намоед ва андешаҳои онҳоро дар хусуси ҳодиса гӯш кунед.

**Мисоли №2.**

**Вазъият:** *Роҳбари ташкилоти ҳимояи ҳуқуқи гурӯ ҳи Бостог дар сӯҳбат бо Шумо дар бораи он арз намуд, ки кормандони полис ҳангоми дастгир намудан таҳдиди куштори ӯро намуданд. БиБиСи ҳамчунон дар бораи он хабар дод, ки кормандони полис ба ин шахс дар мавриде, ки ӯ дар маҳбас буд, таҳдиди куштор намуданд.*

**Оё ин далели воқеӣ аст? Биёед, якҷоя андеша намоем!:**

**Проблема:** БиБиСи аз рӯи таъиноташ сарчашмаи дуюмдараха аст, ки аз ҷониби Шумо ҳамчун «яке аз сарчашмаҳо» мавриди истифода қарор гирифта наметавонад. Имкон дорад, ки ахбори он ҳам бар далелҳои нишондодаи роҳбари Бостог асос меёбад.

**Ҳаллу фасли масъала:**

. Бо ашхоси расмии полис сӯҳбат кунед

. Бо кормандони алоҳидаи полис сӯҳбат кунед, шояд дар миёни эшон одамоне ҳастанд, ки ба таври пинҳонӣ ин маълумотро тасдиқ карда метавонанд.

. Бо намояндагони дигари Бостог сӯҳбат кунед. Оё чунин ҳодисаҳо бисёр рух медиҳанд? (NB – чунин ахбор метавонад барои тасдиқ намудани ҳақиқати ин ҳолати мушаххас муфид набошад, аммо тамоюли онро муайян намоед).

**Чӣ бояд кард, ки агар ба даст овардани ахбор аз сарчашмаи аввал муяссар нагардад?**

**Аз истифода бурдани чунин ифодаҳои забонӣ худдорӣ намоед**

Нагӯед, ки «ин рух дода буд», аммо «Х тасдиқ мекунад, ки …рух дод»

Нагуед, ки «Х У-ро анҷомдод», вале «сарчашмаи А хабар дод, ки Х У-ро анҷомдод».

**Мисоли 3.**

*Дар давоми соатҳои сипаришуда ИМА ва Британиё, ки шомили Иттиҳодияи Шимоланд, гурӯ ҳҳои толибонро дар наздикии сарҳади Тохикистон мавриди гулӯ лаборони шадиди тӯ пҳо қарор доданд. Капитан Тилло Муҳаммад дар суханронииаш баён кард, ки ба андешаи ӯ низоми Кобул ба наздикӣ суқут хоҳад кард. «Мо бо онҳо чандин сол дар набард будем» - гуфт ӯ , «аммо кунун эшон заиф шудаанд». Тибқи маълумоте, ки аз капитан Тилло Муҳаммад ба даст омад, қувваҳои Мулло Умар дар давоми чанд ҳафтаи гузашта ба сустӣ мувохеҳ гардиданд, зеро ки бисёрии арабҳою покистониҳое, ки ҳамроҳи толибон дар ҳарбҳо иштирок намуда буданд, аз хати хабҳаи ҷанг дур рафтаанд. Тасдиқ намудани ин хабар гайриимкон буд.*

Суханони иловагиро дар матни маводи нашр дар бораи он ки «ин изҳоротро тафтиш кардан ғайриимкон аст» ворид сохта, муаллиф барои хонанда аз тариқи равшан сохтани вазъият ишорае намудааст, ки маълумот тасдиқ наёфтааст.

**Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ мавриди истифода аст**

Ба ҳадди зиёд мавриди истифода қарор гирифтани ифодаҳое, монанди «хабар тасдиқ нашудааст», «мегӯянд ки», «тасдиқ мекунанд, ки» - нишонаи мақолаи заиф аст.

. Боварӣ пайдо кунед, ки сарчашмаи Шумо бароятон хабари **ҳақиқӣ** медиҳад.

. Ин ҳам бисёр  муҳим аст, ки **дар муносибат бо хонанда софдил будан лозим аст.**

**Истифода намудани сарчашмаҳои беном**

**Андеша ба муқобили далели воқеӣ**

**.** Сарчашмаи ниҳоят обрӯ манди *баландихтисос* (масалан, бо ишораи мартабаи ҳарбӣ ва ё дипломатӣ), ҳатто дар мавридҳои гуфтаҳои аз доираи меъёри қабулшуда хеле озод иқтибос шуда метавонад.

. Маълумоте, ки аз сарчашмаи беному нишон ба даст оварда мешавад, танҳо дар нисбати он далелҳои воқеие мавриди истифода қарор мегиранд, ки дар салоҳияти ӯ  қарор доранд.

. Масалан, Шумо набояд аз гуфтаи шахси мансабдори номаълуме аз ӯ бекистон иқтибос оваред, ки овардааст - қирғизҳо – тӯ даи қаллобонанд ва ё баръакс.

**Доимо ба худ савол диҳед: барои чӣ ин одам мехоҳад, ки номаълум монад?**

**.** ба ин кор дарҳол розигӣ надиҳед

. шояд шуморо истифода баранд?

. шояд Шуморо ҳамчун паноҳбон истифода мебаранд?

**Агар ба ҳар ҳол дар истифодаи сарчашмаҳои беному нишон зарурат пайдо шавад...**

. ба созише расед, ки аз рӯи он дар бораи шахс маълумоти бештаринро дода, дар айни ҳол номаълум будани вайро нигоҳ медоред

. «эксперт доир ба масоили амнияти ОБСЕ дар Косово» нисбат ба «шахси мансабдор аз ОБСЕ» беҳтар аст.

**Ҳимояи сарчашмаҳои ахбор**

На дар ҳамаи кишваҳо ҳуқуқи махфӣ нигоҳ доштани сарчашмаи ахбор дар доираи қонунҳои давлат эътироф гардидааст.

. Воқеан, агар чунин кор ҷой дошта бошад ҳам, он як истисно дар бандҳои қоидаи умумӣ аст.

. Дар ШМА барои махфӣ нигоҳ доштани сарчашмаҳои ахборашон рӯзноманигорон маҷбуранд, ки ба муддати кӯ тоҳ дар маҳбасҳо сокин шаванд.

- Аврупо

Изҳороти Шӯрои Аврупо дар бораи ҳуқуқи инсон ин бандро ба шакли ягона надаровардааст, аммо Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо ба давлатҳо –аъзои Шӯрои Аврупо тавсия додааст, ки ҳуқуқи рӯзноманигоронро дар боби махфӣ нигоҳ доштани сарчашмаҳои ахбор бо

назардошти моддаи 10 дар бораи озодии сухани Изҳороти Аврупо дар бораи ҳуқуқи инсон эътироф намоянд.

- Машокил барои он рух медиҳанд, ки бисёрии давлатҳо ин бандро дар қонуниятҳои хеш ворид насохтаанд.

**- Қонунҳои кишваратонро донед!**

**Маслиҳатҳо барои мусоҳиба**

**Чизи муҳимтарин - тайёрӣ ба мусоҳиба аст (ниг. саҳифаҳои қаблӣ)**

. терминология ва калимаҳои ихтисоршудаеро, ки шояд дар хараёни мусоҳиба номбар мешаванд, донед

. дар бораи ашхосе, ки номҳояшон, эҳтимол, дар хараёни мусоҳиба номбар мешаванд, иттилоъия дошта бошед

. мусоҳибаҳоеро, ки ҳамсӯҳбати шумо қабл аз ин анҷомдодааст, мутолиа намоед.

. дар бораи мусоҳиба бо ин одам ҳамроҳи ҳамкоронатон гуфтугӯ кунед

. тайёрӣ ба мусоҳиба вақтатонро барои худи мусоҳиба захира хоҳад кард

. саволҳоро нависед, аммо тайёр бошед, ки дар вақти мусоҳиба бо онҳо дар шакли нав «бозӣ» хоҳед кард

**Хушмуомилагии оддӣ: боэҳтиром, аммо боисрор будан шарт аст**

. дар вақташ ё чанд дақиқа барвақттар омадан даркор аст

. саросема набошед, оҳанги ороми сухан дар атрофи ҳаёти воқеӣ ҳамсӯҳбати Шуморо низ ором хоҳад кард

. мусоҳиб ҳуқуқи пурсидан дорад, ки дар бораи чӣ сухан хоҳад рафт ва хабари баёншавандае, ки ҳангоми мусоҳиба аз ҷониби Шумо ба даст оварда мешавад, дар куҷо мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

. агар ҳамсӯҳбати Шумо одати мулоқотро бо аҳли матбуот надорад, ба ӯ моҳияти истилоҳоте монанди «барои нашр», ё «барои нашр не»-ро тавзеҳ диҳед

**Аҳднома**

. агар он қобили қабул бошад, аҳд бандед, ки номи ҳамсӯҳбататон зикр хоҳад шуд

. ба ҳамсӯҳбататон як ишораи фаҳм ва эҳсос бидиҳед, ки хабари ҳангоми мусоҳиба ба даст овардашуда барои нашри маводи чоп истифода бурда мешавад ва агар аҳднома дар бораи акси он вуҷуд надошта бошад – ин амал равшану возеҳ аст, зеро ки Шумо – рӯзноманигор ҳастед, аммо дар баъзе кишварҳо ҳамин як ишора низ ба манфиати кор аст.

. аниқ муайян намоед: агар сухан дар бораи «на барои нашр» равад ва дар ҳолати номаълум нигоҳ доштани ном дар бораи ба шакли муайян даровардани «эксперт доир ба амнияти ОБСЕ дар Косово», ки аз «шахси масъули ОБСЕ» афзалтар аст, ба мувофиқа расед.

. аммо ҳех гоҳ ба ҳамсӯҳбататон ваъда надиҳед, ки ҳар он чизеро, ки Шумо навиштед, ба ӯ барои аз қайд гузаштан медиҳед.

**Саволҳои аз ҳама душворро то охири мусоҳиба нигоҳ доред**

. саволҳои оддӣ Шуморо ба ҳамсӯҳбататон наздик мекунанд (ин ҳангоме муҳим аст, ки Шумо мусоҳибаро аз шахси ба ин кор одатнакарда мегиред)

. ҳамсӯҳбат метавонад сӯҳбатро дар ҳар лаҳза қатъ намояд

. агар Шумо як фазои боваринокро ба вуҷуд оваред, имконияти бештари посухи ҳамсӯҳбатро ба саволҳои печидаю найрангомезатон пайдо хоҳед кард

**Саволҳои кӯтоҳ ва рӯирост диҳед**

. мусоҳиба – барои баён намудани андешаи шахсии Шумо вақти номувофиқ аст

. тавзеҳотро пеш аз саволҳоятон муқаддима насозед

**Ба ҳамсӯҳбататон ҳавобаландона назар накунед**

. агар шахс дар соҳаи ягон кор «эксперт» набошад, ин маънои онро надорад, ки ӯ дар хусуси мавзӯи додашуда чизе гуфта наметавонад

**Бигзор Шуморо меъёрҳо ва маҳдудиятҳои иҷтимоӣ бероҳа накунанд**

. синну сол, эҳтироми табии калонсолон

. обрӯю эътибор, рутба

. хинси ҳамсӯҳбат

**Ҳамсӯҳбатро ба гуфтугӯ даъват кунед**

**саволҳои ошкоро диҳед**

- нагӯед, ки «оё Шумо шоколадро дӯст медоред?»
- бигӯед: «барои чӣ Шумо шоколадро дӯст медоред?»

**ба ҳамсӯҳбат бештар бо номаш муроҷиат кунед**

**«принципи оина» -ро мавриди истифода қарор диҳед**

- якчанд калимаҳои охири ҳамсӯҳбататонро такрор кунед
- ин вайро барои сухангӯии бештар ҳавасманд мекунад

Дар охири мусоҳиба фаромӯш накунед, ки саволи зеринро аз мусоҳибатон бипурсед: шояд ягон гуфтании дигар доред...

. кӣ медонад, ки...

**Посухҳои бемаънии кӯтоҳ**

. баъзан ҳамсӯҳбат посухҳои хеле кӯтоҳ медиҳад ва ё умуман сукут меварзад

. яке аз воситаҳои беҳтарин – ба чашмони ӯ назар кардан ва интизор будан аст

. ноороҳатӣ ҳамсӯҳбататонро маҷбур сохта метавонад, ки бештар сухан гӯяд

**Бисёргӯӣ – вуҷуд надоштани посух аст**

. баъзан ҳамсӯҳбат қасдан вақтро кашол медиҳад ва дар ҳар хусус ҳарф мезанад

. кӯ шиш кунед, ки боэҳтиромона суханашро қатъ намоед ва маҷоли суханро ба он мавзӯ е, ки бароятон муҳим аст, баргардонед

. саволатонро такрор кунед

. онро ба шакли дигар пешкаш намоед

. агар он кӯмак нарасонад, аз тариқи рафторатон нишон диҳед, ки суханони ӯ  бароятон аҳамият надорад

- агар то он дам Шумо сӯҳбатро сабт карда бошед, навиштанро қатъ намоед

- тарзи рафторатонро ба куллӣ дигар кунед

**Машокили баъди мусоҳиба**

**Чӣ тавр иқтибосҳоро ихтисор мекунанд**

- умуман, беҳтараш, ҷумлаҳоро ихтисор накунед, ба шарте, ки агар ҳаҷми онҳо дар ҳадди зарурӣ қарор гирифта бошад

- иқтибосҳои нисбатан дарозтарро бо ҳифз намудани маънои умумии гуфташуда ихтисор кардан мумкин а**ст**

**Талаби ба қайд гирифтани маводи нашр**

- баъзан, шахси мусоҳибатон исрор мекунад, ки намунаи охирини мусоҳибаро аз қайди ӯ  гузаронед

- ва ин на барои тафтиш намудани далелҳои воқеии он аст

- агар ҳамсӯҳбати Шумо мехоҳад, ки кадом як ҷузъиёти шаклии мақоларо тафтиш намояд, ин кори солим аст

- дар ҳолатҳои зиёд чунин тафтишот ҳангоми мусоҳиба бо олим ва ё духтур зарур аст

- Шумо набояд пешакӣ ба он шахс ваъда диҳед, ки барои аз қайд гузаштан маводи нашрро ба вай медиҳед, ба ин васила Шумо дар охири сӯҳбат дар муқобили талаби ӯ  осонтар истодагарӣ карда метавонед.

- агар Шумо илохи дигар надоред, ба он шахс фақат он калимаҳоеро нишон дода метавонед, ки дар маводи нашратон зикр мешаванд ва на беш аз он.

- беҳтараш, албатта, он аст, ки дар бораи аз қайд гузаштан бо касе ягон аҳд набаста бошед

**Оё мусоҳибаро бояд барои нашр ва ё барои ба даст овардани ахбори нав истифода бурд?**

- беҳтараш, хабареро, ки аз сарчашмаи пинҳонии ашхоси расмӣ ба даст оварда шудааст ва онҳо барои тасдиқи ин хабар бе махфӣ нигоҳ доштани номашон розигӣ додаанд, ба маърази тамошо бояд гузошт.

- метавон аз қисмати кӯ чаки хабар  шурӯ ъ намуд ва онро тавре мавриди истифода қарор дод, ки манфиати бештар ба даст ояд – бо як моҳича бузургтарашро ба шаст доштан мумкин аст.

Вазъияте, ки дар он Шумо бояд хеле эҳтиёткор бошед:

- ба мусоҳиб яке аз далелҳои воқеиро хабар диҳед ва аксуламали ӯро интизор шавед

- интизор шуда, гӯш ба қимор истед

- таваққуф намоед ва бигзор мусоҳиби Шумо ногуворо будани онро ҳис намояд ва агар зарурати ҳамин тавр ахбори зиёди навро ба даст овардан мумкин бошад, бигзор мусоҳиб фикр намояд, ки Шумо нисбат ба он ки ҳарф мезанед, бештар медонед, ӯ асабӣ шуда, ба ҳақ баровардани хеш шурӯ ъ менамояд.

- эҳтиёт шавед, ки сарчашмаро фош накунед

- ба сарчашмаи А дар бораи сарчашмаи В ҳарфе нагӯед

**Нишасти матбуотӣ**

**Сӯҳбатҳо ва нишастҳои матбуотӣ бефоидаанд:**

. тақрибан ҳамеша бефоидаанд

. ҳамаи ВАУ ҳамон як ахборро ба даст меоранд

. одатан, маълумоте, ки ба ин васила дарёд шудааст, хеле яктарафа аст – он аз нигоҳи шахси ахбордиҳандае, ки сухангӯ и он аст, пешкаш мегардад.

. нишасти матбуотӣ ҳодисаи назоратшаванда аст, ҳарчанд дар дақиқаҳои алоҳида дар он ҷо низ иқтибосҳои хуброба даст овардан мумкин аст.

**10 қоида барои рӯзноманигорон ҳангоми нишасти матбуотӣ**

1. Маълумоти асосиро дар бораи мазӯ и баҳсшаванда то баргузоршавии нишасти матбуотӣ хамъ намоед

2. Саволҳои доимие, ки ба худ медиҳед: чаро, бо кадом мақсад онҳо нишасти матбуотӣ мегузаронанд? Барои чӣ онҳо чунин гуфтанд? Дар бораи чӣ хамӯ ш буданд? Дар бораи чӣ мехоҳанд маро бовар кунонанд?

3. Барои онҳо ман танҳо як олати кориям. Ҳушёр будан ва ба хушомадҳо фирефта нашудан даркор аст.

4. Баъдтар бо маслиҳати кӣ аз ӯ ҳдаи ин кор баромадан мумкин аст?

5. Пурсидан, пай бурдан, ба даст овардан

6. Ба ҳам мувофиқ наомадани далелҳои воқеиеро, ки сухангӯ и нишаст баён мекунад, ифшо сохтан ва маъниҳои ба ҳам муқобили гуфторашро дарёфт намудан лозим аст.

7. Ин далелҳои баёншударо бо оне, ки қаблан ба чоп расидааст ва ё баён шудааст, бояд муқоиса намуд.

8. Барои сабти гузориши нишасти матбуотӣ – сабти аудио, суратгирӣ, ҳуххатгузорӣ - ба таври дақиқ тайёрӣ дидан даркор аст.

9. Зоҳири кор ва воқеияти онро фарқ кардан лозим аст. Имкон надиҳед, ки Шуморо моту мабҳут созанд. Ҳангоми гузориши саволҳо хасур бошед.

10. Ҳамеша мустақил бошед.

**Дар нишастҳои матбуотӣ дар бораи чиҳо бояд донист?**

Марказҳо ва хадамоти матбуотии гуногун, шӯ ъбаҳои махсуси робита бо ҷомеа, ки тақрибан барои ҳамаи рӯзноманигорон кушодаанд, сарчашмаҳои муҳимтарини ахборанд. Ҳар як ташкилот ба он ҳавасманд аст,

ки обрӯ ю эътибори хешро нигоҳ дорад. Чунин бармеояд, ки аз он беҳтар чизи дигаре вуҷуд дорад?

**Саросема нашавед!** Ҳадафи кормандони ташкилот – ҳифз намудани манфиати хеш аст ва на кӯмак расондан ба рӯзноманигор дар боби навиштани ягон мақола

Вобаста ба соҳаи фаъолияти хеш, марказҳои матбуотӣ, одатан, ба якчанд намудҳо тақсим мешаванд:

1. Марказҳои матбуотии ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, ҳизбҳои гуногун ва ҳаракатҳои хамъиятӣ (сиёсат).
2. Марказҳои матбуотии сохтори бозаргонӣ, хамъиятҳои саҳмгузор, муассисаҳои гуногуни иқтисодию нақлиётӣ ва корхонаҳо (иқтисодӣ).
3. Марказҳои матбуотии намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ, сафоратҳою консулгоҳҳо (дипломатия).
4. Марказҳои матбуотии банкҳо, хазинаҳои молиявӣ ва биржаҳо (молия).
5. Марказҳои матбуотии театрҳо, толорҳои консертӣ, музейҳо, киностудияҳо (фарҳанг)
6. Марказҳои матбуотии хараёнҳои динӣ (дин)
7. Марказҳои матбуотии ВАУ
8. Марказҳои матбуотии муассисаҳои таълими умумӣ ва тиббӣ

**Қоидаҳои муҳимми ҳаётӣ**

**Аз дохили бинои идораатон берун бароед**

- берун аз бинои нашрияатон Шумо маълумоти бештар дарёфт хоҳед кард
- ахбореро, ки аз ҷои ҳодиса ба даст омадааст, ягон чизи дигар иваз карда наметавонад

**Ҳар қадар бо теъдоди бештари мардум гуфтугӯ мекунед, маводи нашри Шумо ҳамон қадар хубтар хоҳад буд.**

**Қобилияти ба суханони ҳамсӯҳбат гӯш андохтан – барои рӯзноманигор чизи муҳимтарин аст**

- гӯш андозед, ки оё дигарон чӣ мегӯянд
- гӯш андозед, ки онро эшон чӣ гуна нақл мекунанд
- гӯш андозед, ки онҳо дар бораи чӣ ҳарфе баён намекунанд

**Ба иборае, «чашму гӯшҳои» хонандагонатон бошед – дар бораи чизҳое, ки онҳо донистан мехоҳанд, саволҳо гузоред.**

**Гург агар аз қуввати пойҳояш ғизо ба даст оварад, рӯзноманигор ҳамчунин аз тариқи гӯшҳояш ба он ноил мешавад.**

**Машқҳо**

**Машқи 1.**

**Маводи сарчашмавӣ:** чанд намунаи мусоҳибаҳо бо амалдорони болонишини давлатӣ дар бораи лоиҳаи азнавсозии сохтори шабакавии нақлиёти кишвар.

**Маводи 1.** сароғози воқеъа

Раиси Хумҳурияти Абеседистон Султон Сулаймонов ним сол пештар азнавсозии сохтори шабакавии нақлиётиро барои иқтисоди миллии кишвар вазифаи аввалиндараха номид. Кормандони гуногуни давлатӣ аҳамияти дурнамои лоиҳаро чандин бор ба таъкид оварданд – дар нақшаи кӯ тоҳмуддат вай сад ҳазор ҷои кориро барои коргарон, барои аҳолии ин кишвари қашшоқи кӯ ҳистон ба вуҷуд меорад ва аммо дар нақшаи дурнамои дарозмуддат барои инкишоф ёфтани бозори умумимиллии молҳо ва захираҳои меҳнатӣ кӯмак хоҳад расонд, ки бемонеа аз як қисмати кишвар ба қисматҳои дигари он интиқол ёфта метавонанд.

Дар вақтҳои охир ахбори гуногун арзи вуҷуд карданд, ки онҳо дар хусуси таваққуфи воридшавии маблағи пардохт аз ҷониби ташкилотҳое, сармоягузори лоиҳаанд, ҳарф мезананд. Ғайр аз ин, дар бораи ҳихрати қувваҳои корӣ аз ин лоиҳа бар асари пардохт нашудани моҳонаи онҳо сухан меравад. Хадамоти БиБиСи ба забони русӣ ахиран хабар додааст, ки тибқи ҳолпурсии командони ин лоиҳа васоили молию пулӣ ва таххизоте, ки барои ин лоиҳа пебинӣ шудааст, аз ҷониби садрнишинони порахӯ ри ин лоиҳа ба яғмо мераванд.

**Шумо ҳамчун корманди рӯзномаи «Фактҳо ва хабарҳо» ба унвони Вазорати иқтисод ва молия дар бораи мусоҳиба бо вазири он Азамат Ашекеев дархост ирсол намудед. Моҳе гузашт ва дар ниҳояти кор, дар ҳафтаи гузашта Шумо аз идораи вазир посух гирифтед. Ба Шумо мусоҳиба бо ҷонишини вазир Эрмуҳаммад Абилович Абулаи таъин гардидаст. Барои ба ин мусоҳиба тайёр шудан Шумо панҷ рӯзвақт доштед.**

Ба ҳудуди вазорат дохил гардида, Шумо бо шиноси деринаатон вомехӯ ред. Ӯ бо яке аз хешу таборатон издивох намудааст ва Шумо дар муддати даҳ сол бо вай шиносоӣ доред. Ба ӯ дар бораи ҳадафи ташрифатон нақл мекунед ва Шуморо ба утоқи кориаш барои чойнӯ шӣ даъват мекунад. Азбаски Шумо ҳанӯз то оғози мусоҳиба15 дақиқа вақт доред, розигӣ медиҳед. Бо Шумо як ба як монда, шиносатон нақл мекунад, ки ҳангоми тақсими пудрати кор барои ба анҷомрасонидани корҳои сохтмонӣ ва роҳсозӣ аз рӯи лоиҳа афзалият ба ширкати сохтмоние дода мешавад, ки бо «оилаи» президент иртиботи зич дорад. Бароятон маълум аст, ки шиосатон – шахси поквиҳдон аст. Чанд сол аст., ки ӯ дар вазорат дар ҳамон як вазифаи на он қадар баланд кор мекунад. Бо назардошти он ки сӯҳбататон ғайрирасмист, Шумо ягон чизеро ҳамчун қайд наменависед.

**Маводи 2. Мусоҳиба, намуди 1.**

**Мусоҳиб:** Оё рост аст, ки лоиҳа комилан дар мувофиқатӣ бо нақшаи иҷрои кор амалӣ мегардад?

**Ҷонишини вазир:** Бале, чунин аст. Президент Сулаймонов ва ҳукумат баҳри он талош доранд, ки лоиҳаи азнавсозии сохтори шабакавии

нақлиёт (АСШН) ҳадафҳои асосии корро ба сомон расонда, нигаронии моро аз он ба амал оварад.

Фаъолияти собитқадаму созандагии президент ва ҳукумат ба сӯи шукуфоии минбаъдаи кишвари бузургамон мувохеҳ аст. Ҳар гуна давлати мутамаддини олам ба сохтори инкишофёфтаи шабакаи нақлиёт эҳтиёх дорад. Бе вуҷудияти он фаъолияти босамари иқтисодӣ ҷой дошта наметавонад. Рӯ зе мерасад, ки фарзандони мо аз Абесидибад ба ягон шаҳри дигари калони кишвар ба мисли амрикоиҳое, ки аз Вашингтон ба Нью-Йорк ва японихо аз Токио ба Осака ба осонӣ ва зудӣ мерасанд, сафар хоҳанд кард. Мо ин рӯ зро бесаброна интизорем.

**Мухбир:** Оё дар амалӣ сохтани лоиҳа ягон душворие вуҷуд дорад?

**Ҷонишини вазир:** Мо кори хеле вазнинро бар дӯ ш гирифтем, аммо таҳти роҳбарии ҳакимона ва ғамхоронаи президент ва вазири иқтисод мо тамоми машокилро бартараф мекунем.

**Мухбир:** Шумораи кормандоне, ки дар амалӣ сохтани лоиҳа машғуланд, чӣ қадар аст?

**Ҷонишини вазир:** Чуноне ки ба нақша гирифта шудааст, марҳилаи аввали лоиҳа, ки дар моҳи январи соли ҷорӣ оғоз ёфт, истифода аз меҳнати 40 ҳазор коргаронро барои сохтмони шоҳроҳи Абеседибад – Алефибад ва инчунин ба таври илова - 20 ҳазори дигарро барои сохтмони қитъаи кӯ ҳии шоҳроҳи Абеседибад – Бебад аз тариқи қаторкӯ ҳҳои Марказӣ дар назар дорад. Дар доираи марҳилаи дуюми он, ки дар моҳи оянда шурӯ ъ мешавад, 40 ҳазори дигарро аз рӯи минтақаҳо ба кори мазкур ҷалб хоҳем кард. Дар кишвари мо то кунун ягон лоиҳае ба ин дараха ҷойҳои зиёди кориро ба вуҷуд наоварда буд. Лоиҳаи АСШН унсури асосии барномаи «Ба Абесидистон – барои кор», ки аз ҷониби президент эълом ёфтааст, ба шумор меравад. Мутаассифона, дар солҳои охир дар робита бо машокили иқтисодӣ аҳолӣ имкон надошт, ки маҳорат ва қобилияти касбиро ба таври воқеӣ аз худ намояд. Барои ҳамин ҳам барнома на танҳо ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ, балки тайёр ва азнавтайёрунии кормандонро дар назар дорад, то ки ба василаи он ширкати пурраи аҳолиро дар иқтисоди оянда ва воридшавии Абесидистонро дар ҷомеаи умумихаҳонӣ таъмин намояд. Кишвари мо дигар аз ҷумлаи «хешовандони қашшоқи» олами мутамаддин боқӣ нахоҳад монд.

**Мухбир:** Маблағгузории лоиҳа чӣ гуна сурат мегирад?

**Ҷонишини вазир:** Давлати мо дар асоси меъёрҳои ҷомеаи байналхалқӣ ва дини ислом бунёд ёфта, амал менамояд. Президент Сулаймонов аз тариқи демократӣ дар натиҷаи овоздиҳии озод ва кушоди шаҳрвандон дар пеши назари ҷомеаи хаҳонӣ интихоб шуда буд. Аз ин рӯ , Абесидистон дӯ стони зиёдеро пайдо намуд, ки мехоҳанд ба ӯ дасти кӯмак дароз кунанд. Лоиҳаи АСШН дар давоми кори конфронси давлатҳои маблағгузори Абеседистон, ки моҳи январь дар Пекин баргузор шуда буд, ба мувофиқа расид. Ҳамоҳангсозии лоиҳаро Кумитаи ҳамоҳангсозии Бонки

хаҳонӣ ба ӯ ҳда мегирад. Кишварҳои ИМА, Олмон, Япония ва Шветсия маблағгузоранд. Нархи умумии лоиҳа 300 млн. доллар аст.

**Мухбир**: Муносибатҳо бо маблағгузорон чӣ гуна сурат мегирад? Тибқи қарори Зеркумита доир ба интиқоли технология 5% тамоми маблағҳое, ки маблағгузорон ваъда намудаанд, барои созмон додани корхонаҳои муштарак миёни ширкатҳои абеседистонӣ ва хориҷӣ  сарф хоҳад шуд. Бошишгоҳи Кумита на дар пойтахт, балки дар шаҳри Алефибад қарор гирифтааст. Ин ба хотири он аст, ки тақсимоти баробари захираҳои лоиҳа дар ҳудуди кишвар таъмин ёбад. То ҳоло Кумита барои ташкил додани 37 корхонаҳои муштарак дар чунин соҳаҳо, монанди таъмиру тармими таҷҳизоти роҳсозӣ-сохтмонӣ, шабакаҳои бензинфурӯ шӣ, ҳамчунин муассисаҳои хадамотии меҳмонхонаю ресторанӣ дар паҳлӯ ҳои шоҳроҳи автомобилӣ иҷозат додааст. Нархҳои ин хадамот бояд барои одамони оддие, ки аз роҳҳои нав истифода мебаранд, дастрас бошанд.

**Мухбир**: Моҳонаи коргарон чӣ қадар аст?

**Ҷонишини вазир:** Коргарони беихтисос дар як рӯз180 сом ва ё 5 доллар мегиранд. Ин пули хеле калон ва барои онҳое, ки дар ҳолати акс маҷбур мешуданд, ба бекорӣ гараванд,  пули ҷолиб аст. Табиист, ки мо мехостем онҳо моҳонаи бештар гиранд, аммо зарур аст, ки баъзе мувозинати муайян риоя шаванд – аз як тараф, ба коргарон пули қобили қабул дода шавад ва аз ҷониби дигар, миқдори зиёдтари шаҳрвандон бо кор таъмин гарданд, то ки лоиҳа барои аҳолӣ манфиати бузургтар дода тавонад. Лоиҳаи АСШН ҳамчунин ба шумораи зиёди кадрҳои баландихтисос ниёз дорад. Дар якҷоягӣ бо Комиссиюни давлатӣ доир ба ҷалб намудани мутахассисон мо барномаеро дар хусуси бозгардонидани кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ аз хориҷи кишвар корбаст намудем ва дар ҳоли ҳозир онро мавриди таҳаққуқ қарор додаем. Кормандону роҳбарони аъмоли ҳандасӣ, бешак, бояд моҳонаи ба рақобат тобовари дараҷаи байналхалқӣ дошта бошанд.

**Мухбир:** Оё дар масъалаи пардохти моҳона ягон мушкилие ҷой дорад?

**Ҷонишини вазир:** Ин бофтаи онҳоест, ки мехоҳанд кишварамонро бадном кунанд ва дар ҷомеа мухолифат ворид сохта, бародарии халқҳои бузургро, ки маскани Абеседистонанд, вайрон созанд.Ба рӯзноманигорон вохиб нест, ки дурӯғ ва бофтаҳои хаёлиро интишор бидиҳанд.

**Мухбир:** Маъзарат мехоҳам. Ба итмом расидани азнавсозии қитъаи аввали шоҳроҳи автомобилҳо кай дар назар дошта шудааст?

**Ҷонишини вазир:** Қитъаи аввали шоҳроҳи мошингардӣ, ки Абесибадро бо Алефибад мепайвандад, дар ҳадди тамомшавӣ аст. Он 40 км роҳи мумфарш аст, ки ҳангоми обхезӣ вайрон шудааст. Сохтмони ниҳоии шоҳроҳ баъди як моҳ ба нақша гирифта шудааст. Дар ҳамин вақт ифтитоҳи тантанавии шоҳроҳи мошингардӣ аз ҷониби президент Сулаймонов дар назар дошта мешавад. (Дар ҳамин лаҳза ба утоқи корӣ котиба ворид шуда, эълон мекунад, ки намояндаи Бонки умумихаҳонӣ ташриф овардааст).

**Ҷонишини вазир**: Маро бубахшед, аммо ман бояд ба корам машғул шавам. Мусоҳиба анҷомёфт. Умед дорам, ки Шумо ахбори бароятон муҳимро ба даст овардед.

**Мухбир**: Ҳа, албатта. Ташаккур! То боздид!

**Маводи 3. Мусоҳиба, намунаи 3**

**Мухбир:** Чанд соли нобаробариҳои иқтисодиро паси сар намуда, мардуми заҳматкашидаи Абеседистон ба шароити хуб ва ҳақиқии маишати инсонӣ сазовор гашт, ки ба он азнавсозии умумии шоҳроҳҳои кишвар низ мусоидат намуданд. Амалӣ гаштани ин лоиҳа чӣ тавр идома дорад?

**Ҷонишини вазир:** Президент Сулаймонов ва ҳукумат тамоми чораҳоро меандешанд, ки лоиҳаи АСШН тамоми ҳадафҳои ба нақша гирифташударо ба иҷро расонда, умедвориамонро аз он ба субут расонем. Фаъолияти собитқадаму созандагии президент ва ҳукумат бар он мувохеҳанд, ки кишвари бузурги мо аз сари нав битавонад, ки дар фазои ягонагӣ, сулҳ ва беҳбудии рӯ згор ҳаёт ба сар барад. Ҳар гуна давлати мутамаддини олам ба сохтори инкишофёфтаи шабакаи нақлиёт эҳтиёх дорад. Рӯ зе мерасад, ки фарзандони мо аз Абесидибад ба ягон шаҳри дигари калони кишвар ба мисли амрикоиҳое, ки аз Вашингтон ба Нью Йорк ва япониҳо аз Токио ба Осака ба осонӣ ва зудӣ мерасанд, сафар хоҳанд кард. Мо ин рӯ зро бесаброна интизорем.

**Мухбир:** Лоиҳа аллакай чанд моҳ аст, ки мавриди таҳқиқ қарор мегирад, аммо то кунун ягон шоҳроҳе аз нав сохта нашудааст. Чаро?

**Ҷонишини вазир:** Шоҳрохро дар давоми чанд рӯзва ҳатто чанд ҳафта сохтан мумукин нест. Ҳадафҳо бояд воқеӣ бошанд. Қитъаи аввали шоҳроҳи мошингардӣ, ки Абесибадро бо Алефибад мепайвандад, дар ҳадди тамомшавӣ аст. Он 40 км роҳи мумфарш аст, ки ҳангоми обхезӣ вайрон шудааст. Сохтмони ниҳоии шоҳроҳ баъди як моҳ ба нақша гирифта шудааст. Дар ҳамин вақт ифтитоҳи тантанавии шоҳроҳи мошингардӣ аз ҷониби президент Сулаймонов дар назар дошта мешавад.

**Мухбир:** Кишвари мо солҳои дароз барои озодӣ мубориза бурд. Сӯ йистеъмоли иқтисод ба қашшоқ шудани миллионҳо одамон расонд. Теъдоди зиёди онҳо ба натихае расиданд, ки аз кишвар ҳихрат намуда, дар хориҷи он ҳаёти навро барпо созанд. Аммо акнун маълум мешавад, ки тамоми саъю кӯ шишҳои мо зоеъ ва барабас рафтаанд. Кӯмаки иқтисодии хориҷӣ барои аҳолӣ ягон манфиати таъсирбахше наовард. Барқарор намудани назорат аз болои Абеседистон ягона ҳадафи абарқудратҳои Ғарб аст, ҳама вақт чунин ҳол будааст.

**Ҷонишини вазир:** Чуноне ки президент Сулаймонов чандин бор қайд кард, кӯмаки ҷомеаи хаҳониро бо дахолат ба корҳои дохилии кишвар яксон донистан ғалат аст. Ин бофтаҳои бемаънии бадхоҳон аст. ИмрӯзАбеседистон давлати озод, мустақил ва демократӣ аст. Мо тамоми саъйамонро барои барқарор намудани кишвар ва ба фаромӯшӣ бурдани машаққатҳо ва тирарӯ зиҳои гузашта равона мекунем. Абеседистон узви

арзандаи ҷомеаи давлатҳои озод аст, барои ҳамин вай дӯ стони зиёд дорад, ки тайёранд кӯмакашонро пешкаш намоянд. Мо кӯмаки хориҷиро ба шарте қабул мекунем, ки ҳуқуқи тақсимнашавандаи мо барои худмуайянкунӣ ҳифз гардад. Агар мо эҳсос кунем, ки давлат ва ё ташкилоти хориҷие бо баҳонаи кӯмаки молиявӣ мехоҳад ба умури дохилии Абеседистон дахолат намоянд, мо аз чунин кӯмак даст кашида, аз чунин ташкилот хоҳиш мекунем, ки кишварамонро тарк намояд.

**Мухбир:** Дар халасаи таъхилии умумимиллӣ, ки ба наздикӣ баргузор гашт, вакилони мардуми Абеседистон якдилона ришвахӯ риро дар намудҳои гуногуни он маҳкум карда, онро сабаби ҳамаи бадбахтиҳои мо номиданд. Дар айни замон, маълум аст, ки ҳангоми дар амалия таҳқиқ намудани ин лоиҳа ҳукумат бо ташкилотҳои пудратии муайян, ки ба доираи президент наздиканд, забон як кардаанд. Маблағҳои пулӣ бошад, чуноне ки маъмул аст, дар ҳисобҳои бонкии Швейтсария хобанд. Магар ин хиёнат ба манфиатҳои халқҳои Абеседистон нест?

**Ҷонишини вазир:** Ҳукумати мо ҳех гоҳ бо ташкилотҳои пудратӣ дар муносибатҳои махфӣ ворид набуд ва намешавад. Созишномаҳо дар бораи сохтмон ва азнавсозии роҳҳо дар асоси тендери софдилона ва кушод тақсим мегарданд, ки онҳо таҳти назорати ҷиддӣ қарор мегиранд.

**Мухбир:** Ин маънои онро дорад, ки Шумо гуфтаҳои ҳоло баёншудаамро рад мекунед?

**Ҷонишини вазир:** Қотеъан рад мекунам.

(тақрибан 5 сония сукут меварзанд)

**Мухбир:** Аммо маълум аст, ки моҳонаи коргаронро намедиҳанд ва қисмати асосии маблағҳои пулӣ дар кисаҳои амалдорони давлатӣ боқӣ мемонанд. Онҳо мошинаҳои хидматиро ҳамчун мошинҳои шахсӣ истифода мебаранд ва бо ҳашамат зиндагӣ мекунанд. Агар танҳо бо як моҳонаашон умр ба сар мебурданд, чунин ҳашаматро барояшон раво намедонистанд. Кай ба дуздиҳо хотима дода мешавад?

**Ҷонишини вазир:** Оё айбдоркуниҳои Шумо ягон асосе доранд?

**Мухбир:** Ин далели воқеии барои ҳама маълум аст. Рад кардани он маънӣ надорад.

**Ҷонишини вазир:** Дар ҷомеа қувваҳое вуҷуд доранд, ки бӯ ҳтонҳои бадхоҳиро ба хотири вайрон намудани ягонагии миллӣ интишор медиҳанд. Ин қувваҳо бо воқеияте оштипазир нестанд, ки халқи Абеседистон охируламр имконияти муттаҳидшавӣ ва интихоб намудани роҳбарони ҳақиқатан халқиро пайдо намуд. Вазифаи рӯзноманигорон аз паҳн кардани ғояҳои дуруст ва ахбори саҳеҳ дар бораи маишат дар Абеседистон иборат аст. Мо тобу тоқати тӯҳмат ва даъвоҳои беасоси бадхоҳонаро надорем. Ман хавоб додан намехоҳам, ки…

**Мухбир**: Аз ҷавоби савол кӯшиши гурехтан доред…

**Ҷонишини вазир:** Тамом, мусоҳиба ба анҷомрасид. Дар бораи ба чоп додани он фикр ҳам накунед!

**Маводи 4. Мусоҳиба, намунаи 3.**

**Мухбир:** Эрмуҳаммад Абилович, то ҷое, ки ман медонам, Шумо имконияти дар Сурия кор карданро пайдо намуда будед. Дар он ҷо ба чӣ кор машғул будед? Ба корҳои сохтмони биноҳо?

**Ҷонишини вазир:** Ин лаҳзаҳо дар давраи хеле дур буданд. Ман ҳақиқатан дар он ҷо 12 сол ба ҳайси муҳандиси сохтмон кор кардам.

**Мухбир**: Ман ҳам як вақтҳо дар як ташкилоти хамъиятие, ки роҳбараш як доктори суриягӣ буд, кор карда будам. Ман ҳатто бо забони арабӣ каме ҳарф заданро ёд гирифтам, аммо лаҳҳаи суриягӣ барои фаҳмиш хеле душвор аст.

**Ҷонишини вазир:** Бале, барои ба он одат кардан вақти тӯлонӣ лозим аст. Ман танҳо баъди чандин соли кориам суриягиҳоро мефаҳмидагӣ шудам, аммо на ҳамеша. Дар доираи сӯҳбат бо мутахассисони хориҷӣ мо асосан ба забони франсавӣ ҳарф мезадем.

**Мухбир**: Ман ба франсавӣ хуб мехонам, аммо ҳанӯз бехуръатона сухан меронам.

**Ҷонишини вазир:** Боке нест! Шумо ҳанӯз хавонед. Ёд мегиред.

**Мухбир**: Ман ҳам чунин умед дорам.

(лаҳзаи таваққуф)

**Мухбир**: Қабл аз он ки ба мусоҳиба шурӯ ъ намоем, лутфан донистани номи пурра ва вазифаатонро мехостам.

**Ҷонишини вазир:** Эрмуҳаммад Абилович Абулаи, доктори илмҳои техникӣ. Вазифаам – ҷонишини аввали вазири иқтисод, роҳбари лоиҳаи АСШН.

**Мухбир**: Барои ношинос буданам маъзарат мехоҳам, аммо бигӯед, ки АСШН чӣ маънӣ дорад?

**Ҷонишини вазир:** Лоиҳаи умумиллӣ дар бораи **азнавсозии сохтори шабакаи нақлиёт.** Ин номи расмии лоиҳа мебошад, ки дар забони мардум он номи «Лоиҳаи роҳ»- ро гирифтааст.

**Мухбир**: Бо иҷозати  Шумо, мехостам ба як саволи дигар рӯ шанӣ андозед: оё Шумо розиед, ки ҳар сухане, ки дар ин ҷо баён мекунед, расмӣ аст?

**Ҷонишини вазир:** Он чӣ маънӣ дорад?

**Мухбир:** Ин маънои онро дорад, ки ман ҳангоми қайди гуфтор менависам: «Ҷонишини вазири иқтисод Эрмуҳаммад Абулаи фалону фалон чизҳоро баён кард» ва на шахси беном мисли «намояндаи Вазорати иқтисод» зикр мешавед.

**Ҷонишини вазир:** Ҳмм... Ва маводи сӯҳбат дар куҷо ба чоп мерасад?

**Мухбир**: Ман дар бораи дурнамои инкишофи иқтисодиёти Абеседистон якчанд мақола менависам. Ин мақола дар шакли пуррааш ба хохагии роҳсозӣ бахшида мешавад. Он рӯ зи панҷшанбе дар рӯзномаи «Фактҳо ва ахбор» дар фасли «Иқтисод»- и он ба чоп хоҳад расид.

**Ҷонишини вазир:** Оё ман бо мақолаатон пеш аз он ки ба чоп дода шавад, шинос шуда метавонам? Ба хотириислоҳи хатоҳо, камбудиҳо?

**Мухбир**: Узри бисёр мехоҳам, аммо ин зидди қоидаҳои нашриёти мост. Мо метавонем ба тарзи зерин рафтор намоем: агар дар давоми сӯҳбат Шумо хоҳиши аз кадом як ифодаҳоятон даст кашиданро пайдо кунед ва ё изҳороти ғайрирасмӣ додан хоҳед, ин қобили қабул аст. Ва агар дар нисбати ягон маълумоти техникӣ ман шубҳа пайдо кунам, ман ҳатман онро то ба чоп додани маводи нашр аз Шумо пурсон мешавам. Ин вазифаи ман - ҳамчун рӯзноманигори касбӣ аст.

**Ҷонишини вазир:** Майлаш.

**Мухбир**: Шояд Шумо барои сарсухан дар бораи лоиҳа ба таври мухтасар нақл мекардед?

**Ҷонишини вазир:** Президент Сулаймонов ва ҳукумат тамоми чораҳоро меандешанд, ки лоиҳаи АСШН ба ҳамаи ҳадафҳои муқарраршуда бирасад ва умедвории моро аз он ба сомон расонад. Фаъолияти устувори созандагии президент ва ҳукумат ба сӯи шукуфоии минбаъдаи кишвари бузургамон мувохеҳ аст. Ҳар гуна давлати мутамаддини олам ба сохтори инкишофёфтаи шабакаи нақлиёт эҳтиёх дорад. Бе вуҷудияти он фаъолияти босамари иқтисодӣ ҷой дошта наметавонад. Рӯ зе мерасад, ки фарзандони мо аз Абесидибад ба ягон шаҳри дигари калони кишвар ба мисли амрикоиҳое, ки аз Вашингтон ба Нью Йорк ва японихо аз Токио ба Осака ба осонӣ ва зудӣ мерасанд, сафар хоҳанд кард. Мо ин рӯ зро бесаброна интизорем.

**Мухбир:** Оё дар амалӣ сохтани лоиҳа ягон душворие вуҷуд дорад?

**Ҷонишини вазир:** Мо кори хеле вазнинро бар дӯ ш гирифтем, аммо таҳти роҳбарии ҳакимона ва ғамхоронаи президент ва вазири иқтисод мо тамоми машокилро бартараф мекунем.

**Мухбир**: Мушаххасан, бо кадом мушкилот рӯ ба рӯ мешавед? Масалан, маълум аст, ки ирсоли маблағҳои пулие, ки маблағгузорон дар Конфронси Пекин ваъда карда буданд, ба таъхир мондааст.

**Ҷонишини вазир:** Ҳақиқатан, маблағҳои пулӣ нисбат бар он ки мо интизорем, дертар ворид мегарданд, аммо мо шакке надорем ва маблағҳо ворид шуда, анҷоми лоиҳа аз рӯи нақшаи кор хоҳад буд. Ҷомеаи байналхалқӣ кӯмаки хешро барои Абеседистон ваъда кардааст ва мо боварӣ дорем – дӯ стонамон моро фиреб нахоҳанд дод.

**Мухбир**: Чуноне ки ба нақша гирифта шудааст, марҳилаи аввали лоиҳа, ки дар моҳи январи соли ҷорӣ оғоз ёфт, истифодаи меҳнати 40 ҳазор коргаронро дар сохтмони шоҳроҳи Абеседибад – Алефибад ва инчунин ба таври илова - 20 ҳазори дигарро дар сохтмони қитъаи кӯ ҳии шоҳроҳи Абеседибад – Бебад аз тариқи қаторкӯ ҳҳои Марказӣ дар назар дорад. Дар доираи марҳилаи дуюми он, ки дар моҳи оянда шурӯ ъ мешавад, 40 ҳазори дигарро аз рӯи минтақаҳо ба кори мазкур ҷалб хоҳем кард. Дар кишвари мо то кунун ягон лоиҳае ба ин дараха ҷойҳои зиёди кориро ба вуҷуд наоварда буд. Лоиҳаи АСШН унсури асосии барномаи «Ба Абесидистон – барои кор», ки аз ҷониби президент эълом ёфтааст, ба шумор меравад. Мутаассифона, дар солҳои охир дар робита бо машокили иқтисодӣ аҳолӣ

имкон надошт, ки маҳорат ва қобилияти касбиро ба таври воқеӣ аз худ намояд. Барои ҳамин ҳам барнома на танҳо ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ, балки тайёр ва азнавтайёрунии кормандонро дар назар дорад, то ки ба василаи он ширкати пурраи аҳолиро дар иқтисоди оянда ва воридшавии Абесидистонро дар ҷомеаи умумихаҳонӣ таъмин намояд.

**Мухбир**: Оё таъхир ёфтан дар воридшавии пули маблағгузорон дар боби пардохти моҳонаи коргарон ягон мушкилиеро ба вуҷуд намеоварад?

**Ҷонишини вазир:** Танҳо як чизро мегӯ ям, ки то ҳоло ягон коргаре барои нагирифтани моҳонааш аз кор озод нашудааст.

**Мухбир**: Эрмуҳаммад Абилович, оё Шумо барномаеро аз «БиБиСи» гӯш накардаед?

**Ҷонишини вазир:** Кадом барномаро?

**Мухбир**: Панҷшанбе ва ё хумъаи гузашта «БиБиСи» барномаеро ба забони русӣ пахш кард. Мухбирон дар қитъаи Абеседибад – Алефибад бо коргарон сӯҳбат намудаанд. Онҳо гуфтаанд, ки аллакай се ҳафта кор мекунанд, аммо ҳанӯз ягон бор пул нагирифтаанд. Ба онҳо ваъда кардаанд, ки дар охири ҳафтаи аввал ба онҳо як маблағи муайянро медиҳанд, то ки онро ба хонаҳояшон барои оилаҳояшон ирсол карда тавонанд.

**Ҷонишини вазир:** А, ин барномаро дар назар доред... Худам гӯш накардам, аммо дар бораи он бароям ҳикоят карданд.

**Мухбир**: Оё далелҳои дар он овардашуда дурустанд?

**Ҷонишини вазир:** Ба гумонам, дар он ҷо баъзе кахфаҳмиҳо ҷой доранд. Воқеан бошад, мо низоми пардохти ҳаққи меҳнати коргаронро тағйир додем. Дар ибтидо мо ният доштем, ки ҳар рӯ зи панҷшанбе, чуноне ки дар кишварамон маъмул аст, ҳаққи кори коргарони оддиро пардохт намоем. Ҳангоми ба кор қабул шуданашон мо ба ҳар яки онҳо 50 долларӣ додем, аммо баъд бо сабабҳои гуногун маҷбур шудем, ки ба пардохти ҳармоҳаи ҳаққи корашон гузарем. Дар қитъаи шоҳроҳе, ки Шумо зикр кардед, моҳи аввал ҳанӯз ба итмом нарасидааст, барои ҳамин моҳонаи коргарон ҳанӯз ҳисобӣ нашудааст.

**Мухбир**: Пас, бо кадом сабаб ба пардохти ҳармоҳа гузаштед?

**Ҷонишини вазир:** Асосан бо сабабҳои хусусияти техникӣ дошта, ки ба идоракунии бюхети лоиҳа иртибот дорад.

**Мухбир**:Оё гуфтан ҷоиз аст, ки яке аз чунин сабабҳо таъхир ёфтани воридшавии пулҳои маблағгузорон аст?

**Ҷонишини вазир:** Назорат аз болои воридоти молиявӣ – бахши муҳимтарин дар идоракунии ҳар гуна лоиҳа аст. Агар мӯ ҳлати воридшавии маблағҳо вайрон шуда бошад, табиист, ки дар бахши хароҷоти молиявӣ тасҳеҳот ворид хоҳанд гашт.

**Мухбир**: Чунин бармеояд, ки ин ҷавоби мусбат ба саволи ман аст.

**Ҷонишини вазир:** Агар дар ихтиёри мо ҳамаи он маблағҳое, ки бароямон дар Пекин ваъда карда буданд, мебуданд, ба гумон аст, ки мо бо ин роҳ мерафтем.

**Мухбир**: Шумо гуфтаниед, ки сохтори пардохти ҳаққи меҳнатро дигар намекардед?

**Ҷонишини вазир:** Бале.

**Мухбир**: Оё Шумо андеша накардаед, ки гуфтаи коргарон - ҳангоме ки онҳо дар бораи нагирифтани пулашон шикоят мекунанд, аз нигоҳи худашон рост аст. Чаро ки аз нуқтаи назари эшон асли кор чунин аст.

**Ҷонишини вазир:** Ҳоло давраи хеле вазнин аст. Низоми кӯ ҳна барҳам хӯ рд ва он бӯ ҳрони иқтисодиеро ба вуҷуд овард, ки оқибатҳои он то ҳанӯз ҳис карда мешаванд... Аммо ман боварӣ дорам, ки дар охири моҳ мо тамоми машокили молиявиро ҳаллу фасл хоҳем кард.

**Мухбир**: Маълум аст, ки лоиҳа аз ҷониби ИМА, Олмон, Япония ва Шветсия маблағгузорӣ мешавад. Кадоми ин кишварҳо дар таъхири маблағгузорӣ саҳм дорад?

**Ҷонишини вазир:** Инро ман гуфта наметавонам

**Мухбир**: Шведҳо ва олмониҳо дар масъалаи риоя кардани мӯ ҳлати маблағгузорӣ обрӯ ю эътибори устувор доранд. Боқӣ - амрикоиҳо ва япониҳоянд...

**Ҷонишини вазир:** Ман дар ин бора бароятон сухане надорам.

**Мухбир**: Ханоби Абулаи, ман дарк мекунам, ки дар муносибат бо маблағгузорон бояд рафтори дипломатӣ дошт, вале, ба ҳар ҳол, шояд Шумо ба саволам посухи ғайрирасмӣ дода метавонед? Ин хабарро ман таҳти ифодае ҷо мекунам, ки онро гӯё ман аз «намояндаи болонишини Вазорати иқтисод, ки хоҳиши фош нашудани номашро кардааст», фаҳмидам.

**Ҷонишини вазир:** Агар Шумо «болонишин» ишора намоед, аз мазмуни матнатон дарҳол маълум мегардад, ки сухан дар бораи ман меравад.

**Мухбир**: Набошад, шояд – «як корманди давлатӣ, ки аз рӯи фаъолияти хеш ба лоиҳа иртибот дорад» нависам?

**Ҷонишини вазир:** Хуб, майлаш, бигзор чунин бошад. Як амалдори давлатие, ки аз рӯи фаъолияти хеш бо лоиҳа иртибот дорад, гуфт, ки пардохти ҳаққи корро амрикоиҳо ба таъхир мемонанд.

**Хабарнигор:** Оҳо, маълум мегардад, ки амрикоиҳо будаанд. Ба ҳадде, ки ман маълумот дорам, Америка маблағгузори калонтарини лоиҳа аст, ки аз 300 миллион 125-тои онро медиҳад.

**Ҷонишини вазир:** Комилан дуруст аст.

**Хабарнигор:** Чанд вақт таъхир мекунанд ва чӣ қадар маблағро то ҳоло надодаанд?

**Ҷонишини вазир:** Дар ин хусус ман дигар ҳарф задан намехоҳам. Бе ин ҳам ман бароятон хеле зиёд гуфтам.

**Хабарнигор:** Хуб, майлаш. Пас, биёед дар бораи ҳадафҳои лоиҳа сӯҳбат кунем. Маълум аст, ки барои кишвар низоми муосири шабакаҳои нақлиёт заруранд, аммо барои чӣ президент Сулаймонов ба қароре омад, ки онро ба вазифаи аввалиндараха мубаддал созад.

**Ҷонишини вазир:** Он тафсироти зиёде дорад. Қабл аз ҳама, дар кишвари мо аз як ҷо ба ҷои дигар сафар намудан хеле душвор аст. Амалдорони давлатӣ ва хориҷиён маҷбуранд, ки ба шаҳрҳои калони хумҳурӣ аз Абеседибад тавассути тайёра сафар кунанд. Одамони оддӣ чӣ кор кунанд? Дар як ҷо ба хотири он қарор гиранд, ки тайёраро иҷора гирифта наметавонанд? Сонияи, миллионҳо одамон таъхилан ба ҷои кор ниёз доранд, то ки ба по хезанд. Мардуми мо бовиқоранд ва садақа намепурсанд. Ба одамон танҳо имкони пулкоркуниро барои маишати рӯзгор додан даркор аст, то ки оилаашонро таъмин намуда, ҳаёти хуб ва ором дошта бошанд. Лоиҳаи шоҳроҳ хароҷоти меҳнатии бузургро тақозо дорад. Аз маблағи пулии 300 миллион долларе, ки маблағгузорон ваъда кардаанд, мо метавонем, ки ҳаққи кории тақрибан сад ҳазор кормандонро пардозем, яъне манфиати асосиро аз лоиҳа бештар аз як миллион аҳолии кишварамон ба даст меоранд. Сеюм, шабакаи нақлиёт – ин воситаи муттаҳид сохтани миллат аст. Як насли пурраи абеседистонӣ дар ҳоле ба воя расид, ки имкони озодонаи сафарро аз як нуқта ба нуқтаи дигари кишвар надошт. Ин маънои онро дорад, ки одамон дар манотиқи хеш худо аз дигарон буданд. Аз ин ҷо, тамоил ба сӯи ташаккулёбии ҳокимиятҳои марказии маҳаллӣ ва ногузир тақсимшавии давлат ба вухд меомад. Чаҳорум, лоиҳа интиқол ёфтани технологияро таъмин менамояд. Дар лоиҳа теъдоди бузурги захираҳои меҳнатии беихтисос фаъолият доранд, ғайр аз ин мо мутахассисони хориҷӣ - ҳамватанонамонро, ки як вақте кишварамонро тарк гуфтаанд, ба он ҷалб мекунем. Онҳо - муҳандисон, муҳосибон ва роҳбарони дарахаҳои гуногун мебошанд, ки роҳбарӣ намудан ва назорати муносибро аз болои лоиҳа таъмин хоҳанд кард.

**Хабарнигор:** Он чӣ гуна ба даст оварда мешавад? Ватандӯстӣ – ватандӯстӣ аст, аммо чуноне ки бароятон маълум аст, дар хориҷа барои меҳнати баландихтисос пули хеле бисёр медиҳанд. Шумо дар Сурия кор кардаед ва онро худатон медонед. Оё Шумо тайёр ҳастед, ки чунин миқдори пулро барои ҳаққи меҳнат пардохт мекунед?

**Ҷонишини вазир:** Мо ба онҳо ними он моҳонаеро, ки онҳо дар хориҷа мегиранд, дода метавонем, аммо дар назар доштан лозим аст, ки барои онҳо монанди абеседистониҳо арзиши зиндагӣ дар ин ҷо нисбат ба хориҷиҳо арзонтар аст. Маъмул аст, ки гӯё шахси ахнабӣ пули бештар дорад, барои ҳамин барои онҳо ҳама чиз қиматтар аст, аммо абеседистонӣ - ҳамеша одами худӣ аст. Сонияи, ин кор барои онҳо бо машаққатҳо ва ногувориҳои калон иртибот надорад. Онҳо бо як шавқи бузург ба ватанашон бозмегарданд, фақат барои онҳо ин имкониятро таъмин намудан даркор аст. Маҳз дар ҳамин маврид Зеркумита доир ба интиқоли технологияҳо ба фаъолият шурӯ ъ мекунад.

**Хабарнигор:** Оё он хазинаи корхонаҳои муштарак нест?

**Ҷонишини вазир:** Оре. Шумораи зиёди ҳамватанони мо таҷрибаи кориро дар хориҷа касб кардаанд. Аз 300 миллионе, ки барои лоиҳа худо шудааст, 15 фоизи он ба ихтиёри ин хазина вогузошта мешавад ва вай ин

маблағро ҳамчун саҳмияҳо бар ивази пакетҳои аз назорат хориҷбудаи корхонаҳои нав, ки вобаста ба азнавсозии хохагиҳои роҳсозӣ бунёд мегарданд, худо мекунад. Ин - ҳам нуқтаҳои бензинфурӯ шӣ, ҳам марказҳои таъмири таххизот ва ғайраанд. Ғайр аз ин, маблағгузорҳо кафолат медиҳанд, ки бизнес-лоиҳаҳое, ки аз ҷониби Зеркумита доир ба интиқоли технология маблағгузорӣ мешаванд, барои дар оянда гирифтани сармоягузории иловагие, ки барои соҳаи хохагиҳои шахсӣ худо мешавад, ҳуқуқи имтиёзнок пайдо мекунанд. Мутахассисони абеседистоние, ки ба ватан баргашта, дар идоракунии лоиҳа ширкат меварзанд, бевосита барои таъмини маблағ ариза дода метавонанд. Умуман, дар доираи ин лоиҳа мо дар назар дорем, ки садҳо мутахассисони абеседистониро ҳамроҳи оилаашон ба ватан бозгардонем. Мо  пешбинӣ мекунем, ки бисёрии онҳо дар лоиҳа ба муддати аз шаш моҳ то як сол кор карда, корхонаҳои шахсии хешро созмон хоҳанд дод.

**Хабарнигор:** Аллакай чӣ қадар чунин корхонаҳо барпо шудаанд?

**Ҷонишини вазир:** Ин раванд нав сар шудааст. Дархостҳо барои 37 лоиҳа тасдиқ шудаанд. Аз миёни онҳо каме беш аз даҳҳо корхонаҳо аллакай фаъолият доранд.

**Хабарнигор:** Шумо якчанд мисол оварда метавонед? Шояд онҳо барои мақолаи оянда зарур шаванд...

**Ҷонишини вазир:** Метавонам, аммо аз котиба хоҳиш кардан даркор аст, ки рӯихати онҳоро ёбад. Ин тавр ман дар хотир надорам.

**Хабарнигор:** Саволи навбатӣ хусусияти хеле нозук дорад, аммо онро бояд пешкаш намуд. Аз як сарчашма бароям маълум гашт, ки як ширкати сохтмонӣ ҳуқуқи имтиёзнокро барои тақсим намудани пудратҳои роҳсозӣ соҳиб шудааст. Оё ин рост аст?

**Ҷонишини вазир:** Барои ман дар ин бора аз маълумоти Шумо бештар чизе маълум нест.

**Хабарнигор:** Ин ширкатест... вай бо «оилаи» президент марбут аст, оё ҳамин тавр не?

**Ҷонишини вазир:** Ҳукумат бо пудратҳои зиёди мавхуда ва эҳтимолӣ пайваста кор мебарад.

**Хабарнигор:** Ба ҳар ҳол, лутфан, вазъиятро дар нисбати ин ширкати сохтмонӣ шарҳ бидиҳед. Бо вай шартнома ба имзо расидааст?

**Ҷонишини вазир:** Ба таври ғайрирасмӣ бароятон иттилоъ медиҳам, ки ҳақиқатан чунин ширкат вуҷуд дорад ва ба он пудрати на он қадар калон - ҳамагӣ 50 ҳазор доллар ваъда карда шудааст. Асли гап дар он аст, ки дар Абеседистон вай ягона ширкатест, ки дар корҳои таркондани кӯ ҳҳо барои сохтани туннелҳои кӯ ҳӣ тахассус дорад. Ягон ташкилоти дигари кишварамон барои анҷомбахшидани ин корҳо чунин таҷрибаи кориро надорад, аммо онҳоро ҳарчӣ зудтар  - дар оғози корҳои сохтмонӣ ба итмом расондан даркор аст то ки имконияти интиқол додани мавод ва қувваи корӣ ба ноҳияҳои дурдаст, ки аз ҳудуди онҳо шоҳроҳ мегузарад, таъмин гардад. Ҳақиқатан, барои ин ширкат пудрат барои корҳои таркондани кӯ ҳҳо

қаблан – бе гузаронидани тендер ваъда шуда буд, аммо агар тендер ҳам гузаронида мешуд, ба фазли нодир будани тахассуси хеш, ин ширкат онро ба даст меовард. Дар айни замон, гузаронидани тендер як раванди тӯлонӣ ва меҳнатталаб аст. Барои он мо вақт ва пулҳои давлатро зоеъ сарф менамудем.

**Хабарнигор:** Ман бояд ин хабарро чӣ гуна пешкаш намоям? Танҳо ишорате намоям, ки онро аз як «назоратгари кор» ба даст овардам?

**Ҷонишини вазир:** «Назоратгари кор»? Наход чизи беҳтаре наёфтед?

**Хабарнигор**: Мутаассифона, не.

**Ҷонишини вазир:** Хуб, майлаш.

**Хабарнигор:** Ман медонам, ки вақтатон хеле кам аст. Хотима бахшидан даркор. Дар охир ягон сухани иловагие надоред?

**Ҷонишини вазир:** Гуфта метавонам, ки аз созишномаи ба имзо расидаи мо дар нисбати алоқаҳои телефонӣ хеле розиям.

**Хабарнигор:** Кадом алоқаҳои телефонӣ?

**Ҷонишини вазир:** Мо бо як ширкати хориҷӣ созишномаеро дар бораи мавриди истифода қарор гирифтани сохторҳои шабакавии роҳҳо ба ҳайси асоси шабакаи муосири алоқа ба имзо расондем. Ин лоиҳаест ба маблағи садҳо миллион доллар, аммо азбаски роҳҳоро дар кадом вазъияте набошад, мо месозем, хароҷоти иловагии он то ҳадди ақалл кам мешавад. Танҳо қад-қади шоҳроҳ барои кабели маҳиннах хандақ кофтан зарур аст, ки он аз ӯ ҳдаи таъмини миллионҳо зангҳои телефонҳо ва сеансҳои Интернет баромада метавонад. Технологияҳои нав хосияти бо суръати хеле тез интишор шуданро соҳибанд. Баъди тақрибан ду сол шаҳрҳои калони Абеседистон бо низоми алоқаи намунаи байналхалқӣ пайванд хоҳанд гашт, ки баъди он навбати деҳот ҳам мерасад.

**Хабарнигор:** Он ширкат чӣ ном дорад?

**Ҷонишини вазир:** Чизе гуфта наметавонам. Ман ӯҳдадор шудаам. ки асрори тиҷоратиро фош насозам. Метавонед чунин ишорае нависед, ки «Созишнома дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ» ба имзо расидааст ва рӯ зҳои наздик дар ин бора эълон хоҳанд кард. Аммо акнун ман маъзарат мехоҳам. Ман бояд ба корам машғул бошам.

**Хабарнигор:** Ташаккури калон барои сӯҳбататон!

**Саволҳо барои андешаҳо:**

А. Шумо ҳамаи намудҳои мусоҳибаро мутолиа намудед. Ба андешаи Шумо, кадоми онҳоро хабарнигор хубтар анҷомдодааст? Андеша кунед, ки барои чӣ? Хабарнигор донишашро дар бораи техникаи мусоҳиба чӣ тавр мавриди истифода қарор додааст?

**Боби 5.**

## Таҳқиқоти рӯзноманигорӣ

**Таҳқиқоти рӯзноманигорӣ санъати олии фаъолияти рӯзноманигор аст.**

Аммо рӯзноманигории баъди даврони шӯравӣ дар масъалаи муайян сохтани меъёрҳои таҳқиқоти рӯзноманигорӣ аксаран ба бесарусомонӣ бархӯ рд дорад. ВАУ ҳама чиз – чоп шудани гуфтугӯҳои ба таври махфӣ сабтшуда, ҳуххатҳои махфие, ки бо ягон восита ба даст омадаанд, санадҳои беэътиборсозӣ ва ғайраро бе истисно таҳқиқот меҳисобад.

**Таҳқиқоти рӯзноманигорӣ чист?**

1. Ба маънои васеи ин калима танҳо баъзе намудҳои фаъолияти рӯзноманигориро таҳқиқот номидан мумкин аст.

2. Дар ҷое, ки кори ҳаррӯ за хотима меёбад, дар он ҷо таҳқиқоти рӯзноманигорӣ шурӯ ъ мегардад.

3. Вай махфӣ нигоҳ доштани афкор ва розӣ набудани амалдоронро барои пешкаш намудани маълумот ба эътибор намегирад.

4. Вай ба муддати дароз як мавзӯ ъро мавриди таҳқиқ қарор гирифта, вақт ва саъю кӯ шишҳоро тақозо дорад.

5. Мавзӯ ъ аз рӯи нақшаи муайян кушода мегардад.

6. Ҳусни таваҷҷӯҳ танҳо ба як проблема нигаронида мешавад.

7. Таҳқиқот ба тарзи худаш як навъи фошкунии асрор аст.

8. Проблема, маъмулан, бори аввал ба миён гузошта мешавад.

9. Маводи гирдомада ва мавриди коркард қароргирифта аслӣ аст – он на бар сарчашмаҳои дуюмдараха асос ёфтааст ва на натиҷаи «аз даст рафтани» ахбори расмӣ аст.

**Таҳқиқот барои чӣ зарур аст?**

Барои он ки ба ҷомеа хизмате бирасад, барои ҳақиқат ва адолат бояд мубориза равад. Ҷанбаҳои ҷолиби таҳқиқот барои рӯзноманигорон он аст, ки ӯ  метавонад соҳиби обрӯ ю эътибор гардад, дар зинаҳои мартаба ба мақоми болотар барояд ва ҳамчунин ба манфиатҳои молиявӣ, масалан, аз нашри китобҳо бар асари натихаҳои таҳқиқот соҳиб гардад. Барои ВАУ ин обрӯ ю эътибори ҳимоятгари арзишҳои хамъиятӣ, имконияти ба боварии хонандагони хеш сазовор гаштан аст.

**Се хусусияти таҳқиқоти рӯзноманигорӣ (**Рэндалл Дэвид. «Рӯзноманигори ҳамакора»**)**

1. **Таҳқиқоти ибтидоӣ**

Таҳқиқоти ибтидоӣ - таҳқиқотест, ки аз ҷониби хабарнигорон анҷоммепазирад ва онҳо аксаран бо маводи аз ҳама «хомтаре», ки вуҷуд доранд, машғуланд. Он ё баргузор намудани мусоҳибаҳои бисёр, ё хамъ овардан ва ба ҳам қиёс намудани далелҳои воқеӣ ва рақамҳо буда метавонад. Дар ҳолатҳои зиёд натиҷаи чунин таҳқиқот муқаррар сохтани сохтор ва робитаҳое дар дохили мавод мебошанд, ки онҳоро қаблан касе мушоҳида накардааст.

**2. Мавзӯи интихобшуда эҳтимолан бо корҳои шубҳанок ва ё бемасъулиятӣ иртибот дорад, аммо он исбот надорад.**

Маъмулан, чунин ҳодиса рух медиҳад, ки Шумо дар нисбати коре шубҳа пайдо мекунед, ки он тоза нест ва бемасъулиятӣ содир шудааст, аммо на Шумо ва на каси дигар исботе надоред. Онҳоро гирд овардан даркор аст, аммо ин кор нисбат ба фаъолияти рӯзмарра вақти бештар ва саъю кӯшишҳои бардавомро тақозо дорад. Ҳамчунин имкон дорад, ки ҳаҷми кор нисбат ба тавоноии як хабарнигор бештар аст. Табиист, Шумо танҳо ба хотири он ба сарфи қувваю вақтатон камар мебандед, ки агар мавзӯъ барои хонандагон хеле муҳим бошад.

**2. Касе кӯшиш мекунад, ки хабарро махфӣ нигоҳ дорад.**

Ин амр барои намудҳои гуногуни фаъолияти рӯзноманигорӣ хос аст. Дар ниҳояти кор, дар яке аз таърифҳои хабар чунин омадааст, ки «ахбор чизест, ки касе хоҳиши ба Шумо тақдим намудани онро надорад то ки ба чопаш расонед». Аммо дар фаъолияти ҳаррӯзаи хабарнигорӣ лаҳзае вуҷуд дорад, ки Шумо ҳангоме таваққуф менамоед ва мақоларо дар асоси ҳар чизе, ки ба даст омадааст, менависед.

**Кадом рӯзноманигор ба таҳқиқот машғул шуда метавонад?**

Ҳар кадоми онҳо. Танҳо қобилияти ба гап гирифтани инсони даркориро доштан даркор аст ва ҷустуҷӯи ҳуххатҳои заруриро сарфи беҳудаи вақт нашуморед. Боқии чизҳои дигар бо амалия пайдо хоҳад гашт.

**Нақшаи корро бояд чӣ тавр сохт?**

Қабл аз гирд овардани мавод барои таҳқиқот нақшаи корро бояд сохт.

**Марҳилаҳои ба нақша овардани таҳқиқот**.

1. Интихоб намудани сарлавҳаи мавзӯъ, ғояи асосӣ ва проблемаи муҳимтарин.

2. Андеша кунед, барои чӣ ин проблема диққати хонандаро ба худ ҷалб намудааст.

3. Аксуламали эҳтимолии хонандагонро ба ин мавод пешбинӣ намоед.

4. Усулҳои кории фаъолияти хешро муайян созед.

5. Ҳукм намоед, ки мавод кай ба чоп мерасад, оё он якка аст ва ё силсилаи онҳо дар назар дошта шудааст. Оё сурати фотографӣ даркор аст?

6. Имкониятҳо ва вазифаҳоро мавриди тасниф қарор диҳед

7. Таҳқиқ намоед.

8. Гузориш анҷомдиҳед.

9. Маводро барои ба чоп додан таҳия кунед.

10. Далелҳои воқеиро қабл аз нашри мавод бори дигар аз назар гузаронед.

11. Маводро нашр кунед.

12. Дар ҳолати таъсирбахшии бузурги маводатон ба хонандагон вазъиятро ҳамроҳи роҳбарият муҳокима намоед.

**Ҷустуҷӯ и мавзӯ ъ.**

**Мавзӯ и замонавӣ ва аҷоиброчӣ тавр бояд дарёфт? Бояд ба таҳқиқи кадом масъала машғул шуд?**

Масалан, яке аз мавзӯҳои машҳур – мавзӯ и ришвахӯ рӣ аст. Дар ин ҷо масъалаи ришвахӯ рӣ дар ин ё он ташкилоти зерин мавриди баррасӣ қарор гирифта метавонад:

- ҳукумат (миллӣ, маҳаллӣ);
- иттиҳодия;
- ташкилоти байналхалқӣ;
- хазинаҳои хайрия.

**Мавзӯ и таҳқиқ масъалаи ришвахӯ рӣ дар шаклҳои гуногуни он шуда метавонад:**

- ришвагирӣ;
- тамаъхӯ ӣ;
- таҳдид;
- ошнобозӣ;
- иҷозати ноодилона дар истифодаи захираву имкониятҳо;
- пардохти маблағ.

Ҳамаи ин бо хиноятkoрии муташаккил робита дошта метавонад.

Аммо мавзӯ и ришвахӯ рӣ барои таҳқиқоти рӯзноманигорӣ мавзӯ и ягона нест. Дар бораи аз ҳудуди ваколат таҷовуз намудан ба маънои умумитари он, дар бораи суйистеъмолҳо ва номувофиқатӣ дар истифодаи ваколатҳои давлатӣ ва ғайра андеша кунед.

Шумо метавонед доираи интишорёбии муносибатҳои нобаробарро дар ҷомеа дар мисоли зайл мавриди баррасӣ қарор диҳед:

- политсия – ҷомеа;
- соҳибкор – коргар;
- омӯ згор – хонанда;
- бюрократҳо – дархостгарон;
- духтурон – мизоҷони касал;
- афсарони ҳарбӣ – наваскарон ва ғайра.

«Қоидаҳоеро», ки ин муносибатҳоро идора мекунанд, омӯ зед. «Қоидаҳо» маъмулан дар шаклҳои зерин муқаррар мешаванд:

- қонунҳо;
- маҷмӯи қонунҳои рафтору муносибат;

- созишномаҳои меҳнатӣ;

- созишномаҳо миёни ташкилот;

- шартномаҳои шифоҳӣ ва ғайра.

Муайян кунед, ки кай ва аз ҷониби кӣ ин «қоидаҳо» вайрон мешаванд. Саволе ба миён гузоред: оё «қоидаҳо» - и мавхуда боадолатанд? Ҳолатеро ҷустуҷӯ намоед, ки дар он ҷониби зӯ ртар нисбат ба ҷониби заифтар афзалият дошта бошад.

Аниқ намоед, ки оё «қоидаҳо» барои ҳама равшану возеҳанд. Агар муносибатҳои тарафайн дар доираи «қоидаҳо» - и муқарраршуда муайян нашудаанд, онҳо ба гумони бештар – аз ҳад гузаронидани ваколати шахс мебошанд. Оё ҳамаи иштирокчиён «қоидаҳо» - ро медонанд?

Барои анҷомдодани таҳқиқоти рӯзноманигорӣ ғояи бесобиқа он аст, ки вай аз хабарнигор то ба ахбори ҳангомаомез расад, дар ин ҳолат хабарнигор бояд қобилияти пешакӣ дарк намудани аҳамияти рӯ змарраи проблемаеродошта бошад.

Омили иҷро намудани таҳқиқот ахбори одамоне, ки бевосита дар ҳодиса ширкат варзидаанд (зарардида, оилаи зарардида ва ғайра), шуда метавонад.

Шумо аз «луқмапартоӣ» ва ё «аз даст рафтани маълумоте» истифода бурда метавонед. Аммо дар ин ҷо бояд ҳушёр буд, то ки ба як олати кории ягон гурӯ ҳ ва ё ашхос табдил наёбед. Андеша кунед, ки онҳо барои чӣ ин гапро бароятон мегӯ янд?

**Дар ёд дошта бошед: проблемаеро ёфтан даркор аст, ки он на дар ҳолатҳои ҷудогона, балки муттасил зуҳур намояд.**

**Интихоби мавзӯ ъ.**

Тамоми ҷанбаҳои мусбат ва манфиро баркаш намуда, барои мақола мавзӯ ъ интихоб намоед. Аз тариқи саволгузориҳои зерин тамоми ҷонибҳои эҳтимолии масъаларо мавриди баррасӣ қарор диҳед:

Имкониятҳо

1. Оё Шумо мутахассиси ташхискунандаи соҳае ҳастед, ки мавзӯ и додашуда ба он тааллуқ дорад?

2. Шумо аллакай кадом сарчашмаҳо, созишҳо ва имкониятҳоро доред?

3. Оё Шумо барои мувофиқи матлаб гузаронидани таҳқиқот дар доираи ин мавзӯ ъ вақт ва имкониятро доред?

4. Агар зарурат пайдо шавад, оё Шумо ҳуххатҳо ва изҳороти заруриро барои исботи фикр пешниҳод карда метавонед?

5. Оё сарчашмаҳои ахбор мехоҳанд, ки танҳо ҳар он чизе, ки онҳо бароятон мегӯянд навишта шаванд?

6. Оё ташкилоте вуҷуд дорад, ки ба Шумо дар масъалаи таҳқиқот кӯмак расонад?

**Мувофиқати кор**

1. Таҳқиқоти Шумо ба ҷомеа чӣ гуна таъсир мерасонад?

2. Оё дар бораи ин мавзӯъ чизеро навиштан зарур аст?

3. Оё маводи нашри Шумо барои тағйироти мусбати ягон чиз кӯмак мерасонад?

**Хатарҳо**

1. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот доир ба ин мавзӯъ Шумо ва нашриётатон ба кадом хатари ҷиддӣ мувохеҳ мешавед?

2. Барои Шумо ва нашриётатон чӣ гуна хавфҳои молиявӣ ҷой доранд?

3. Оё барои ҳаёти Шумо ва саломатии оилаатон ягон хавфе вуҷуд дорад?

4. Оё ягон чора андешидан зарур аст, ки ин хавфҳо кам карда шаванд?

5. Оё то кадом андоза сатҳи хавфу хатаре баланд аст, ки мавзӯи мақолаатон аз ҷониби рӯзноманигори дигар мавриди таҳқиқу кушоиш қарор гирифта метавонад?

**«Ҳаҷми» хурдтарини маводи нашрро муайян созед:**

- Шумо танҳо манбаъҳои мавзӯъро кушодан мехоҳед;

- агар чунин лаҳзае фаро расад, ки Шумо дигар ягон чизеро «канда» наметавонед, аз ноилоҳӣ мехоҳед, ки ягон чизро нишон бидиҳед;

- эҳтимолан, Шумо метавонед танҳо ягона ҳолатеро кушода ва нишон медиҳед;

- шояд Шумо имкони нишон додани ришвахӯриро на дар сатҳи миллӣ, балки маҳаллӣ пайдо мекунед.

**«Ҳаҷми» калонтарини маводи нашрро муайян созед:**

- ин як «мақолаи калоне» мешавад, ки он акси садои бузурги ҷомеаро ба вуҷуд меорад;

- Шумо нияти ба таври амиқ таҳқиқ намудани зуҳуроти ришвахӯриро дошта, нишон додан мехоҳед, ки он чӣ тавр афзудааст.

**Шумо бояд ҳадафи ба даст овардани ҳадди ақаллро дошта, ба сӯи ҳадди акбар кӯшиш намоед.**

**Дар хотир дошта бошед, ки Шумо бояд на дар бораи чизҳои медонистагии худ, балки дар бораи он ки чиро исбот карда метавонед, менависед.**

**Эҳтиёт: андешаи шахсӣ!**

Рӯзноманигор дар маводи нашр бояд андешаи шахсиро ҳеҳ гоҳ баён нанамояд. Ба ҷои мисоли касе ришва мегирад, ӯ қурбони фалон кор аст ва ғайра бинависад, рӯзноманигор бояд қолаби устувор ва бар далоили воқеӣ асосёфтаеро созмон диҳад, то ки **тамоми равиши вайронкориҳоро нишон бидиҳад ва ба сарчашмаи проблема ишораҳо намояд.**

**Мизохи шахсро ба назар гиред!**

Мизохи шахсеро, ки бо ӯ мулоқот мекунед, ба назар гиред. Ҳуқуқшиноси варзидаи рус А.Ф.Кони дар асараш бо номи «Хотира ва таваҷҷӯҳ» қайд кардааст, ки аз рӯи мизох пешбинӣ кардан мумкин аст, ки ҳамсӯҳбат ҳикояташро дар бораи ин ё он ҳодиса дар кадом самт бунёд месозад. Мисоле аз ахбори хиноятӣ:

«Трамвай ба зане, ки роҳи онро миёнбур менамуд, бархӯ рда, ба вай хароҳатҳои вазнин ва ё ҳатто шояд маргро овардааст. Ин ҳодиса бар асари он рух дод, ки зан ба садои занги ишоратии огоҳкунанда эътибор надодааст ва ё шояд он дер садо баровардааст».

**Шахси зиндадилу шӯ х** мегӯ яд: «Ин як манзараи хеле даҳшатовар буд – фиғони ҷонгудозе баромад, хун фаввора зад, ба гӯшҳоям ҳатто овози шикастани устухонҳо расид. Ин манзара то ҳоло дар пеши чашмонам қарор дорад, маро таъқиб намуда, ба ҳаяҷон ва ҳарос меоварад».

**Шахси дилтанг** мегӯ яд: «Дар пеши чашмонам вагони трамвай зани бадбахтеро зери по намуд. Ана ҳамин аст сарнавишти инсон – ӯ  шояд ба назди шавҳари дӯ стдошта, фарзандони дӯ стдоштааш, хонаи оилавиаш шитоб дошт – ва ҳама чиз шикаста шуда, нобуд гардид, танҳо ашкҳою андӯ ҳ барои хасорати бебозгашт боқӣ монданд – ва бо як дарде дар қалби ман манзараи оилаи ятиммонда ҳувайдо мегардад».

**Шахси тундфеълу оташинмизох мегӯ яд:** «Занро таги по кардаанд! Ман кайҳо гуфта будам, ки садорати шаҳрӣ дар иҷрои вазифаҳояш эҳтиёткор нест. Магар ҳай кардани трамвайро ба чунин ронандагони қатораҳо супурдан мумкин аст, ки дар мавриди муайян занг зада наметавонанд то ки ба василаи он роҳгузари осемасар ва ё гӯшҳояш вазнинро огоҳ намоянд. Ана ин натиҷаи кор аст. Барои чунин ғафлатмонӣ хазои додситонӣ ва хазои сахт додан даркор аст».

**Шахси хунсарду бепарво мегӯ яд: «**Савораи фойтуне меомадам ва назар карда дидам, ки трамвай истодааст, дар паҳлӯ и он издиҳоми мардум ба чизе нигоҳ доранд, ман дар як қитъаи роҳи трамвай қарор гирифта, мушоҳида намудам, ки бар ба бари хати роҳи оҳан зане хобидааст - эҳтимол аз болояш бо трамвай гузаштаанд ва ӯро пачақ кардаанд. Ман ба ҷои худ нишастам ва ба фойтунчӣ гуфтам: тезтар ҳай кун!».

**Ҳангоми гуфтугӯ бо  ашхоси гуногун ба онҳо вобаста ба мизохашон ҳар гуна таъсир расондан мумкин аст. Ашхоси мизохашон тундфеъл, дилтанг ва хунсард бисёрии вақтҳо ҷузъиёти ҳодисаро сарфи назар мекунанд. Нисбат ба онҳо ҳисси бештари сертоқатӣ, ғамхор будан ва хушмуомилагӣ зоҳир намудан даркор аст.**

**Таҳқиқот.**

Шумо доимо мавзӯ ъятонро мавриди баррасӣ қарор медиҳед, аммо... онро ҳамчун марҳилаи ибтидоии таҳқиқоти умдаи хеш дар назар дошта бошед.

1. Бо тамоми маълумоти мавхудае, ки ба ба мавзӯ и Шумо тааллуқ доранд, иттилоъ пайдо намоед.

2. Дар коратон мунтазамона рафтор намоед: ҳамаи он чизеро, ки ба ҷо меоваред, ба нақша кашида, сабт намоед.

3. Аз рӯи сарчашмаҳои ахбор картотека тартиб диҳед.

4. Дар бораи муассисаҳое, ки дар таҳқиқотатон номбар шудаанд, маълумот гирд оваред.

5. Сохтор, равиш ва тартиби қабул намудани қарорро доир ба соҳае, ки таваҷҷӯҳатонро ба худ кашидааст, мавриди омӯзиш қарор диҳед.

6. Аз сарчашмаҳои кушоди ахбор доир ба мавзӯ и таҳқиқатон ҳазар накунед.

**Ахбори кушод:**

1. Ҳисобҳои кушоди муҳосибӣ
2. Адабиёти иловагӣ
3. Пресс-релизҳо ва изҳороти хамъиятӣ
4. Ҳисоботи ширкат
5. Ахбор дар Интернет

**Эҳтиёт бошед!**

1. Бо матнҳои буридаи рӯзномаҳоэҳтиёткор бошед – 10 сол пештар низ рӯзноманигорон хато навишта метавонистанд!

2. Ба тахминҳо роҳ надиҳед. «Фолбинӣ» накунед, ки дар паҳлӯ ҳои ин ё он фамилия кадом номҳо бояд қарор гиранд. Рӯзноманигори дигарро аз утоқи кории ҳамсояатон низ хоҳиш накунед, ки камбудии донишатонро пурра намояд – ӯ ҳам шояд, ки аз тафсилоти он хабардор набошад!

3. Баъзан рӯзноманигорон аз беэҳтиётӣ сарчашмаи ҳақиқии ахборро аз тариқи изҳороти норавшан рӯ пӯ ш мекунанд. Ин тасаввуротеро ба вуҷуд меорад, ки сарчашмаи асосии хабар худи муаллифи маводи нашр аст, ки эҳтимолан андешаи шахсиашро иброз медорад. Аз чунин ҳолатҳо ҳазар намудан даркор аст.

**Гузоришҳо**

Фаъолияти шумо аз утоқи корӣ берун меравад ва хусусияти «зинда» пайдо мекунад.

1. Сарчашмаҳои ғайридавлатии ахборро ҷустуҷӯ намоед.

2. Бо мутахассисони ташхискунанда вохӯ рда, ба онҳо саволҳои умумӣ диҳед. Ба онҳо нишон надиҳед, ки Шумо дар мавриди гузаронидани таҳқиқот қарор доред, вагарна онҳоро рамонда метавонед.

3. Аз сарчашмаҳо бозпурсед, ки оё онҳо сӯҳбат кардан мехоҳанд.

4. Муайян кунед, ки оё сарчашмаҳо ба он ки гуфтугӯ сабт хоҳад шуд, зид нестанд.

5. Оё онҳо мехоҳанд, ки бурҳонҳои мустанадро бароятон нишон бидиҳанд.

6. Оҳанги сӯҳбат бо онҳо чӣ гуна хоҳад буд.

7. Қаблан бояд Шумо кадом чораҳои бехатариро биандешед, то ки ҳангоми сӯҳбат худро ба василаи онҳо дифоъ карда тавонед.

Ғайр аз ин, мушоҳидаҳои бевоситаи оддиро анҷомбидиҳед. Муқаррар намоед, ки оё ягон ҷои бехатаре ҳаст, ки аз он ҷо объектро мушоҳида карда тавонед. Барои худатон муайян созед, ки Шумо ба хотири он ки иштирокчии бевоситаи ҳодиса, мушоҳиди баргузоршавии проблема гардида, дар он нақши мизохеро бозӣ карда метавонед.

Дар ҳамин марҳила бо сабаҳои зерин хавфи эҳтимолии натиха нагирифтани мавод зиёд мешавад:

1. Ба иллати фишор аз ҷониби ашхосе, ки дар соҳаи таҳқиқоти Шумо ҷалб шудаанд.

2. Нашриёти дигар метавонанд, ки ба ҳамин мавзӯ ъ ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд ва ба кори Шумо халал расонанд.

**Кӯ шиш кунед, ки ҳаддалимкон ба таври махфӣ амал намоед.**

**Чӣ тавр муайян кардан мумкин аст, ки ба Шумо дурӯғ мегӯ янд?**

**Воситаи садфоиза барои муқаррар сохтани он ки ба Шумо дурӯғ мегӯянд вуҷуд надорад.** Аммо аломатҳое вуҷуд дошта метавонанд, ки аз рӯи онҳо бо як дараҷаи муайяни боварӣ тахмин кардан мумкин аст, ки ҳамсӯҳбат самимона сухан намегӯ яд.

1. Агар шахс ба чашмонатон рост нигоҳ накарда, пайваста ба нӯ ги биниаш даст мезанад, ӯ майли онро надорад, ки бо Шумо сӯҳбати кушод дошта бошад.

2. Маъмулан, дурӯғгӯ й дар ҳикояти хеш роҳгум мезанад ва дар бораи ҳамон як чиз тафсилоти гуногун баён мекунад. ӯ моили шакли номуайян ва номушаххаси сӯҳбат аст.

**Чӣ тавр дурӯғгӯ йро ба «роҳи мустақим» ҳидоят кардан мумкин аст?**

1. Ҳамсӯҳбатро аз роҳи ҳикояташ берун созед

2. Дар мудддати на он қадар тӯлонӣ аз саволҳои барои ӯ нохуш канорахӯ й кунед. Чаро ки нохӯ рии психиологии ӯ танҳо барои шавқи муқовимат намудан тайёр шудааст.

3. Ба давраи сӯҳбат шахси дигари сеюмеро даъват намоед, ки вай низ ба ин сӯҳбат ҳусни таваҷҷӯҳ дорад ва аз вазъи ҷорӣ бохабар аст.

4. Шакли барқасдонаи сӯҳбатро мавриди истифода қарор диҳед. Агар ҳамсӯҳбататон шахси расмӣ бошад, ба ӯ таҳдид кунед, ки дар бораи саркашии ӯ аз баёни тафсилоти мавзӯ ъ дар матбуот менависед ва ба тамоюли бевоситаи вай дар бораи махфӣ нигоҳ доштани ахбор аз аҳли ҷомеа ишора менамоед. Ба амалдоре, ки аз қоидаҳои ВАУ бохабар аст, он шояд таъсир расонад.

5. Савдо кунед! Ваъда диҳед, ки дар бораи вай дар маводи нашр чизе зикр нахоҳад шуд. Ва ваъдаро ҳатман ба иҷро расонед. Ҳамаи ин бояд низоми амрикоии «созишҳо бо адлия»-ро ба хотир биёрад, ки дар он бар ивази иқроршавӣ ба гуноҳ айбдоршуда ё аз ҷавобгар ӣ тамоман озод мешавад ва ё хазои нисбатан сабуктарро мегирад.

**Сарчашмаҳои ахборро дӯ ст доред!**

Сарчашмаҳои ахборро дӯ ст доштан даркор аст. Онҳо бояд ба Шумо одат кунанд, Шуморо ба хотир оваранд, ба Шумо боварӣ дошта бошанд.

1. Бо ашхосе, ки ба онҳо ҳусни таваҷҷӯҳ доред, на танҳо дар доираи коратон мулоқот намоед. Дар рӯ зҳои идҳо барояшон табрикот ирсол кунед, дар бораи аҳволашон пурсон шавед ва ё латифаи нав гӯед.

2. Дар тақдим намудани тӯҳфаҳо мумсик набошед – чизи майда бошад ҳам, аломати таваҷҷӯҳ аст.

3. Аз робитаҳои хеш дар доираи рӯзноманигорӣ истифода кунед. Эҳтимол, барои ҳамкасбатон – рӯзноманигори варзиш гирифтани соядасти як нафар футболбози машҳур заҳмати бузург набошад. Ин чизи арзишнокро аз ӯ дархост ва ё хоҳиш намоед ва ба сарчашмаи хеш, ки ҳаводори сахти футбол аст, тақдим кунед. Бовар кунед, ки ин одам ҳамеша аз Шумост.

4. Воситаи хуби муқаррар сохтани муносибатҳои нек бо як ташкилоти пурра вуҷуд дорад – дар ҳаллу фасли ягон мушкилӣ ба он кӯмак расонед. Агар баъди ба чоп расидани маводи нашратон дар бораи зарурати иҷрои таъмири таъхилӣ дар бинои ин ё он ташкилот, роҳбарияти шаҳр барои ба тартиб овардани ин бино воситаҳоро ҷустуҷӯ мекунад, бохуръатона ба он умед баста метавонед, ки кормандони дар он фаъолияткунанда дар бораи маълумоте, ки ба он ҳусни таваҷҷӯҳ доред, аввалин шуда хабар мерасонанд.

**Навиштани маводи нашр**

Албатта, Шумо мехоҳед, ки маводи нашратонро ҳар чӣ зудтар ба чоп расонед. **Саросема нашавед!**

1. Далелҳои воқеиро бори дигар тафтиш кунед.
2. Ба таърихи рӯ зи дар аввал муқарраршудаи чопи мақола мутаваххеҳ бошед.

**«Қонуни пастшавии натиха»- ро ба хотир биёред**: анҷомдодани ҳаҷми бузурги кор ҳанӯз маънои онро надорад, ки ҳаҷми бузурги хабару маълумот ҳам таъмин хоҳад гашт.

**Дар хотир нигоҳ доред:**

1. Шумо ин масъаларо дар давоми якчанд рӯз(ҳафта, моҳ, сол) мавриди омӯзиш қарор додед, аммо хонандаи Шумо дар бораи он бори аввал мешунавад.

2. Дар ин бора як тафсири оддие додан даркор аст, ки дар аввали он «фошкуниҳои» муҳимтар тасвир ёбанд.

3. Маводи нашрро дақиқ ва мантиқан созмон диҳед.

4. Барои ҷалб намудани диққати хонанда ба проблемаи гузошташуда ва сабукии фаҳмиши масъалаи мураккаб образи бадеӣ ва бандубасти дасисабоз воситаи беҳтарин шуда метавонанд.

**Тафтиши ниҳоӣ**

Қабл аз нашри мавод бевосита зарурати тафтиши иловагии баъзе маълумот ва аниқ намудани онҳо пайдо шуда метавонанд.

**1. Мусоҳибаи ханҷолӣ**

Шумо бояд посухи расмиро аз ҷониби айбдоркунанда гиред:

- агар Шумо онро ҳанӯз дар давоми раванди таҳқиқот нагирифта бошед;

- ба хотири инъикоси боадолатона ва объективии проблема ва ҳифз намудани баробарвазнии андешаҳо.

**Ҷониби айбдоршаванда бар он сазовор аст, ки ба гунаҳкоркунӣ посух гӯ яд.**

Дар ин ҷо машокили возеҳу равшани зерин пайдо шуда метавонанд:

- муроҷиати Шумо ҷониби айбдоршавандаро ба пайбурди чизе водор карда метавонад;
- дар бораи мақолаи Шумо ахбор дастрас шуда метавонад;
- эҳтимолияти таҳдид ба унвони Шумо ҷой дорад.

**Бо вуҷуди ин:**

1. Саъю кӯ шиш кунед, ки ягон тавзеҳу тафсир ба даст оред, бигзор он ҳатто саркашӣ аз пешкаш намудани тавзеҳот бошад.
2. Дар бораи вохӯ рӣ бо амалдори бароятон даркорӣ аҳд бандед.
3. Агар зарур бошад, ба утоқи кории ӯ зада дароед (ин хиноят ҳисоб намешавад, танҳо қулфу дари утоқи кориашро нашиканед).
4. Ба унвони ӯ номаи дархостӣ ва ё факсро ба ҳайси воситаи охирини таъини вохӯ рӣ ирсол намоед.

Хабари наве, ки дар натиҷаи ин ханҷол ба даст овардед, мақолаи Шумо ва ё сохтори онро иваз карда метавонад.

**2. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ**

Шояд Шумо ба маслиҳати ҳуқуқшинос дар бораи масъалаи тӯҳмат эҳтиёх доред. Пешакӣ тайёр бошед, ки ҳамаи далелҳои воқеии дар мақолаатон зикршударо исбот карда тавонед.

Бо ҳуқуқшинос дар бораи масоили зерин маслиҳат намоед:

1. Вайронкунии қонун
2. Ҳимояи ҳуқуқии сарчашмаҳои Шумо
3. Вуҷуд доштани ашхосе, ки қобилияти ба додситон кашидани Шумо ва ё қаҳрамони асаратонро доранд.

**3. Оқибатҳои ба чоп расидани маводи нашр**

Ҳамаи корҳои зеринро анҷомдиҳед, то ки таҳқиқоти Шумо дастраси аъзои ҷомеа гардад:

- конфронси матбуот ба хотири ҷалб намудани таваҷҷӯҳи одамон ба мақола;
- пресс-релиз;
- иқтибосоти он-лайн.

Аз рӯи зарурат, дар бораи таъмини чораҳои бехатарии зерин андеша кунед:

- ҳимояи хисмониро таъмин намоед;
- ҳуххатҳои заруриро таъмин намоед;
- барои ҳимояи ҳуқуқӣ маблағи пулиро тайёр кунед;
- дар бораи вазъи коратон он роҳбарон ва шахси «зарури-ро пайваста хабардор намоед, ки дар ҳолати Шуморо аз ҷомеаи одамон худо намудан дар ҳаллу фасли баъзе машокил бароятон кӯмак мерасонанд.

**Чопи маводи нашр**

Шумо бояд сад фоиз боварӣ дошта бошед, ки маводи Шумо ба тариқи зайл аст:

- нисбатан мавзунтар аст.
- нисбатан муфассалтар аст.
- ба унвони ҳамаи сарчашмаҳо ишораҳо рафтааст.
- мақолаест, ки онро Шумо ба чоп мерасонед.

**Аксуламал да нисбати маводи чопшуда**.

Ба оқибатҳои эҳтимолӣ тайёр бошед. Кунун вазъият дар нисбати сарчашмаҳои Шумо табдил ёфта метавонад:

1. Оё теъдоди сарчашмаҳое, ки бароятон маълумоти нав дода, дар айни замон номашонро махфӣ нигоҳ намедоранд, зиёд шуданд?

2. Оё баъди чопи мавод дарҳои баъзеи он сарчашмаҳо бароятон маҳкам шудаанд?

Маводи чопшудаи Шумо ба ВАУ-ҳои дигар чӣ гуна таъсир кард:

1. Оё онҳо Шумо ва таҳқиқотатонро дастгирӣ мекунанд?
2. Оё онҳо дар баробари вай маводи дигар ва ё мақолаҳои хавобӣ ба чоп расондаанд?

Барои навиштани раддия тайёр шавед, далелҳою бурҳонҳои мувофиқро хамъ оваред.

**Муҳим аст: агар Шумо ноҳақ бошед, онро эътироф намоед.** Ҳангоми кашф шудани хатоҳои дағал дар хусуси навиштани боз як мақолаи дигар биандешед, ки дар он норасоиҳои мақолаи аввалро мавриди эътироф қарор диҳед. Вай метавонад мақолае бошад, ки дар бораи чӣ гуна содир шудани хато ва ба кадом натиха овадани оқибатҳои он қисса намояд.

**Танзими кор**

Қайдҳоятон бояд чунин бошанд:

1. Дақиқ ва муфассал
2. дорои ҳамаи ишораҳои истиноданд, то ки робитаи зарурӣ барпо карда шавад.
3. пайваста ҳам дар намунаи электронӣ ва ҳам коғазӣ нусхабардорӣ ёбад.
4. ба мақсади таъмин намудани эътимодияти он дар чанд ҷой (ва ё серверҳо) ҳифз карда шавад (барои ҳуххатҳои электронӣ дар код дохил намудани он беҳтар аст).

«Изҳороти хабарнигорони додситонӣ» - ро, ки соли 1997 дар Федератсияи Россия мураттаб ёфтааст, мутолиа кунед.

Ин Изҳоротро гурӯ ҳи рӯзноманигороне, ки мурофиаҳои додситонӣ ва қабл аз онҳоро (дар дараҷаи истинтоқ ва дараҷаи шурӯ ъи тафтишот) доимо тасвир мекунанд, тартиб додаанд. Ҳангоми таъсис ёфтани Иттиҳодияи хабарнигорони додситонӣ дар моҳи маи соли 1997 дар Москва имзоҳои нахустин дар зери ин ҳуххат монда шуданд, аммо мо Изҳоротро барои ҳама кушода мемонем. Мо даъват ба ҷо меорем, ки ба он дар асоси риоя намудани принципҳои дар зер овардашуда рӯзноманигорони дигар, аз ҷумла ВАУ-и минтақавӣ, ки дар жанри очеркҳою репортажҳои ҷиноӣ ва

ҳамчунин таҳқиқоти рӯзноманигорӣ менависанд (агар маводи ӯ , ки айбдоркуниҳои хусусияти ҷиноӣ - ҳуқуқиро дар бар гирифта, то қарори ҳукми додситон ба чоп мерасанд) низ ҳамроҳ шаванд.

Моро, қабл аз ҳама, ғамхорӣ дар ҳаққи обрӯ ю эътибори касби рӯзноманигорӣ хавотир намудааст. Дар вақтҳои охир жанри «сиёҳнависӣ» ва ё гузоришҳои сатҳӣ, пастсифати ҷиноӣ аз саҳифаҳои рӯзномаҳова мавхҳои пахши барномаҳо маводҳои дар сатҳи баланди касбӣ навишташударо, ки ба ғояҳои ҳуқуқии адлия мутаваххеҳанд ва сабаҳои ихтимоию ғайри онро дар содир шудани хиноятҳо мавриди таҳлил қарор медиҳанд, танг карда мебароранд. Ин вазъият ба манфиатҳои демократия, ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ ва ҳамчунин дурнамои ВАУ-ҳои Россия хавобгӯ нест.

Муттаҳид кардани саъю кӯ шишҳои рӯзноманигороне, ки дар ин қисмати фазои пахши ахбор кор мебаранд, аз зарурати ҳифз намудани манфиатҳои умумикасбии мо, ки бар далелу бурҳонҳои рақобати кор афзалтаранд, бармеояд. Обрӯ ю эътибори мо ба ҳимоя эҳтиёх дорад ва пеш аз ҳама, аз муносибатҳои ҳаваскорон, ки дар назари аъзои ҷомеа касби хабарнигорони додситониро беқурб менамоянд. Масъулияти кори ҳамдигарро бо зикри номҳои муаллифии хеш ба гардан гирифта, мо принципҳои зерини кори софдилонаро дар жанрҳои очерк ва репортажи додситонӣ ва ҳамчунин таҳқиқоти рӯзноманигорӣ эътироф мекунем:

1. Мо бар фарзияи ҳалолкорию росткории ҳамаи ашхосе, ки номҳою рафторашонро ба таври кушод муаррифӣ менамоянд, истинод меварзем. Барои ҳар гуна рад кардани фарзияи ҳалолкорӣ ва росткорӣ дар нисбати ин ё он шахс ва ё гурӯ ҳи ашхос, далелу бурҳонҳои қотеъ тақозо карда мешавад;

2. Мо асосан саъй дорем, ки аз айбдоркуниҳо ба унвони ягон кас худдорӣ намоем ва дар хусуси далоили воқеие, ки бароямон маълуманд, на тасдиқ намудан, балки савол доданро афзалтар мешуморем. Ҳукмҳо дар бораи гунаҳкор будан ва ё набудан ва ё ба манфиати ин ё он инсони мушаххас қарор содир намудан фақат дар салоҳияти додситон аст. Дар айни ҳол дахолатнопазирӣ ба маънои ҳуқуқии он барои таҳқиқоти рӯзноманигорӣ халал расонда наметавонад. Мо ҳукм намебарорем, аммо айбдор карда метавонем, ба шарте ки агар барои ин асосҳои боварибахш дар даст дошта бошем;

3. Мо ҳақ дорем, ки бо ахбори ба таври номаълум фошшудае, ки аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва ё ҳимояттарони айбдоршуда ба даст оварда мешаванд, сарукор дошта бошем. Аммо мо ба чоп додани чунин ахборро ба таври яктарафа ва бе гузаронидани таҳқиқоти рӯзноманигорӣ ғайриимкон мешуморем.

4. Дар ҳолатҳое, ки ҳанӯз аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор айбдоркунӣ эълом нагардидааст, объекти танқиди мо ашхосе буда метавонанд, ки дар мақомоти давлатӣ мансабҳои баланд ишғол кардаанд ва ё дар сохторҳои тиҷоратӣ нақши фаъол доранд. Мартабаи инсони мушаххас ва ё ҳолати молии вай ҳар қадар баланд бошад, ҳамон қадари дигар истилоҳотеро, ки дар доираи онҳо фаъолияти чунин шахсҳро

мавриди баҳогузорӣ қарор мегиранд, сахттару қатъитар хоҳанд буд. Дар айни замон, мо аз танқидҳое, ки бо ифодаҳои дағал ва пастзанандаи обрӯ ю эътибори шахс баён мешаванд, даст мекашем.

5. Ҳар гуна шахсе, ки объекти танқиди мо қарор мегирад, ҳуқуқ дорад, ки нуқтаи назари хешро, маъмулан, то вақти интиқоли мавод ба чоп дода ва ё дар эфир баён созад. Дар ҳолати ҷой доштани аҳамияти махсуси сиёсии он, ҳангоме ки хабари ба таври номаълум фошшуда дар бораи маводи нашршаванда ба тақдири он таҳдид мекунад, мо ҳақ дорем, ки маълумоти бароямон маълумро бо кӯмаки сарчашмаҳои ғайримустақими ахбор бори дигар мавриди тафтиш қарор диҳем.

6. Мо аз баҳси бевоситаи бар далелу бурҳонҳо асосёфта бо онҳое, ки дар маводи нашрамон мавриди танқид қарор мегиранд, саркашӣ намекунем ва ҳуқуқи онҳоро на танҳо дар ҳимояти додситонӣ эътироф мекунем. Мо тайёрем, ки нуқтаи назари хешро боздид намуда, дар ҳолатҳое, ки хато содир мешавад, узрхоҳӣ намоем;

7. Кори ҷиноятии мушаххасро таҳти назорат қарор гирифта, мо ҳақ дорем, ки хатоҳои мақомоти тафтишотиро нишон диҳем, аммо онро дар истинод бар қонун анҷоммедиҳем. Мо ҳуқуқи сухангӯ ӣ дар бораи ғайриинсонӣ будани ин ё он чорабиниҳои тафтишотро дорем, ки дар доираи талаботи ахлоқии маъмул асоснок карда мешавад.

8. Додгоҳ ва фақат додгоҳ мақоми адлия аст ва ғояи онро дар хеш тахассум мекунад. Мо ҳақ дорем, ки ноқисиҳои низоми додгоҳӣ, хатоҳо ва ё кирдорҳои додситонҳоро танқид кунем, аммо он ба эҳтироми мо нисбат ба адлия ба шакли умум таъсир намерасонад. Қарори додгоҳие, ки ба фаъолияти қонуниаш шурӯ ъ мекунад, бешарту қайд ба ҳукми иҷро ворид мегардад, аммо он барои муҳокима намудани қарор, хусусан, дар доираи воситаҳои ахбори умум монеъ шуда наметавонад.

9. «Фишор» аз болои додгоҳ ва ё мақомоти тафтишотиро мо дар шакли чунин тафсири равиши тафтишот ва ҳукмбарорӣ арзёбӣ мекунем, ки онҳо бесаводона, бе далелу бурҳонҳо, бе имконияти сухан надодан ба айбдоршаванда ва ё ҳимоятгар барои баён сохтани нуқтаи назари ҷонибҳо сурат мегиранд. Дар бораи додситонҳо ва ашхосе, ки тафтишот мебаранд ва ё дар кори ҳаллу фасли хиноят ширкат меварзанд интишор додани маълумоти бадномкунандаеро, ки ба маводи нашр муносибате надоранд, нораво аст.

10. Мо ба муқобили омехтакунии сиёсат бо мундарихаи мақолаҳоямон дар бораи мавзӯҳои ҳуқуқӣ –ҷиноӣ эътироз дорем.

Принципҳои зикршудаи фаъолияти софдилона моҳияти ахлоқӣ доранд ва ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқӣ мавриди истифода қабул шуда наметавонанд. Рӯзноманигороне, ки дар Изҳорот имзо мондаанд, барои ҳамаи маводи нашршуда, аз ҷумла он муаллифоне, ки принципҳои моро қабул надоранд, масъулиятро ба гардан намегиранд. Мо барои монополиякунии ахбори додгоҳӣ ва ё тафтишотӣ даъвогар нестем, аммо чунин мешуморем, ки дар ҳангоми ба даст овардани ахбор ва тавзеҳот дар

додгоҳҳою мақомоти ҳифзи ҳуқуқ профессионализми олии рӯзноманигор ба таври табиӣ барои ӯ афзалиятҳои муайянеро ба вуҷуд хоҳад овард.

Ҳамкасбонро барои имзои Изҳорот даъват намуда, мураттибони он дар ҳолати амалан вайронкунии принципҳои мазкур аз ҷониби ин ё он шахс ҳуқуқи хешро дар бораи аз эътибор соқит кардани имзои ӯ дар Изҳорот тибқи қарори Иттиҳодияи хабарнигорони додгоҳӣ маҳфуз медоранд.

**Машқҳо**

**Машқи 1.**

**Маводи сарчашмавӣ:** рӯихати муносибатҳои дутарафаи ихтимоии зеринро мавриди баррасӣ қарор диҳед:

- политсия – ҷомеа;
- соҳибкор – коргар;
- омӯзгор – хонанда;
- бюрократҳо – дархостгарон;
- духтурон – мизоҷони касал;
- афсарони ҳарбӣ – наваскарон

**Саволҳо барои андеша**:

А. Кадом таҷовузоти меъёри ваколат дар шаклҳои пешниҳодшудаи муносибатҳои дутарафаи одамон дар кишвари Шумо моҳияти замонавӣ дорад?

Б. Андеша кунед, ки боз дар кадом соҳаҳои дигари муносибатҳои дутарафаи одамон таҷовузоти меъёри ваколат дар кишвари Шумо вуҷуд доранд?

## Боби 6.

## Ҳушдорӣ аз қаллобию фиребҳо ва таҷовузоти ахбор

**Чӣ тавр аз айбдоркуниҳо дар истифодаи воситаҳои фиребкунанда ва усулҳои таъсиррасон ба тафаккуру рафтори одамон дурӣ хустан мумкин аст?**

Дар назари аввал рӯзноманигоре, ки ҳақиқатан ба мустақилият ва бетарафии хеш дар бораи он ки ӯ берун аз низоъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ қарор дорад ва мақолаеро менависад, ки комилан бар далелҳои воқеӣ ва иқтибосоти одамони мусоҳибаш асос меёбад, худро дар ягон чиз гунаҳкор намеҳисобад.

**Аммо, худбоварӣ – чизи ниҳоят субъективӣ аст, ки дар асоси он хулосаҳои яктарафа бароварда тавонед.** Дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳолатҳое кам набуданд, ки аз болои рӯзноманигоре, ки бо ВАУ-ҳои хориҷӣ ҳамкорӣ менамуд, айбдоркуниҳо дар бораи бадномкунии давлат, фаъолияти вайронкорӣ, истифодаи усулҳои фиребгарию қаллобии идеологӣ ва ғайра мисоли борон рехтан мегирифтанд, дар ҳоле ки **рӯзноманигорон дар мавридҳои зиёд чунин ниятҳоро умуман надошта буданд.**

Акси ҳол ҳам буда метавонад ва он ҳангоме рух медиҳад, ки рӯзноманигорро дар хушмуомилагии аз ҳад зиёд ва ҳатто дар худфурӯ шӣ ба маънои он ки ба низоми ҳукмрон содиқона хизмат мекунад ва **хоҳиши ба таври танқидӣ дарк намудани ҳодисаҳои ҷориро надорад,** гунаҳкор меҳисобанд.

Бесаводии идеологӣ, ки аз нафаҳмидани асосҳои «ҷанги психологӣ», тактика ва усулҳои ташвиқу тарғибот, қабул намудани эътиқод ба чизҳои қолабии дурӯғин сар мезанад, дар ҳолатҳои бисёр ба он оварда мерасонанд, ки **рӯзноманигор гаравгони бесарусомонии худаш мегардад** ва маҷбур мешавад, ки аз тариқи исбот намудани фаъолияти холисона ва беғаразонаи хеш аз ҳухуми муқобилонаш дифоъ намояд. Мутаассифона, кушодагӯ ии идеологӣ дар олам аксаран бо усулҳои махфӣ ва фиребгаронаи ташвиқу тарғибот бадал шудаанд. **Барои ҳамин ҳам, ба хотири он ки рӯзноманигор ба «шасти моҳидории идеологӣ» наафтад, лозим аст, ки усулҳои истифодаи амалии фиребгарию қаллобиро омӯ зад, дарк ва маърифат намудани онҳоро аз худ намояд.**

**Дар рӯзноманигорӣ усуле бо номи «трансфер» (иқтибос аз англ.) маъмул аст. Фаъолияти ин усул дар асоси айнияту муттаҳид сохтани афкор ба вуҷуд меояд.**

**Мисоли 1.** Шумо бо яке аз роҳбарони ҳизбҳои мухолиф Смагулов мусоҳиба оростаед ва ё аз ӯ тафсилоти ягон хабареро мегиред. Ҳамсӯҳбати Шумо изҳор дорад, ки ӯ бо шахсияти бешакк, мӯ ътабар, масалан, президенти Абеседистон Сулаймонов шиноси надик буданд. Дар натиха, муносибати мусбат дар нисбати Сулаймонов бо ёрии робитаи сунъии айниятгузории афкор бешуурона ба муносибати мусбат нисбат ба Смагулов интиқол дода мешавад. Президент Сулаймонов дар рӯзнома мақолаи Шуморо мутолиа намуда, норозигӣ изҳор кард, ки ягон вақт бо Смагулов аз наздик шиносоӣ надошт ва Смагулов номи вайро барои ба даст овардани обрӯи сиёсӣ мавриди истифода қарор медиҳад. Ғайр аз ин, ӯ ишорае кард, ки Шумо рӯзноманигори виҷдонфурӯ шед ва барои маблағи пулӣ Смагуловро ҳамду сано мехонед.

**Мисоли №2**. Матбуоти ҷониби мухолиф ва ҳам ҳукуматӣ дар мавридҳои бисёр «трансфер»-ро барои баланд бардоштани мақоми кормандони хеш дар назари истеъмолкунандагони ахбор истифода мебаранд. Ҳамин тавр, роҳбарони яке аз ҳизбҳои мухолифини Абеседистон барои хиноятҳои ришвахӯ рӣ аз озодӣ маҳрум шуданд. Матбуоти ҷониби

мухолифи ҳукумат номҳои онҳоро дар як қатори умумӣ ҳамроҳи маҳбусони сиёсии дар тамоми олам машҳур номбар кардааст. Бо ин восита ба хонанда талқин карда мешавад, ки зиндонӣ шудани роҳбарони ҷониби мухолиф хусусияти дархостӣ ва сиёсӣ дорад ва ба тафаккури вай нуфузу мақоми маҳкумшудагон ҳамчун «қурбониёни кори ҳақӣ» бор карда мешавад.

**Матбуоти ҳукуматӣ аксаран «трансфер»-ро барои барпо намудани обрӯ ю эътибори мусбати ҳокимият сӯ йистеъмол мекунад.** Ҳамин тавр, рӯзномаи «Абеседистанская правда» мақолаи калонеро дар саҳифаи муқовагӣ ба чоп расонд, ки дар он оварда шудааст, ки президент Сулаймонов «барои саҳми бузургаш дар тараққиёти илми Абеседистони мустақил» узви фахрии Академияи улуми Нью-Йорк интихоб шудааст. Ба хонанда талқин карда мешавад, ки хизматҳои Сулаймонов ҳатто дар чунин кишвари бузург ва баобрӯ , чун ИМА эътироф шудаанд. Аммо чуноне ки баъдтар худи Академияи Нью-Йорк хабар дод, вай ягон Сулаймоноверо ба аъзогии хеш интихоб накардааст. Илова бар он, аъзои Академия ҳар як шахсе шуда метавонад, ки ба илм ҳусни таваҷҷӯҳ дошта, ҳар сол ҳаққи аъзогиро ба миқдори аз 95 то 115 доллари амрикоӣ месупорад.

**Ташвиқгарон инчунин усули машҳури дигарро таҳти номи «ҷорӣ намудани конформизм» (ҳама чунин мешуморанд) мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар ин кор нақши махсус ба райъпурсиҳои аҳли ҷомеа дода мешавад, ки натиҷаи онҳо қувваи бузурги талқинкунанда дошта, ба як воситаи фиребу қаллобгарӣ табдил меёбад.**

**Мисоли 2.** Тибқи дархости рӯзномаи «Абеседистанская правда» яке аз хадамоти ихтимоъии тобеи ҳукуматӣ дар бораи муносибати мусбат (манфи)-и онҳо нисбат ба ислоҳоти президент Сулаймонов раъйпурсии аҳолиро барпо кард. Чуноне ки интизорӣ мерафт, бештар аз 90% пурсидашудагон аз рафти ислоҳоти гузаронидашаванда розӣ буданд ва дар ин бора дар рӯзнома хабар пахш гардид. Аммо рӯзномаи мустақили «Время Абеседистон» ба қароре омад, ки дар бораи дақиқ будани маълумоти оморӣ боварии бештар бояд пайдо кард ва ба ин мақсад ба он ҷо мухбири суратгирро барои суратгирии пурсидашудагон ирсол намуд. Маълум гардид, ки нисфи пурсидашудагон дар қайди ҳаёт нестанд. Баъдтар муайян шуд, ки худи ҷомеашиносон номҳои «пурсидашавандагон» -ро бофтаанд ва варақаҳои саволҳоро пур карданд. Онҳо тасдиқ карданд, ки маҷбур буданд, чунин рафтор намоянд, зеро раъйпурсии аҳолӣ нишон дод, ки аксари аҳолӣ тарафдори ислоҳоти гузаронидашаванда нестанд ва барои ҳамин аз «боло» амри ғайрирасмӣ содир гардид, ки натиҷаи раъйпурсӣ бояд «зарурӣ» анҷомёбад.

**Ҳатто чунин як усули кӯ ҳна ва оддӣ, монанди такрори номҳо, далоили воқеӣ, суратҳои фотографӣ ва ғайра хеле таъсирбахш аст. Идроки такрории чизе айниятгузории афкори аваларо ба вуҷуд**

**меорад ва аз тариқи он эҳтимолан хабари зарурӣ дар тафаккури шахс мустаҳкам ҷо мегирад.**

**Мисоли №1.** Таҳлили маводи хусусияташон гуногуни (сиёсӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва ғайра) танҳо як шумораи рӯзномаи «Абеседистанская правда» натихаҳои зеринро нишон дод: 8 сурати президент Сулаймонов, 7 ифодаи забонии якранги «ба фазли сиёсати хирадмандонаи президент Сулаймонов» мушоҳида шуда, 10 бор ибораҳои таркибии «президенти умумихалқӣ интихобшуда» дарёфт гардиданд. Хабарнигори хориҷӣ, ки ба воқеияти ҳаёти сиёсии маҳаллӣ ошно набуд, хулоса мебарорад, ки президент Сулаймонов дар миёни мардумаш шӯҳрат дорад. Аммо ба ин дараха зикр ёфтани як ном дар матбуоти ҳукуматӣ танҳо ҳамчун натиҷаи фаъолияти технологҳои сиёсӣ маънидод карда мешавад, зеро баъди якчанд моҳ дар Абеседистон интихоби президент баргузор мегардад.

**Боз як усули дигари кӯҳна ва машҳур: таъсиррасонӣ ба эҳсос. Ба воситаи талқин намудани эҳсос ва ё кайфияти ҳоле, ки ба ягон объект ва ё зуҳурот иртибот дорад, нисбат ба хабари ақлонӣ-рационалӣ таъсироти бештар интиқол меёбад. Бозӣ бо авхи ҳолату эҳсоси шахс яке аз воситаҳои бартараф намудани қобилияти фикри ақлонӣ аст.**

**Мисоли 1.** Дар даромадгоҳи нашриёти яке аз рӯзномаҳои мухолифин дар Абеседистон аз ҷониби шахси ношинос хасади саги сарбуридае бо коғази ба бадани он халондашуда овезон шуда буд, ки дар он бо таҳдид навишта буданд: бори дуюм - вуҷуд надорад! Ин далели воқеӣ, инчунин суратҳои фотографии хасади саг ба тамоми олам паҳн гардида, эҳсоси зиёдеро барангехтанд ва маҷбур сохтанд, ки дар бораи халалпазирии озодии сухан дар Абеседистон дар ҳама ҷо сухан гӯянд. Ҳамин тариқ, қаллобкорон шиддати эҳсоси истеъмолкунандагони ахборро то ба дарахае расонданд, ки аксуламали интизорбуда ба миён омад ва ба раванди таҳлилии тафаккур монеъ гашт. Дар натиха рӯзноманигорони тамоми олам дар зери таъсири эҳсосашон дар хусуси вуҷуд надоштани озодии сухан дар Абеседистон муҳокима рондан гирифтанд, дар ҳоле ки вазъияти озодии сухан дар кишвари ҳамсояи Абеседистон дар минтақа нисбатан бадтар буд, аммо дар ин бора муҳокимаи кам доир буд, зеро ки омили таъсиррасонӣ ба эҳсоси одамон ҷой надошт.

**Дар иртибот бо ин як усули дигари машҳур пайдо мешавад – принципи телефони беовоз. Чӣ тавре ки маълум аст, хабаре, ки бевосита не, балки ба воситаи якчанд сарчашмаҳо дода мешавад, метавонад шаклан тағйир ёбад, далелҳои воқеӣ бошанд, моҳияташонро дигар намоянд.**

**Мисоли №1.** Баъди рафтори авбошона, ки дар Абеседистон дар даромадгоҳи нашриёт хасади саг овехта шуда буд, дар якчанд нашрияҳои баобрӯи Ғарб ифодае тақрибан ба чунин мазмун мушоҳида гардид: Дар Абеседистон дар даромадгоҳи рӯзномаҳои мухолифин хасадҳои сагонро

овезон мекунанд. Ҳамин тариқ, принципи телефони беовоз ба таҳриф шудани далелҳои воқеӣ мерасонанд ва тасаввуроти бардуруғро ба вуҷуд меоранд, ҳол он ки дар ҳақиқат фақат як хасад дар даромадгоҳи танҳо як нашрияи мухолифин овезон шуда буд.

**Дар мавридҳои хеле зиёд рӯзноманигорон дар «қапқон»-и назарфиребии озодии интихоби ахбор меафтанд. Ташвиқоти идеологии аксари кишварҳои олам афсонаро дар бораи плюрализми ВАУ эҳтиёткорона ривох медиҳанд ва фаровонии маводи хабарӣ – ташвиқотиро бар ивази гуногунрангии мӯ ҳтавои он пешкаш мекунанд, ки гӯё он озодии интихоби сарчашмаи ахборро таъмин мекунад.**

**Мисоли №1.** Рӯзноманигори хориҷие, ки ба Абеседистон омадааст, аз дидани воситаҳои ахбори чопӣ ва электронии фаровон, ки дар номи аксари онҳо калимаи «мустақил» вуҷуд дорад ва дар ҳайати саҳмгузорон ва ё муассисони он теъдоди ниҳоят зиёди одамон ҳузур доранд, ба тааххуб омад. Дар зери таъсири мушоҳидаҳояш рӯзноманигор мақолаи мадҳомезе дар бораи комёбиҳои Абеседистони мустақил дар соҳаи озодии сухан ба қалам овард. Феълан бошад, маълум гардид, ки рӯзноманигор дар назарфиребии интихоби ахбор дармондааст. Аксари ВАУ таҳти назорати хешу табори президент Сулаймонов қарор гирифта, ахбори аз хориҷи кишвар воридшаванда ва пахши телевезиони хориҷӣ аз цензураи махфӣ мегузаранд, дар тасвир намудани ҳодисаҳои дохилии кишвар андешаҳои гуногун вуҷуд надоранд, фаъолияти президент танҳо аз тарафи мусбат тасвир меёбад, маводи танқидӣ бошанд, дар асл дархостиянд то ки ашхоси муқобили президентро бадном кунанд.

Ба хуз усулҳои фавқуззикр қаллобгарону фиребгарон дар майнаашон дассисаҳои зиёди айёронаи дигар доранд, ки ба василаи онҳо рӯзноманигорон дар мавридҳои бисёр бар зидди худ ва обрӯ ю эътиборашон машокили гуногун гирд меоваранд. **Эҳтиёт бошед!**

**Ҳарби кабелӣ (Маркази захираҳои хабарии «Пси-фактор», соли 2002).**

**Нақши ВАУ дар низоъҳои ҳарбӣ-сиёсии муосир.**

Хусусияти умумиоламии равандҳои ахборрасонӣ ва фарогирии умумии махроҳои ахбор, инкишофи босуръат ва афзудани ҳахмҳои таъсири шабакаҳои мувосилоти телевизионӣ ба охир расидани асри XX-ро дарак доданд. Ин омилҳо ба олимон (футурологҳо – пешбиникунандагони илмҳои оянда, ҷомеашиносон, файласуфон) бунёди тасдиқи суханеро ба вуҷуд овარданд, ки ба ивази ҷомеаи саноатӣ, ки дар он нақши асосиро истеҳсолот бозӣ мекарданд ва марҳилаи фосилавии баъдисаноатӣ (барои фазои баъдишӯравӣ истилоҳи деиндустриализация муносибтар аст), ки дар он баробари истеҳсолот соҳаи хизматрасонӣ низ нақши бориз дорад,

ҷомеаи нав – ҷомеаи ахбор ба миён хоҳад омад, ки дар он соҳаи шабакаҳои мувосилоти оммавӣ афзалият пайдо мекунад.

**Аллакай имрӯзҳо технологияи ахборрасонӣ қувваи бузургтарини истеҳсолӣ гардидааст: масалан, имрӯзҳо 90% сармоя ба василаи шабакаи мувосилоти электронӣ аз моликияти як шахс ба шахси дигар интиқол меёбад, қудрати баъзе иттиҳодияҳои ахборрасонӣ нисбат ба давлатҳои алоҳида бузургтар аст. Барои он намунаи ширкати «Miсқosoft» мисоли ҳамаи чиз шуда метавонад, ки он бо сармояи тақрибан $ 500 млрд. доллар бар нишондодҳои иқтисодии, фарз мекунем – Испания, болотар аст.**

Файласуфи немис Шпенглер ҳанӯз дар ибтидои асри XX афзоиши бемислу монанди нақши ахборро дар ҳаёти ҷомеа пешбинӣ карда буд. Дар асараш «Шомгоҳони Аврупо» ӯ навишта буд: «Дар ояндаи наздик се ё чор рӯзномаи хаҳонӣ афкори рӯзномаҳои музофотӣ ва бо кӯмаки онҳо «иродаи халқ»-ро идора хоҳанд кард. Ҳамаи чизҳо аз ҷониби теъдоди на он қадар калони одамоне мавриди ҳаллу фасл қарор мегиранд, ки онҳо ин рӯзномаҳоро идора мекунанд ва шояд номашон маълум ҳам намегардад, аммо оммаи азими сиёсатмадорони мартабаи дуюмдараха, нотиқону воизони минбарҳо, вакилону рӯзноманигорон, намояндагони уфуқҳои музофотӣ дар табақаи поёнтарини ҷомеа назарфиребиро дар боби худмуайянсозии халқӣ дастгирӣ хоҳанд кард». Бояд қайд кард, ки О.Шпенглер дар он давра инкишофи ВАУ-ҳои электрониро пешбинӣ накарда буд – дар он ҳолат шояд пешгӯ иҳояш боз ҳам хасуронатар мебуданд. Зеро ки маҳз инкишофи шабакаҳои мувосилоти телевизионӣ омили муайянкунандаи ҷомеаи ахбор аст. Масъалаи тамошои телевизион барои аврупоии миёнаҳол, ки чӣ қадар вақти ӯро мегирад ва чӣ гуна аҳамият дорад, имкони тасдиқи хулосаеро ба вуҷуд меорад, ки телевивизор – чизи асосии парастиши онҳост.

**Соҳаи шабакаи мувосилот, умуман ва ВАУ, аз ҷумла, ҳамеша иштирокчиёни фаъоли низоъҳои мусаллаҳона буданд.** Дар доираи ин мазмун далели воқеие коимилан рамзӣ ба назар мерасад, ки 60 сол қабл аз ин сабаби саршавии ҷанги дуюми хаҳонӣ гардида буд ва он - ҳуҳум ба маркази пахши радиошунавонӣ дар Глейвиц буд. Муаррихон қайд мекунанд. ки Б.Муссолини, ба ақидаи пайравони худи ӯ , ҳангоми ба нақша гирифтани амалиёти ҳарбӣ диққати бештарро нисбат ба муайян кадани мақсаднокии фаъолияти низомиаш ба мушоҳидаи он равона мекард, ки, дар рӯзномаҳокадом навъи сарлавҳаҳо пайдо мешаванд. Аммо дар вақти ҷанги дуюми хаҳонӣ шаҳди мағлубиятро маҳз он давлатҳое чашиданд, ки комёбиҳои онҳо дар соҳаи ахбору ташвиқоти хабарӣ бештар эътимоднок буданд. Истифодаи ВАУ дар он давра барои комёбии ҳарбӣ нисбатан аҳамияти камтар дошт.

**Дар даврони мо пайдоиши ҳатто чунин мафҳумоте, монанди «ҳарби хабарӣ», «таҷовузоти хабарӣ», «амнияти хабарӣ» дар бораи на танҳо робитаи зичи воситаҳои ахбори омма бо вазъиятҳои ханҷолӣ,**

**балки инчунин бо он ҳам, ки дар низоъҳои мусаллаҳонаи муосир мубориза барои фазои хабаррасонӣ нисбат ба худи амалиёти ҳарбӣ аҳамияти на камтар доранд, шаҳодат медиҳад**. Агар то давраҳои наздик ҷанг дар аксари мавридҳо ба соҳаи хабаррасонӣ , аз ҷумла рӯзноманигорӣ таъсир мерасонд (**масалан, ҷанги якуми хаҳонӣ боиси дар ИМА пайдошавӣ ва инкишофи рӯзноманигории таҳлилӣ гардид, зеро амрикоиҳо қобилияти қабули даъвоеро надоштанд, ки чӣ тавр куштори эрц-герцог Фердинанд сабабгори чунин низоъ гардид**), имрӯзҳо акси он ҳам дар сатҳи микро- ва ҳам макродараха мушоҳида мешавад.

**Таҳаввулот дар соҳаи хабаррасони низомӣ ба давраи ҳарби Вьетнам рост меояд**. Ҳарбиёни амрикоӣ чандин бор тасдиқ намудаанд, ки сабаби бохти онҳо (дар ҳарби Вьетнам) на кӯмаки СССР ва диловарии мардуми Вьетнам, балки мавқеи манфии матбуоти «худӣ» буд. Зарурати вуҷуд доштани «таъминоти хабаррасонӣ-психологии амалиёти ҳарбӣ» дар ҳамон вақт эътироф гардид: аз тариқи ВАУ афкори аҳли ҷомеаро чунин ташаккул додан даркор аст, ки ҳар гуна амалиёти ҳарбӣ аз ҷониби аҳолии хеш ва аксарияти сокинони сайёра дастгирӣ ёбад. Усулҳои корӣ аз воситаҳои маъмули **pғӣlic қӯ lations** тақрибан фарқе надоранд. Он аз ташаккул додани афзалияти миқдорию сифатии нуқтаи назари худӣ дар ВАУ, ворид сохтани айниятгузориҳои фикрии устувор, нақшаҳо, асотире, ки хавобгӯ и манофеи ташкилдиҳандагони ин маърака бошанд, иборат аст.

**Дар замони мо ВАУ ҳам дар ҳаллу фасли низоъҳои мусаллаҳона ва ҳам бевосита дар равиши он нақши бештарро бозӣ мекунанд.** «Имрӯзҳо дар кишварҳои мутараққӣ ҳар гуна фаъолият бе тайёрии хабаррасонии мувофиқаткунанда ғайриимкон аст. Ҷангҳо бояд адолатнок, душман – золимтарин ва аскарони худӣ - қаҳрамонҳои ҳақиқӣ вонамуд шаванд» (Г.Почепцов). **Ҷангҳои муосир – ин, қабл аз ҳама, намоиши мусаллаҳонаи сиёсӣ аст.** Ва лаҳзаи намоишдиҳӣ дар онҳо нисбат ба лаҳзаи истифодаи яроқ аҳамияти на камтар дорад.

**Умуман, ташвиқот танҳо дар он вақт роих мегардаданд, ки одамон то зону дар даруни ташвиқот ғарқ шаванд. Рӯзноманигорон барвақт ба ҷониби сеюми тақрибан ҳамаи низоъҳои мусаллаҳона мубаддал гаштаанд ва аз он ки ВАУ ба кадом тараф майли дастгирӣ доранд, натиха низ вобаста аст.** Олимоне, ки таъсири равандҳои хабаррасониро дар махрои низоъҳои мусаллаҳонаи муосир таҳқиқ мекунанд, қайд намудаанд: «Андешаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва геополитикӣ дар тафаккури қисмати асосии аҳли ҷомеа танҳо дар асоси интиқоли мувосилоти телевизионӣ ташаккул меёбанд. Репортажи хабарӣ аз ягон нуқтаи низоъи мусаллаҳона , ки дар бораи он, масалан, барои аҳолии Капитолия, чизе маълум нест, бояд дар муддати кӯ тоҳтарин аломатҳои хуғрофӣ, таърихӣ, динӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, этникии минтақаро пешкаш намояд ва тибқи ҳадафҳои танги сиёсии ба миён гузоштташуда самтҳои асосии корро муайян созад. **Ҳамин тариқ, касби рӯзноманигор (хусусан**

**узноманигори телевизион) бо касби геополитик наздик карда мешавад.**

«Васоити ахбор дар ҷомеаи муосир аллакай на сирф нақши дуюмдарахаро бозӣ мекунанд, чуноне ки қал аз ин буд, балки ба омили пурқудрати мустақиле табдил ёфтаанд, ки дар сарнавишти таърихии халқҳо қобилияти таъсиррасонии шадидро доранд.

**Таъминоти хабаррасонии маъракаҳои охири низомии ИМА дар Югославия ва Ироқ мавзӯ и алоҳидаи таҳқиқот гаштаанд.** Пеш аз оғозшавии амалиёти ҳарбӣ ҳамеша маъракаи пурзӯ ри хабаррасонӣ анҷоммепазируфт. ки ҳадафи он, қабл аз ҳама, бадномкунии рақиб ва ташаккул додани симои душман буд. Марҳилаи асосии ҳарби хабарӣ (чуноне ки таҷрибаи амлиёти ҳарбӣ дар Ироқ ва Югославия дарак медиҳанд), аз намоиши афзалияти аслиҳаи низомии амрикоӣ, махфӣ нигоҳ доштани хисороти худӣ,зиёд нишон додани зарарҳои ба ҷониби қувваҳои душман расондашуда,ба марказҳои ҳарбию саноатӣ ва шабакаҳои мувосилот, аз ҷумла, марказҳои пахши радио ва телевезиони он иборат аст. Дар айни замон, чунин ахборро аз тариқи марказҳои матбуотие, ки зери тасарруфи ҳарбиён қарор доранд, интишор медиҳанд. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «дар ибтидои маъракa захираю имконниятҳои зиёд лозиманд, то ки дар тафаккури аҳли ҷомеа таъхилан қолаби заруриро ташаккул диҳанд. Қолаби ташаккулёфтаро бошад, тақрибан ба шикаст ворид сохтан ғайриимкон аст» (Г.Почепцов).

Ҳамин тавр ҳодисаеро бо сербҳо аз рӯи тасвирҳое, ки соли 1992 аз ҷониби ширкати англисии ITN ба навор гирифта шуда буданд, барпо намуда, ба гардиш оварданд. Б.Клинтон дар маърӯ заҳои пешазинтихоботии хеш маҳз ба онҳо истинод овард. Ин тасвирҳо, чуноне ки дигарон гумон доштанд, лагерҳои концентрационӣ буданд, зеро ки шахсеро дар паси симхорҳо нишон медоданд. Чӣ тваре, ки баъд маълум шуд, дар атрофи лагер умуман симхорҳо вуҷуд надоштаанд. Аммо рӯзноманигорон дар лагер хонаеро ёфтанд, ки тирезаи он бо симхор маҳкам шуда буд ва аз дохили он як шахси албаниро ба навор гирифтанд. Сипас ду ҳадафи дигар – занон ва яҳудиёнро барои таъсир расонидан ба тафаккури амрикоиҳо интихоб намуданд. (Таҳқиқот нишон доданд, ки барои барпо намудани тасаввурот дар бораи пайдоиши миллатгароёни нав дар Аврупо, беҳтараш чунин ахборро маҳз ба ҷониби ин гурӯ ҳҳо мутаваххеҳ сохтан зарур аст. Дар натиҷаи анҷомдодани ин маъракаи пахши ахбор «сербҳои бад» ва «албаниҳои хуб» пайдо шуданд. Дар айни замон, ахбори ҷониби сербҳоро ВАУ-и хориҷӣ комилан сарфи назар намуданд.

**Бояд қайд кард, ки чунин қаллобиҳои хабаррасонӣ бисёр вомехӯ ранд.** Масалан, ҷанги Халихи Форсро ширкатҳои махсусе, ки ба рғӣlic қӯ lations машғул буданд, хабарнигорӣ намуданд. Дар назди онҳо як вазифа гузошта шуда буд – иштироки ИМА-ро дар амалиёти ҳарбӣ ҳақҡ бароранд. Дар халасаҳои Конгресс як духтараки номаълуми кувейтӣ батафсил қисса кард, ки чӣ тавр аскарони ироқӣ аз як касалхона кӯ дакони ширхорро берун

бароварда, болои бетон гузоштанд. Ин қисса тасаввуротеро, ки зарур буд, ба вуҷуд овард. Аммо чуноне ки баъдтар маълум гашт, духтаракеро, ки махсус барои ин халаса аз тариқи ба ӯ ёд додани якчанд дарсҳои маҳорати актёрӣ тайёр карда буданд, дар ҷои ҳодиса набуд, зеро вай духтари сафири Кувейт дар ИМА буд ва ба оилаи шоҳ тааллуқ дошт.

**Дар маъракаҳои пахши ахбор, ки ҳамеша амалиёти ҳарбии ӯ рдуи амрикоиро ҳамроҳӣ мекунанд, ду самти равиши онҳоро қайд кардан мумкин аст: хабаррасонии фаврӣ барои ВАУ дар шакли бароящон зарурӣ, кӯмакрасонии гуногун барои рӯзноманигорон ва дар айни замон, муборизаи қатъӣ алайҳи хориҷ шудани ахбори манфӣ ва фишори сахт аз болои онҳое, ки онро интишор медиҳанд.** Умуман, ҷои қайд аст, ки ханбаи пахши ахбори ин низоъҳо нисбат ба ханбаи ҳарбии он на камтар бодиққатона ба нақша гирифта шудаанд. Мутазаккир мешавем, ки ҳангоми бомбаборонкунии Югославия нисбат ба харобкунии марказҳои ҳарбӣ НАТО тақрибан диққати бештарро ба зарбазаниҳо бар зидди шабакаҳои мувосилоти телевизионӣ зоҳир мекард.

Иттиҳоди ҳарбии Атлантикаи Шимолӣ таваҷҷӯҳи зиёдро барои ташаккул додани афкори хамъиятӣ дар кишварҳои ҳамсояи Югославия низ равона месохт. Масалан, маркази хабаррасонии НАТО баъди ба Косово ворид кардани қувваҳои ҳарбии ин Иттиҳод дар Украина чанд маротиба сафари рӯзноманигорони украиниро (ҷолиби диққат аст: онҳо ҳам аз марказҳои хабаррасонии марказӣ ва ҳам музофотӣ буданд) ба Косово ташкил намуд. Ба ҳайати рӯзноманигорони украинӣ асосан онҳоеро дохил намуданд, ки аллакай пештар бо ин Марказ дар тамос буданд ва чандин бор қароргоҳи Иттиҳодро дар Брюссел зиёрат карда буданд. Барои ҳамин, аҷобате надорад, ки ҳарчанд расман нисбати маводи нашр талаботе нагузошта буданд ва рӯзноманигорон барои дастрас намудани ахбор маҳдудияте надоштанд (аз ҳикояти худи рӯзноманигороне, ки ба Косово рафта буданд), воситаҳои ахбори умуми украинӣ ҳодисаҳоро дар рӯ ҳияе, ки барои НАТО мувофиқ буд, тасвир намуданд.

**Дар натиха вазъияти мутазод ба вуҷуд омад: ба шакли умум аҳолии Украина амалиёти НАТО-ро бар зидди Югославия манфӣ қабул карданд, аммо маводи нашрияҳо дар ВАУ-и маҳаллӣ баъди ворид шудани қувваҳои Иттиҳод ба Косово хараёни ҳодисаҳоро дар минтақа аксаран бетарафона ва ё мусбат инъикос намуданд.**

**Мубориза барои ба даст овардани майдони пахши ахбор дар муқоиса бо амалиёти бевоситаи ҳарбӣ аҳамияти камтар надорад**. Масалан, ҳангоми низоъи Доғистон дар тобистони соли 1999 хадамоти махсуси Россия ба нест кардани сайти Мовлади Удугов «Кавказ-центр» дар Интернет диққати калон доданд. Воқеан, чунин маъмул аст, ки барои ғалаба дар ҷанги русҳою чеченҳо дар солҳои 1994-96 дар муқоиса бо қумандонҳои низомӣ саҳми М.Удугов (ӯро русҳо бо лақаби «Геббельси чеченҳо» зикр мекунанд) камтар нест: дар ибтидо ӯ дар ҷанги пахши ахбор бар русҳо ғолиб баромад (обрӯ ю эътибори афзалиятноки Чечняро барпо намуд) ва

баъди он ғалабаи воқеиро дар амалиёти ҳарбӣ ба даст овард. Маҳз танҳо баъди ин таҳлилгарон тасдиқ менамуданд, ки ҷанг дар Қафқоз, қабл аз ҳама, ҷанги ахборрасонӣ аст. «Қумандонҳои низомии чеченӣ ба ҷанги ахборрасонӣ ҳам тайёранд. Возеҳу равшан аст, касе, ки ин ҷангро ба фоидаи хеш ҳал мекунад, ӯро ғолиб меноманд ва касе, ки мағлуб мешавад ҳама чизро барбод медиҳад» (О.Стулов). Боиси қайд аст, ки Россия аз маъракаи аввали ҷанги Чечня хулосаҳои даркорӣ бароварда, дар солҳои 1999-2000 вазъиятро дар фазои ахборрасонӣ ба фоидаи хеш дарҳам шикаст.

Муборизаҳо барои ба даст овардани воситаҳои пахши ахбор (аз ҷумла, марказҳои тедевизион), умуман аҳамияти ҳалкунанда доранд, ки дар бораи он ҳодисаҳои даҳсолаҳои охири асри XX дар фазои баъдишӯравӣ шаҳодат медиҳанд: ҷангҳо барои ба даст овардани маркази телевизион дар Москва дар моҳи октябри соли 1993, ҳухуми мусаллаҳона ба маркази телевизиони Вильнюс дар соли 1991.

**Воқеан, усули асосии муборизаҳои сиёсии дохилӣ дар давлатҳои мутараққӣ барвақт ба ном «ҳарби пахши ахбор» шудааст. Ин ба футурологҳо имкони пешбиниро медиҳад, ки дар оянда ВАУ ҳизбҳои сиёсиро иваз карда метавонанд.**

Фарогирии умумии соҳаи пахши ахбор ба ҳукмронии на абарқудратҳо, балки империяҳои ахборрасонии байналмилалӣ бурда мерасонад, ки воқеиятро дар зери дасташон бунёд сохта, тафаккури оммаро тибқи хоҳиши дилашон бозӣ медоронанд. Муҳаққиқони зиёд дар хусуси таъсири манфии воситаҳои ахбор (хусусан, электронӣ) ба шахсе, ки пайваста ғизои маънавиашро иваз мекунанд, ҳарф мезананд.

**Мудири Пажӯ ҳишгоҳи саломатии психологии Донишгоҳи Мичиган д-р Хеймс Х. Миллер тасдиқ мекунад, ки таъмини инсон бо ахбори аз меъёр гузашта ба вайроншавии мувозинат дар фаъолияти фикрӣ мерасонад ва ба пайдоиши шаклҳои гуногуни касалиҳои рӯ ҳӣ низ иртибот дошта метавонад**.

Файласуф Герберт Маркузе бошад, нақши телевизионро дар масъалаи зӯ ран ба гардани инсон бор кардани «маводи истеъмолии ғалат» ва дигаргун шудани шахсияти комил ба «одами яксон» бориз медонад. Аз он дуртар маънидоди нависандагони хаёлнавис ва утопистҳо аст, ки низоми тоталитарииояндаро ба нақша меоваранд. Асарҳои «451 аз рӯи миқёси Фаренгейт» -и Рей Бредббери, «1984» -и Ҷорх Оруэл нишон медиҳанд, ки ба кадом дараха аҳамияти телевизион дар давлати имрӯ зае, ки майлони хазодиҳӣ дорад, бузург аст. Дар ин асарҳо ВАУ-ҳои электронӣ вазифаи назораткунӣ ва ба гардани омма ихборан бор намудани қолабҳоро адо менамоянд. Ин майлони ба таъкид нишон додани нақши манфии ВАУ дар адабиёт дар вақтҳои охир ошкору маълум авх мегирад. Масалан, агар нависандагони солҳои 1950-80 ба телевизион нақши фақат як олати назорати аҳолиро аз ҷониби ҳокимияти репрессивӣ худо карда буданд, дар романи, масалан, Виктор Пелевин «Gӯ nӯ ation» «П» (соли1999) телевизион аллакай худихтиёр аст ва сиёсат аллакай олати он мегардад – васоити ахбор

воқеияти сиёсиро худашон ба қолаб медароранд. Бояд дар назар дошт, ки роман дар кадом шароити воқеӣ пайдо шудааст: воқеияти Россия барои чунин бофтаю хаёли адабӣ шароити хеле муносибро муҳайё карда буд. Интихоботи президенти Россия дар солҳои 1996 ва 2000 нишон доданд, ки то кадом дараха таъсири ВАУ-ҳои электронӣ ба истеъмолгари он бузург аст. Дар соли 1996 президент Ельцини бемор ва ба сабаби вазъияти ҳалокатовари иқтисодӣ ва воқеан бой додани ҳарби Чечня – номашҳур, ки дар ибтидои маъракаи интихоботи президент рейтинги ниҳоят паст (камтар аз 8%) дошт, ба фазли ташвиқоти шадид дар ВАУ тавонист, ки ба мӯ ҳлати дуюм низ президент интихоб гардад. Солҳои 1999-2000 аз ҷониби ҳамон ВАУ ва боз ҳам амалан дар ҷои холӣ рейтинги баланди вориси ӯ ба вуҷуд оварда шуд. «Дар даврони мо одамон аз телевизион хабар меёбанд, ки онҳо дар бораи чӣ фикр мекунанд. Барои ҳамин ҳам, агар ту якчанд кӯ чаҳоро хариданӣ бошӣ ва баъди ин зоҳири рангпарида ҳувайдо насозӣ, аввал бояд чунон кард, ки дар болои ин кӯ чаҳо манораи телевизиони ту намудор бошад» - мегӯ яд яке аз қаҳрамонони асари «Gӯ nӯ ation» «П».

**Масъалаеро, ки маҳз ВАУ имрӯзҳо дар иғвоангезӣ ва барангехтани низоъҳои мусаллаҳона ва сиёсӣ нақши бориз доранд, мохарохӯ ёни сиёсӣ ҳам хуб мефаҳманд.** Масалан, роҳбари Ҳизби миллӣ-болшевикии русҳо Эдуард Лимонов (Савенко) дар бораи чӣ тавр аз Қрим барпо намудани низоъи миёни Россия ва Украинаро андеша намуда, ташкил намудани ошӯ би оммавӣ ва баъд ба рӯзноманигорон нишон додани даҳҳо хасадҳои мурдагони воҳидоти махсуси милитсияи Украинаро ба нақша кашид. **«Тасвирҳои телевизионӣ ва фотографии аз 50 то 100 хасадҳои мурдагон ба таркиши афкори аҳли ҷомеа мерасонад. Сарлавҳаҳое монанди «воҳидоти махсуси низомии Украина 93 наврасони русро парронданд, ки дар миёни онҳо духтараки 13 солае низ буд» тамоми Россияро аз баробарвазнӣ мебарорад».** Дар идомаи он Э.Лимонов қайд мекунад: ҳатто агар бо мурури вақт муқаррар гардад, ки ин хасадҳо ба ин ҳодиса ягон муносибате надоранд, «ва ба рад кардани ин хабари даҳшатангез шурӯ ъ менамоянд, таъсири ин раддия камтарин хоҳад буд». Дар идомаи он ҳам ба васоити пахши ахбор нақши бориз дода мешавад: ба ҷомеа «хабари ваҳмовар» пешкаш намуда, ба василаи он ба мубориза мусаллаҳона онҳоеро ҷалб сохтан даркор аст, ки ҳоло ҳам дар калавиш қарор доранд. Андешаҳояшро хамъбаст намуда, Э.Лимонов хулоса мекунад: низоъи мусаллаҳонаро дар минтақаи «аз роҳҳои пайвасти ВАУ набояд оғоз кард. **ВАУ ҳамчун объекти таваҷҷӯҳи исёнгарон нисбат ба почта, вокзал ва телеграфи дар махмӯ ъ гирифтаи даврони Ленин аҳамияти бештар доранд».**

**Ҳамаи ин тасдиқи хулосаеро имкон медиҳанд, ки маҳз васоити пахши ахбор ба ҳадафи дурнамои «инқилобчиёни асри XXI» мубаддал мегарданд. Муҳаққиқони ташхиси ҳаводис тасдиқ кардаанд: агар терроризми анъанавӣ ба ҷомеа ҳамчун як низоми том таҳдид нанамудааст, пас терроризми дорои технологияи баланди давраи нав**

**комилан метавонад, ки бӯ ҳрони давлатеро, ки инфраструктураи инкишофёфта дорад, барангезонад (ки воқеан, барои мисол, дар ИМА баъди амалиёти террористӣ 11 сентябри соли 2001 рух дод).** Г.Маркузе, ки асарҳояш ба аъзои гурӯ ҳҳои майлони чапи террористии аврупоӣ илҳом бахшида буданд, навишта буд: «Хомӯ ш кардани телевизион ва дигар ВАУ-ҳои электронӣ метавонанд барои оғози чизе такон бахшанд, ки зиддиятҳои асосии капитализм ба он - ба пурра вайрон шудани низомаш расонда натавониста буданд. Барои ин ҳам, дар бисоти баҳс на мавзӯ и психологӣ ва ё зебошиносӣ, балки поягузории ҳокимияти ахборрасонӣ меистад». Воқеан, симои имрӯзаи инқилобчӣ – террорист бо соҳаи мувосилоти пахши ахбор робитаи зич дорад ва ӯро мисоли чизе дар мобайни хакер ва исёнгар тасвир мекунанд: «Симои ҷанговар бо ноутбуки бе модему бесими ба зини асп бастагӣ – чунин аст қолаби ҷанговари оянда. Аз як сӯ , ӯ барои худ «ақибгоҳи ташвиқу тарғиботро» бо созмон додани клубҳои мубоҳисавии мумтоз таъмин мекунад ва аз сӯи дигар, воҳидҳои ҷангиро ба воситаи почтаи электронӣ идора мекунад». Хакерҳо имрӯзҳо ба воситаи Интернет миллионҳо долларро медузданд, ба ҳуххатҳои электронии хадамоти махсуси низомӣ ворид мешаванд; ҳатто ба ҳарос афтодаанд, ки онҳо ҷанги сеюми хаҳониро иғво наандозанд.

**Дар иртибот бо ин амнияти пахши ахбор дар вақтҳои охир аҳамияти асоситарин пайдо мекунад. Мутахассисон фармудаанд: «Агар давлате ҳамчун бозигари мустақил ба низоми хаҳонии пахши ахбор ва шабакаи мувосилоти телевезион ворид шуда натавонад, пас мустақилият ва истиқлоли он зери шубҳа аст».**

**Боби 7**.

## Ҳуқуқи инсон барои рӯзноманигор: маслиҳатҳои амалӣ

Ин маълумот аз сарчашмаҳои гуногун хамъ оварда шудааст. Онҳо маслиҳатҳои амалиеанд, ки дар асоси таҷрибаи шахсии кормандони IWPҚ дар фарҳангҳо ва вазъиятҳои гуногун ба даст омадаанд.

**Рафтори умумӣ**

Умуман, Шумо бояд танҳо малакаҳои рӯзноманигории хешро то ҳадди охир мавриди истифода қарор диҳед:

1. «Хабарнигори хуб доир ба мавзӯ и ҳимояи ҳуқуқ – фақат хабарнигори хуб аст» .

2. Кори Шумо бояд аз ҳад зиёд дақиқ ва муназзам бошад.

Таваҷҷӯҳи махсусро ба хузъиёт равона созед (Шумо дар вақтҳои зиёд танҳо як имконияти саволдиҳиро доред):

1. Дар бораи ҳамаи чизҳо якчанд бор пурсед, аз дигарон хоҳиш кунед, ки онро такрор кунанд.

2. Видео – воситаи беҳтарини ҳуххатгузорӣ аст.

3. Кушиш кунед, ки далелҳои моддиро вайрон насозед.

Масъалаи вайрон кардани ҳуқуқи инсонро дар доираи мавзӯ и шикояти як миллат аз болои дигар мавриди баррасӣ қарор надиҳед: **ин проблемаи одамизод аст.**

**Дар хотир нигоҳ доред:** ҳангоми «проблемаи ҳуқуқи инсон» ном гузоштани проблема дар назари бисёриҳо Шумо аллакай дар ҷониби ягон нафаре қарор доред:

**-** оре, Шумо худро бо созишномаҳои байналхалқӣ пайванд месозед;

**-** аммо гурӯ ҳҳои гуногуни мухолифин масъалаи ҳуқуқи инсонро ба ҳайси олати ба даст овардани ҳадафҳои хеш мавриди истифода қарор медиҳанд.

**Масоили ахлоқии** ба чоп додани маводи нашр дар бораи вайронкунии ҳуқуқи инсон:

1. Шумо метавонед, ки ба низоъ аланга андозед, агар ахбори нодуруст медиҳед.

2. Ва ё ҳатто ахбори дуруст медиҳед.

3. Ба ин саволҳо посуххҳои сабук вуҷуд надоранд

**Интихоби маводи нашр**

Дар мавридҳои зиёд онро бароятон ҳодисаҳо ва одамони дигар муайян мекунанд.

Бо кадом эҳтиёткориҳо ба назди шахсе рафтан зарур аст, ки ба Шумо бо баёни сухан дар бораи вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқи инсон муроҷиат намудааст?

1. Ин вобаста ба фарҳанги маҳаллӣ аст: ҳар ҷой аз дигараш фарқ дорад.

2. Айбдоркуниҳо ҳар қадар бештар пешниҳод гарданд, ҳамон қадари дигар ба онҳо эҳтиёткорона муносибат кардан даркор аст.

3. Дар ин фарҳанг кадом чизҳо воқеиянд?

4. Кӣ бо кадом шахс мусоҳиба гузаронида метавонад?

5. Оё чизҳое вуҷуд доранд, ки дар бораи онҳо одамон наметавонанд ва ё намехоҳанд ҳарф зананд?

**Проблемаи гендерӣ:** оё Шумо дар гурӯ ҳи муштараки рӯзноманигорон кор карда метавонед?

Ҳамеша дар хотир нигоҳ доред, ки одатан худи Шумо метавонед, ки макони гузоришро тарк гӯед, дар ҳоле ки сарчашмаҳои Шумо на ҳамеша онро иҷро карда метавонанд.

**Маслиҳатҳо:**

1. Андеша кунед, ки оё ба ташкилоти байналхалқӣ муроҷиат кардан зарурат дорад?

2. Дар ҳолатҳои муташанних ба амнияти худатон ҳусни таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоед.

3. Ҳамеша ҳамкасбонатонро огоҳ созед, ки ба куҷо меравед ва кай бозмегардед – якҷоя кор кунед.

**Оё раҳм кардан созишкорӣ аст?**

**Оё ман мустақилияти рӯзноманигориамро барои «кӯмак расондан» ба қурбониён беэътибор намоям?**

**Дар хотир нигоҳ доред:** гурӯ ҳҳои ҳимояти қонун метавонанд тобеъ бошанд:

1. Дар мавридҳои зиёд онҳо бо гурӯ ҳҳои мухолифин робита доранд.

2. Ё аз он бадтар: барои онҳо танҳо вайронкунии қонун аз як ҷониб аҷобат дорад.

3. Эҳтимол, онҳоро, беҳтар мешуд, ки на барои маводи аслии сарчашма, балки барои иқтибосот истифода бурд.

**Мусоҳиба бо зарардидагон ва шоҳидон**

Ҳамеша бо ҳар як фард дар алоҳидагӣ мусоҳиба намоед:

- дар мавридҳои зиёд одамони бисёр мағалу ҳаёҳӯ й барпо мекунанд; дар миёни овозҳои зиёд навиштан мушкил аст;

- ғайр аз ин фишор аз ҷониби гурӯ ҳи одамон ҳикоятро ба осонӣ дигар мекунад.

**Ба таври аниқ худро ҳамчун рӯзноманигор муаррифӣ кунед.**

**Ба таври дақиқ гӯед, ки Шумо кистед, ба манфиати кӣ кор мекунед ва барои чӣ.**

**Пеши роҳи умеду интизориҳои ҳамсӯҳбататон дарҳол монеъ шавед:**

- оё ӯ андеша дорад, ки Шумо ба вай кӯмак мерасонед?

- дар мавридҳои зиёд кӯмакро махсусан аз намояндагони ташкилоти байналхалқӣ мунтазиранд;

- боварӣ ҳосил намоед, ки намояндаи ташкилоти ҳимояти қонун набудани Шуморо мусоҳибатон мефаҳмад.

**Тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ муҳим аст, ки дар бораи ҳодисаи рухдода ҳама иттилоия дошта бошанд:**

- ҳадаф – дар ин хусус барои ҳамаи оламиён ҳикоят кардан даркор аст;

- аммо, эҳтимол, ҷабрдида онро нахоҳад;

- чунин интихобро маъқул донед.

Дар ибтидо бо ҳамсӯҳбат ба мувофиқа оед, ки он шахсро **дар гузоришатон чӣ гуна муаррифӣ мекунед:** оё исмаш номбар шавад ва ё ба таври пӯшида сухан равад?

Агар Шумо розигӣ медиҳед, ки хабарро ба ташкилоти ҳимояти ҳуқуқ интиқол медиҳед, сарчашмаи Шумо ҳуқуқи донистани онро дорад, ки оё ин хабар ба кадом ташкилот пешкаш хоҳад шуд:

1. Мушаххасан: ташкилоти маҳаллӣ? ташкилоти байналхалқӣ?
2. Ва кай ин хабарро интиқол медиҳед?

**Дар аввал ҷузъиёти асосиро аниқ намоед**: ном ва синну соли мусоҳиб.

**Дар хотир нигоҳ доред:** мусоҳиба дар мавридҳои зиёд дар мобайни гуфтугӯ қатъ карда мешавад. Хеле бодиққат бошед, зеро ки одамон дар минтақаи низоъ ба таври хеле зиёд ҷой иваз мекунанд. Дар назар дошта бошед, ки ин ягона имконияти дидори он шахс аст; Шумо фақат фурсати ягона доред.

**Ҷузъиёти иловагиро аниқ намоед:**

- тавсифи равшану возеҳи маконҳо;

- номҳои ҳамаи одамоне, ки дар ҳодисаҳо ширкат варзидаанд, вазифа ва унвонҳои онҳо;

- аломатҳои фарқкунанда дар либоси ҷинояткорон;

- яроқи истифодашуда ва ё дидашуда.

**Дар бораи вақти содиршавӣ ва давомоти ҳодисаҳо чандинкарата пурсон шавед:**

- чӣ, дар куҷо ва кай гуфта шудааст?

- бигзор мусоҳибатон чанд бор такрор намояд....

- «Ман медонам, ки ин бароятон душвор аст, аммо хоҳиш мекунам, ки як бори дигар ҳодисаи рухдодаро ҳикоят мекардед?»

- нақлҳои баёншударо муқоиса кунед (ба ҳам хеле монанданд? хеле монанд нестанд?)

Ҳангоми мусоҳиба пайдоиши ҳаяҷони баландро ба назар гиред:

- агар имкон дошта бошад, танаффусҳо эълон кунед;
- агар имкон дошта бошад, об, чой ва ғайра истеъмол кунед;
- мусоҳиба ҳам барои мусоҳиб ва ҳам барои рӯзноманигор ҷароҳатовар аст.

**Ҳамаи он чизе, ки дар ин ҷо гуфта шуд, даҳҳо бор бештар аҳамият пайдо мекунанд, ки агар сухан дар бораи кӯдакон равад**

**Мусоҳиба бо айбдоршаванда**

1. Боз ҳам, кушод ва бовиҷдон бошед
2. Бигӯед, ки Шумо андешаи вайро дар бораи ин ҳодиса донистан мехоҳед.
3. Вонамуд насозед, ки Шумо аз вай боз як чизи тамоман дигарро хоҳед пурсид: ин ғайриахлоқӣ ва хеле хатарнок аст, агар аз он бохабар шаванд.
4. Шумо барои андешаи шахсии вай дар хусуси ҳодисаҳо фурсати сухангӯиро медиҳед.
5. Ба он шахс дар бораи айбдоркунии ӯ рӯирост нақл карда метавонед.
6. Гумон меравад, ки Шумо на аз аввалинҳоед, ки барояш дар ин бора хабар додаанд.

**Зарурияти махфӣ нигоҳ доштани ном**

1. Қабл аз гузориши мусоҳиба бо сарчашма ба таври анъанавӣ савдо анҷом бидиҳед.
2. Барои ба даст овардани ҳаҷми ахборе иҷозат гиред, ки бештар имкон дошта бошад («модари сисола аз деҳаи Х» нисбат ба «зане» беҳтар аст).
3. Нисбат ба онҳое, ки ба мулоқот бо ВАУ одат накардаанд, ҳассостар бошед.

**Дар нисбати радкунии расмии гуноҳ чӣ бояд кард?**

«Мусоҳибаи мутазод»- ро танҳо баъд аз он гузаронед, ки шаҳодатҳои ҳуҷҷатӣ аз кишвар берун шуда бошанд.

**Муроҷиат ба ташкилоти дахлдор:**

- чизеро анҷом диҳед, ки дар бораи он бо мусоҳиб аҳд баста бошед;
- дар бораи мусоҳибон танҳо дар ҳолате хабар дода метавонед, ки агар онҳо дар ин бора бароятон розигӣ дода бошанд;
- ҳуқуқи онҳоро дар бораи ҳифз намудани пӯ шидагии номашон аз хотир набарореd;
- Шумо маълумоти гуногун дошта метавонед; дар бораи яке аз онҳо Шумо иҷозати интиқолашро гирифтаед; дар бораи хабари дигар – не; дар хотир нигоҳ доред, ки шумоён дар бораи чӣ аҳд баста будед.

**Баъди навиштани мақола ... хулоса:**

1. Ба ҳамкасбонатон дар маҳалҳо боварӣ дошта бошед: онҳо вазъиятро хубтар медонанд.

2. Худатон ба маводе барои таҳқиқоти вайронкунии ҳуқуқи инсон мубаддал нашавед.

3. Дар бораи ҷанбаи ахлоқии гузоришатон ва эҳтимоли аланга гирифтани низоъ андеша кунед.

4. Ба ҳимояи маълумотҳо диққати махсус диҳед.

5. Ҳамаи қайдҳо ва плёнкаҳоятонро (эҳтимол, бо муҳайё шудани имконияти аввалин бароятон лозим меояд, ки онҳоро аз кишвар хориҷ созед) эҳтиёткорона ҳифз намоед.

6. Дар компьютератон ба унвони тамоми маводе, ки ба вайронкунии ҳуқуқи инсон иртибот доранд (барномаи бемузд дар сайти www.pgpi.okg вуҷуд дорад). коди рамзӣ гузоред.

7. Файлҳои код гузоштаро ба унвони Шумо дар Hotmail ва ё ба ҷои дигар берун аз кишвар ирсол намоед, то ки онҳо дар ҳолати пайдошавии проблемаҳои эҳтимолӣ дар ҷои бехатар боқӣ монанд.

8. Ҳимояи сарчашмаҳои Шумо метавонад масъалаи ҳаёт ва марг бошад.

**Дар хотир нигоҳ доред, ки рӯзноманигор кадом навъи захму хароҳатро мебардорад:**

1. Ба шоҳидии зарардидагон ва шоҳидон машғул шуда, хабарнигорон ва муҳаррирон дар бисёрии вақтҳо фаромӯш мекунанд, ки онҳо ба чӣ гуна таъсиррасониҳои сахти психологӣ мувоҷеҳ мешаванд.

2. Ба садамаи сахти эҳсоси корӣ ва аломатҳои садамаи сахти эҳсос ҷиддӣ муносибат кунед.

**Рӯзноманигорӣ дар масоили ҳуқуқи инсон ҳақиқатан рӯзноманигории соҳибсифатест, ки бар таҳқиқоти пухтаю дақиқ асос меёбад.**

**Боби 8.**

## Интернет ва рӯзноманигор: дӯстӣ то абад

Рӯзноманигорони зиёди давраи «обутоби шӯравӣ» на як бору ду бор бароятон мегӯянд, ки компьютер фақат барои он даркор аст, ки онро ба ҷои мошини ҳарфчопкунӣ мавриди истифода қарор диҳанд. Каси дигаре аз миёни онҳо ҳатто муҳаббати худро ба қалами сиёҳидор изҳор мекунад ва мегӯяд, ки қалам дар муқоиса бо компьютер ба як маънӣ, дорои як рӯҳест ва афкору эҳсоси муаллифро хубтару беҳтар баён мекунад.

Ба ин суханҳо бовар накунед! Дар олами муосир рӯзноманигор бе компьютер баробари ронандаи бе мошин ва ё хӯрокпази бе манқали газӣ аст.

Компьютер барои рӯзноманигор нисбат ба намояндагони касбу корҳои дигар **аҳамияти калон** дорад. Қабл аз ҳама, вай барои ташкил намудани кор ҳамчун **манбаъи маълумот**и босамар ва мӯ ътамад (тӯ даи бузурги коғазҳо дар идораи рӯзнома ба «рӯ зи гузашта» табдил меёбанд) маҳсуб аст. Компьютер барои қабул ва ирсол намудани почтаи электронӣ, барои анҷомдодани дигар корҳои бисёри рӯзноманигорӣ зарур аст. Аммо аз ҳама муҳимтараш, компьютер барои рӯзноманигор барои ба Интернет – имконияти муҳимтарини асри XXI ворид гаштан лозим аст.

### Интернет ба рӯзноманигор барои чӣ даркор аст?

Рӯзноманигор бо далоили воқеӣ, воқеаҳо ва андешаҳое сарукор дорад, ки онҳоро ба низом меорад, мавриди дарки хеш қарор медиҳад, шарҳ дода, пешкаш менамояд. Дар фаъолияти хеш ба рӯзноманигор зарур меояд, ки **сарчашмаҳои зиёду гуногуни ахборро** мавриди истифода қарор диҳад. Яке аз ин сарчашмаҳо Интернет аст.

Аҳамияти Интернетро барои рӯзноманигор ба тарзи дигар қадр намудан душвор аст. Аввалан, чуноне ки мутазаккир шудем, ин сарчашмаи ахбори гуногун аст, ки онро ҳам барои мониторинги ахбор ва ҳам барои навиштани маводи таҳлилӣ ва гузаронидани таҳқиқоти рӯзноманигорӣ истифода бурдан мумкин аст. Дар Интернет ба осонӣ **ахбори альтернативиро ёфтан ва дар нисбати як ваколати ахбор ва ё сарчашмаи давлатии хабарҳо мустақилиятро сарфароз шудан мумкин аст.**

Дар Интернет ба **саволҳое, ки таваҷҷӯҳатонро ҷалб кардаанд, дарҳол посухҳоро ёфтан** ва ба зудӣ **далоили воқеӣ ва номҳоро тафтиш кардан** мумкин аст. Дар архивҳои шабакавӣ бе ягон душворӣ **ахбори дар гузашта пахшшударо** ёфтан ва ба осонӣ **бо мутахассисони ташхисгар** дар тамоми олам **тамос гирифтан** мумкин аст. Изофа бар он, Интернет як **доираи универсалии ахборрасонӣ аст.** Китобҳо, матбуот, радио, телевизион, кино, мулоқоти шифоҳӣ ва хаттӣ батадрих хусусияти хешро аз даст медиҳанд ва дар фазои ягонаи ахборрасонӣ маҳлул мегарданд.

Ғайр аз ин, Интернет – **воситаи босамари тамосгирӣ аст**, ки дар масоили зиёд бар телефон, факс ва дигар воситаҳои алоқаи анъанавӣ афзалият дорад. **Интернет – ВАУ дар бозор ВАУ-и анъанавиро танг мекунанд**, ки дар аксари мавридҳо аз лиҳози пахши фаврӣ ва ҳам сифати корбаст намудани ахбор аз онҳо болотар меистанд. Дар Интернет синфи нави рӯзноманигорон ташаккул меёбанд; рӯзноманигории on-linӯ бо усулҳо ва воситаҳои хеш равнақ мегирад.

Хуллас, Интернет барои рӯзноманигор, ҳамчун барои инсоне, ки бо ахбор сарукор дорад**, олати муҳимтарини меҳнат аст.**

Аммо дар амалия проблемаҳо вомехӯ ранд:

**Хароҷот:**

- дастрасии Интернет;
- пардохти обуна барои нашрияҳои электронӣ;
- архивҳо бастаанд ва ё муваққатан маҳдуд шудаанд;
- нархи хизматрасониҳои касбӣ гаронанд.

**Бартарӣ доштани ахбор ба забони англисӣ ва қабл аз ҳама, баромади амрикоӣ дошта:**

- дар ИМА Интернет барвақттар пайдо шуда буд;
- дар кишварҳои англисзабон қонунҳо дар бораи озодии ахбор воқеӣ амал менамоянд;
- сифати тарҷума дар шабака барои рӯзноманигор ҳанӯз боварибахш нест.

**Чӣ тавр бояд амал кард?** Дар ҳамкорӣ бо рӯзноманигорони дигар амал бояд намуд.

**.** Тавассути почтаи электронӣ бо рӯзноманигорони дигар дар тамоми гӯшаҳои олам дар тамос будан мумкин аст.

**.** Аз онҳо тарҷумаи маводро хоҳиш кунед.

**.** Бар ивази он тарҷумаи маводеро, ки барои онҳо даркор аст, пешниҳод кунед.

**.** Ҳамеша дар тамос будан ва ба ҳамдигар кӯмак расондан даркор аст.

**Оё ахбор хеле фаровон аст?**

. Ҳамин тавр мегӯянд аммо ин дуруст нест.

. Партовҳои хеле зиёди ахбор – ин дуруст аст.

. Проблема – норасоии ахбори босифат дар шабакаи сайтҳои аксари кишварҳо.

**Қобили эътимод набудани ахбор**

**С**аҳифачаҳо ва сайтҳои бисёр, аммо дорои сифати шубҳанок

**Ба кадом сайтҳо бовар кардан мумкин аст**?

**1. ВАУ-ҳои чопии анъанавӣ, маъмулан, сайтҳои босифат доранд (Би-Би-Си, «Нью-Йорк таймс», «Уолл стрит джорнэл», «Гардиан», «Вашингтон пост», «Иқтисодчӣ» ва ғайра).**

**2. Ба номҳои рӯзноманигорон ва номҳои сайтҳо таваҷҷӯҳ кунед.**

Оё ин номҳо барои Шумо маълуманд?

Номи ин номҳоро барои ҷустуҷӯ ворид созед. Кӯшиш намоед, ки дар бораи ин номҳо дар шабака бештар малумот хамъ намоед.

**3. Ба ҒҚL (Муайянкунандаи универсалии манбаъи ахбор) диққат кунед.**

Аз сайтҳои шахсӣ ҳазар кунед.

Дар назар дошта бошед, ки аломати доменҳои .com ва .оқg кафолате намедиҳанд.

Баъзе нашрияҳои донишгоҳӣ (дар ИМА: .ӯ dғ) боэътимоданд ва баъзеи онҳо – не.

**4. Ба дизайни сайт таваҷҷӯҳ кунед.**

Ҳар қадар он босифат бошад, ҳамон қадари дигар маблағи пулӣ барои он сарф шудааст ва ҳамон қадар соҳибаш бойтар аст.

Аммо дар хотир дошта бошед, ки дизайни қиматбаҳо сифати хуби ахборро кафолат дода наметавонад.

**5. Кӯ шиш намоед, ки истинодҳо бар ахборро дарёбед**

Дар кадом сайтҳо истинод ба ин сайтҳо вуҷуд доранд?

Агар ба ин сайт сайтҳои дигари боэътимод истинод варзанд, пас, ба онҳо бовар кардан мумкин аст.

**6. Ҳамкасбҳоятонро дар кишваратон ва дар хориҷа дар бораи ин сарчашма бозпурсед.**

**Аз Интернет кадом манфиатро бемузд баровардан мумкин аст?**

1. **Хондани ахбори охирин дар сайтҳои машҳур.**
2. **Дарёфти маълумоти хабарии умумимазмун**
3. **Дарёфти хабар дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ**
4. **Дарёфти хабар дар бораи ашхоси ҳуқуқӣ**
5. **Аз нав тафтиш намудани далоили воқеӣ ва номҳо**
6. **Ёфтани одамон**
7. **Дарёфти хабар дар сайтҳои махсуси рӯзноманигорӣ**
8. **Фош сохтани хабари нодуруст**

**Низомҳои машҳури кофтукови ахбор:**

**www.altavista.com**

**www.googlӯ .com.қғ**

**www.yahoo.com**

**www.қamӣlӯ қ.қғ**

**www.apoқt.қғ**

**www.yandӯ x.қғ**

**www.wӯ ӣlist.қғ**

**Созмон додани ҷои кор**

1. Аз миёни бисёрии машҳурон маҳз ҳамон захираи ахбор ва хадамоти хабаррасониро интихоб намоед, ки барои Шумо заруранд ва «ишоракоғазе» (рӯихати сайтҳо - интихобшуда) –ро ба ин захираҳою хадамоти хабаррасонӣ дар байни истинодҳои муназзам гузоред.

2. Баъзе рӯзноманигорон барои ин мақсад сайтҳои худро барпо месозанд. Ҳамин тариқ, онҳо Интернетро «дар тобеияти худ» ташкил медиҳанд.

**Маслиҳатҳо:**

**. Бодиққатона ва бе саросемагӣ кор кунед. Саросемагӣ – душмани дақиқкорӣ аст.**

**. Дар хотир нигоҳ доред: эътимоднок будан – ҳангоми интихоб намудани сайт аломати ҳалкунанда аст.**

**. Бо як сарчашма ва ё як низоми кофтукови ахбор банд шудан шарт нест. Дигаронро низ мавриди истифода қарор диҳед ва агар имкон дошта бошад – бештар.**

**. Бо рӯҳияи амалӣ фаъолият кунед.**

- Дар шабака вуҷуд доштани ахбор дар бораи «Х» тасдиқи вуҷудияти худи «Х» ва ё далоили воқеие, ки ба «Х» иртибот доранд, мебошад.

- Аммо дар шабака вуҷуд надоштани ахбор дар бораи «Х» ҳанӯз маънои онро надорад, ки «Х» вуҷуд надорад.

**Проблемаҳои дар доираи қонуният ба таъдил овардани Интернет:**

Интернет бо вуҷудият пайдо кардани хеш **маҳдудиятро дар эҷод ва интишор намудани ахбор аз байн бардошт.** Дар айни замон, вай дар назди ҳокимиятдорон вазифаи ҷустуҷӯ и қарорҳои нави қонуниро дар муносибат ба Интернет ба миён овард. Ҳокимияти давлатҳои гуногун, аз ҷумла, давлатҳои Осиёи Марказӣ аз Интернет **сахт тарс доранд.** Онҳо аз як чиз хурсанданд, ки Интернет чун пештара барои аксари одамон дастрас нест.

**Интернет - аз зуҳуроти байналхалқӣ аст**, ба таъдил овардани он дар доираи давлат ва ё давлатҳои алоҳида ғайримумкин аст. Созишномаҳои байналхалқие заруранд, аммо ба имзо расидани онҳо дар солҳои ояндаи дур имкон дорад.

Дар Интернет гунаҳкоркуниҳои зиёдеро бар зидди ҳукумати ин ё он давлат, маълумоте, ки асрори давлатиро фош мекунанд ва ғайра ёфтан мумкин аст. **Аммо ҳуқуқи анъанавӣ ҳанӯз барои ҳимояи ҳокимиятҳо аз маҳсулоти ахбории Шабака мутобиқ кунонда нашудааст**. Роҳи ягона ва воқеӣ барои таъмин намудани амнияти ахборрасонӣ - маҳдуд кардани дастрасӣ ба сайтҳои «номақбул» аз тариқи муҳосираи онҳо мебошад.

Аммо Интернет аз азал чунин ихтироъ ва ҷорӣ шудааст, ки ҳамчун **воситаи озоди интишори ахбор** хизмат мекунад. Барои ҳамин ҳам масъалаи ба таъдил овардани Интернет аксуламали аҳли ҷомеаро ба вуҷуд хоҳад овард.

**Проблемаи ҳимояи ҳуқуқи муаллиф дар Интернет.**

1. Дар бораи ҳуқуқ дар Интернет (муродифҳои англисии суӣӯ қlaw, wӯ ӣlaw, Intӯ қnӯ t law) ҳамчун соҳаи алоҳидаи хуқуқ ҳанӯз вақти суханронӣ нарасидааст.

2. Ягон навъи фишанги махсуси ҳимоя намудани ҳуқуқи муаллиф дар Интернет **ҳанӯз вуҷуд надорад.**

3. Намунаҳои вуҷуддоштаи ҳимояи ҳуқуқи муаллиф дар дараҷаи бештар нисбат бар ҳуқуқ бар технология ва ахлоқ асос меёбанд.

**Чӣ бояд кард, ки агар Шумо барои ВАУ маводро аз тариқи Интернет ба чоп медиҳед?**

1. Ба сарчашма истинод оваред (номи нашрияи шабакавӣ ва ё сайт ва номи худи муаллифро қайд намоед).

2. Агар Шумо чизеро барои нашрияи шабакавӣ менависед, ҳатман ҒҚL – унвонҳои истинодотро ба сарчашма нишон диҳед.

3. Агар Шумо мехоҳед, ки матни шабакавӣ ва ё тарҷумаи онро ба шакли пурра ба чоп расонед, - бо муаллиф дар тамос бошед ва аз ӯ иҷозати чопро пурсед. Маъмулан, ҳаргуна маводҳои дар Интернет воридшуда унвони почтаи электронии муаллифро дорад – аз он истифода баред. Агар маводҳои шабакаро бе розигии муаллиф истифода мебаред, Шумо ҳам қонун ва ҳам қоидаҳои оддитарини ахлокро вайрон мекунед.

4. Ҳангоми вуҷуд доштани ахбори копирайтӣ дар сайт, бо шартҳои истифода бурдани мавод бодиққат шинос шавед ва он шартҳоро риоя намоед. Маъмулан, онҳо танҳо тақозо доранд, ки дар вақти айнан такроршавии афкор ва ё иқтибос ба сарчашмаҳо истинод оварда шавад.

Монанди соҳаҳои дигари иҷтимоӣ, дар Интернет қонун ва қоидаҳои махсус вуҷуд доранд, ки рафтори аъзои иттиҳодияашро ба таъдил оварда, бе дахолати қувваи беруна вуҷудияти хешро таъмин менамояд. Ин қоидаҳо номи Nӯ tiqғӯ ttӯ (тарзи рафтор дар шабака) –ро гирифтаанд.

Хусусиятҳои рӯзноманигории on-linӯ :

1. Мухтасарбаёнӣ
2. Ба қисматҳо тақсим намудани он
3. Аз ҳисоби истифодаи истинодоти гиперматнҳо иҷро кардани тавсиъаҳои номунтазам.

Имконияти ба чоп додани маводи нашр аз рӯи дараҷаи воридшавиашон ба он оварда мерасонад, ки дар мавридҳои зиёд нашрияҳои шабакавӣ **нисбат ба рӯзномаҳова телевизион охилтар** амал менамоянд.

Ғайр аз ин, шаклҳои гуногуни алоқаи хавобӣ ба хонандагон имконият фароҳам меорад, ки дар эҷоди маҳсулоти ахборрасонӣ фаъолона ширкат варзанд ва **фосилаи байни муаллиф ва хонандаро то ба нестӣ баранд**.

**Таваҷҷӯҳ, камбудиҳо!** Сабукии чопи мавод дар ҳолати имконпазири пӯ шида нигоҳ доштани ном метавонад то ба **сӯ ӯистеъмоли он расонад.** Маълумоти дурӯғ, асардуздӣ, моҷароҷӯӣ, тасвирҳои фоҳишагарӣ, қаллобгарӣ, дуздӣ, - ҳамаи инҳо аз воқеиёти Интернетанд.

**Хулосаҳо:**

1. Дар давоми солҳои охир Интернет аз воситаи алоқаи технологияи олӣ то ба дараҷаи субъекти мустақили робитаҳои оммавӣ, ба бозингари мустақил табдил ёфт. Он дар баробари ВАУ чопӣ ва электронӣ, аллакай на оинаи воқеият, балки офарандаи он аст.: маҳз нашрияҳои интернетии амрикоӣ ханҷолро бо Моника Левински «ба гардиш» овардананд, номи рӯзноманигори интернетии украинӣ қариб ба қаҳрамон табдил меёфт.

2. Чунин шуморида мешавад, ки Интернет қобилият дорад, ки дар ҳолати фарогирии 3% аҳолӣ ба раванди сиёсӣ таъсири воқеӣ расонда метавонад. Аз рӯи мушоҳидаи дақиқи як шахси номаълум, агар ҳодисаҳои Ҷанги якуми хаҳонро олам аз рӯи рӯзномаҳофаҳмида бошад, Ҷанги дуюми хаҳонӣ дар шакли радиошунавонӣ мушоҳида мегардид, ҳарбҳои амрикоиҳо бо ветнамиҳо ва ҳарбҳои баъд аз он ба воситаи телевезион ба маърази тамошо гузошта шуда буданд, аммо аз ибтидои низоъи Косово маҳз Интернет сарчашмаи асосии ахбор ба ҳисоб меравад – тавассути он ҷанги мазкурро дар низоми вақти реалӣ мушоҳида намудан имкон дошт.

3. Сарфи назар аз он, таъсири Интернетро ҳанӯз на мустақим, балки мутавассит номидан лозим аст: ба он на оммаи васеи аҳолӣ, балки ашхоси сиёсӣ, зиёиён, сиёсатшиносҳо, рӯзноманигорон ҷалб шудаанд; сиёсатмадорон ва корчаллонҳои зиёд рӯ зи кориашонро аз муоинаи сайтҳои Интернет оғоз менамоянд.

4. Интернет нисбат ба ВАУ барои ҳокимиятдорон нозуктар аст. Он таҳти назорати онҳо қарор гирифта наметавонад ва дар ҳолати таҳдиди воқеӣ аз ҷониби ҳокимият ба кишвари дигар кӯчидан ҳатмӣ нест – сайтро аз ҳар гуна интернет-кафе аз сари нав боз кардан мумкин аст.